АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКӢ

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 891.55+008(55) (83.3 Эрон+71(5 Эрон))

**АЛИЕВ СУЛТОН МАҲМАДШАРИФОВИЧ**

# В. А. ЖУКОВСКИЙ ВА АДАБИЁТИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ: ШИНОХТ, БАРРАСӢ ВА НАҚД

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ)

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ
Юсуфов Умриддин Абдукофиевич

ДУШАНБЕ – 2024

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА ……………………………………………………………......3-5
ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ ...........................................................6-10
БОБИ I. ЗИНДАГИНОМА ВА ОСОРИ В.А. ЖУКОВСКИЙ...............11-36
1.1. Шарҳи ҳоли илмии В.А. Жуковский ……………………................11-28
1.2. Осори илмии В.А. Жуковский ………………………………...........29-36

БОБИ II. МАСЪАЛАҲОИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР БАРРАСИИ В.А. ЖУКОВСКИЙ..................................................37-86
2. 1.Таҳқиқи аҳволу ашъори Анварӣ...................................................37-48
2.2. Умари Хайём дар чашмандози илмии В.А. Жуковский…............49-63
2.3. Назари В.А. Жуковский ба адабиёти аҳди Сомониён……..............64-67
2.4.Таҳқиқ ва тарҷимаи осори адабиёти тасаввуфӣ ………..................68-79
2.5.Таҳқиқи ҳаёт ва осори Абдуллоҳи Ансорӣ.....................................80-86

БОБИ III. САҲМИ В.А. ЖУКОВСКИЙ ДАР ҶАМЪОВАРӢ, ТАСНИФ ВА ТАҲҚИҚИ ОСОРИ ШИФОҲИИ МАРДУМИ ЭРОН…….........87-141
3.1.Масъалаҳои адабиёт дар пажуҳишҳои таърихшиносии
В.А. Жуковский……...........................................................................87-131
3.2.Арзиши илмии таҳқиқоти осори забоншиносии
В.А. Жуковский.................................................................................132-141

ХУЛОСА ……………………………………………………...............142-148
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ
ТАҲҚИҚ.............................................................................................149-150
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ…………………………………….................151-162
НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ
ДИССЕРТАТСИЯ...........................................................................163-164

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Валентин Алексеевич Жуковский (1858-1918) дар соҳаҳои гуногуни эроншиносӣ, мисли забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, шевашиносӣ, таърих, фолклор ва ирфону тасаввуф таҳқиқоти пурарзиш анҷом дода, шуҳрати ҷаҳонии эроншиносии русро афзудааст. Дар бораи арзиши илмии осори ӯ муҳаққиқон В.В. Бартолд, С.Ф. Олденбург, А.А. Ромаскевич, М.Н. Боголюбов, В. Истрин, Ю.Э. Боршевский, О.И. Смирнова, А.Т. Тоҳирҷонов, П.П. Бушев, С.М. Шапшал, М.М. Умняков, А.М. Мугинов ва дигарон изҳори назар намуда, хидматҳои ӯро дар соҳаҳои гуногуни эроншиносӣ нишон додаанд. Ба хидматҳои эроншиноси рус муҳаққиқони хориҷӣ низ ишораҳо намуда, ба осори ӯ баҳои баланд додаанд. Шарқшиноси машҳур Э. Браун ба таҳқиқи В.А. Жуковский баҳои баланд дода, бахусус, иқдоми ӯро дар таъйини рубоиёти асили Умари Хайём бузург донистааст.

Хидмати бузурги В.А. Жуковскийро дар хайёмшиносӣ донишмандони дигар мисли В. Ф. Минорский, Р. Алиев, М.Н. Усмонов, З.Н. Ворожейкина ва дигарон низ тасдиқ кардаанд. Вале то ҳол дар бораи ин донишманди маъруф таҳқиқоти ҷудогона анҷом наёфтааст ва куллиёти осори илмии ӯҷамъоварӣ ва нашр нашудааст. Имрӯз анҷоми ин кор хеле зарур аст, зеро асарҳои илмии В.А. Жуковский асосан дар асри XIX ва ибтидои асри XX ба теъдоди кам нашр шудаанд ва ҳоло ноёб мебошанд. Мо аксари асарҳои В.А. Жуковскийро аз бойгониву музейҳо ва фондҳои донишмандони маъруф С.Ф. Олденбург ва М. Андреев пайдо намуда, мавриди баррасӣқарор додем. Бори аввал ба шарҳи муфассали аҳвол ва таҳлили асарҳои илмии эроншиноси маъруф пардохта, саъй намудем, ки бозёфтҳои илмӣ ва кашфиёту дастовардҳои ӯро ба қалам диҳем ва хидматҳои шоистаи ӯро дар пешрафти эроншиносии рус муайян созем. Ҳамчунин ба саҳми В.А. Жуковский дар тарбияи эроншиносони ҷавон, ташкили мактаби илмии шарқшиносии рус дар Санкт - Петербург таваҷҷуҳ

намуда, фаъолияти омӯзгорӣ ва созмондиҳии ӯ низ мавриди баррасӣқарор дода шуд, ки барои муайян кардани ҷойгоҳиӯ дар эроншиносии рус бисёр муҳим аст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ**. Адабиёт, таърих, забон ва фарҳанги мардумони эронӣ аз замонҳои қадим таваҷҷуҳи сайёҳону донишмандони оламро ҷалб намудааст. Дар омӯзиши ин фарҳанги ғаниву бостонӣ, махсусан, саҳми шарқшиносони рус хеле назаррас аст. Асри XIX-ро метавон аз давраҳои дурахшони шарқшиносии рус, бахусус, бахши эроншиносии он донист. Рушду тавсеаи робитаҳои сиёсиву иқтисодии Русия бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ин давра ба ташаккулу такомули эроншиносӣ замина муҳайё намуд. Эроншиносӣ, ки то ин давра бештар ҷанбаи сайёҳӣ дошт, хусусиятҳои илмиву таҳқиқотӣ касб намуда, ба шохаи муҳимми шарқшиносии рус табдил ёфт. Шарқшиносони маъруф В.В. Бартолд, С.Ф. Олденбург, А. Кримский, В.Р. Розен, К.Г. Залеман, В.Ф. Минорский, И.Н. Березин, Б. Дорн, А.А. Ромаскевич, Н. Хаников, В.А. Иванов, В.В. Григорев, Е.Э. Бертелс, Ю.Н. Марр, К. Чайкин, А.Семенов ва дигарон ба таҳқиқи масъалаҳои муҳимми эроншиносӣ машғул шуда, Русияро ба яке аз марказҳои асосии эроншиносии олам табдил доданд. Яке аз пешсафону саромадони эроншиносии рус дар асри XIX Валентин Алексеевич Жуковский буд.

Ҳаёту эҷодиёт, хусусан, осори ба фарҳангу адабиёти Эрон бахшидаи ӯ аз ҷониби адабиётшиносону муҳаққиқони муосири Эрон, Тоҷикистон, Русия ва ховаршиносони дигари Аврупо ба таври густарда баррасӣ нагардидааст. Танҳо ҷо-ҷо дар мақола ва осори таҳқиқотии асрҳои нимаи дуюми садаи XX ва китобҳои таърихи адабиёти муҳаққиқони муосир баъзе маълумот роҷеъ ба рӯзгор ва осори ин ховаршинос ба назар мерасад.

Дар ин мақолаҳо на дар бораи ҷараёни зиндагӣ ва на оид ба эҷодиёти ӯ маълумоти аниқ ва фикри дурусту якранг ба назар мерасад. Дар бораи рӯзгор ва осори В.А. Жуковский ҳарчанд мақолаҳои ҷудогона чоп шудаанд, вале дар ин бора ҳанӯз таҳқиқоти густардаву комил ба вуҷуд

наёмадааст ва  лаҳзаҳои зиёди ҳаёти ӯ равшан нашудааст. Дар мақолаҳои шарқшиносони маъруф В.В. Бартолд, С.Ф. Олденбург, В. Истрин, Н.И. Умняков, М.Н. Боголюбов, П.П. Бушев, Ю.Е. Борщевский, О.Н. Смирнова, А.М. Мугинов ва дигарон ҷанбаҳои гуногуни рӯзгор ва осори В.А. Жуковский мавриди баррасӣқарор гирифтаанд. Махсусан, П.П. Бушев дар асоси маводи бойгонӣ ва номаҳои В.А. Жуковский шарҳи ҳоли муфассали ӯро ба қалам додааст, ки мо бештар ба он такя менамоем.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таълиф шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади асосии диссертатсия омӯзиши зиндагӣ, ҳаёти илмӣ, осори илмӣ, муайян намудани мавқеъ ва ҷойгоҳи яке аз эроншиносони тавонои охирҳои асри XIX ва авалҳои асри XX-и рус В.А. Жуковский мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Дар рисола ҳаллу фасли ҳадаф ва вазифаҳои зерин ба миён гузошта шудааст:

– мурур ба зиндагӣ ва ҷараёни рушди шахсияти илмии В.А. Жуковский;
– таҳқиқи масъалаҳо ва мушкилаҳои таълифоти илмии В.А. Жуковский дар заминаҳои адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, фолклор ва адабиёти ирфонӣ;
– таҳқиқи аҳволу ашъори Анварӣ ва Умари Хайём дар осори илмии В.А. Жуковский, ки дар ховаршиносии аз ҷумлаи таҳқиқоти нахустин ба шумор меравнд;
– баррасии адабиёти аҳди Сомониён аз дидгоҳи В.А. Жуковский;
– баррасӣ, тарҷума ва таҳқиқи осори тасаввуфии адибони форсӣ;
– таҳқиқи осори Абдуллоҳи Ансорӣаз зовияи диди В.А. Жуковский;
– баррасии осори шифоҳии мардуми эронӣ ва гӯишҳои форсӣ аз ҷониби ховаршиноси рус;
– таҳқиқи масъалаҳои адабӣ дар осори таърихшиносӣ ва забоншиносии В.А. Жуковский;
– муайян намудани мақом ва ҷойгоҳи В.А. Жуковский дар илми ховаршиносони рус.

**Объекти таҳқиқро** густариш ва пажуҳиши робитаҳои илмию адабии русию форсӣ ташкил медиҳанд.

**Предмети таҳқиқ.** Предмети пажуҳишро масоили марбут ба осори таҳқиқотии В.А. Жуковский ва мактубу мақолаҳои интишорнамудаи ӯ дар маҷаллаҳои илмии Русия ташкил медиҳанд.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Асосҳои назариявии таҳқиқ ба равишу усулҳои пажуҳишии олимони ватанӣ, чун А.Т. Тоҳирҷонов, М.Н. Усмонов, М. Муллоаҳмад, С. Забеҳуллоҳ, А. Мирзоев, А. Афсаҳзод, А. Сатторзода, Ш. Мухтор ва афкори назарии олимони хориҷӣ, аз ҷумла В.В. Бартолд, С.Ф. Олденбург, А. Кримский, В.Р. Розен, К.Г. Залеман, В.Ф. Минорский, И.Н. Березин, Б. Дорн, Н. Хаников, В.А. Иванов, В.В. Григорев, Е.Э. Бертелс, Ю.Н. Марр, К. Чайкин, А. Семенов, А.А. Ромаскевич, М.Н. Боголюбов, В. Истрин, Ю.Э. Боршевский, О.И. Смирнова, П.П. Бушев, С.М. Шапшал, М.М. Умняков, А.М. Мугинов ва дигарон такя мекунад.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Дар ҷараёни таҳқиқ ва таълифи рисола мо аз усули методологии таърихию адабиётшиносӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили дохили матнӣ ва дастовардҳои муосири ховаршиносии рус истифода шудааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Сарчашмаи таҳқиқи мо, пеш аз ҳама, осори илмии В.А. Жуковский мебошад, ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX чоп шудаанд. Бо асарҳои чопшудаи ӯ, ки дар бойгониҳои Институти шарқшиносии АИ Русия дар Петербург ва китобхонаи оммавии Петербург маҳфузанд, тавассути мақолаҳои П.П. Бушев ва Ю.Е. Боршевский ошноӣ пайдо кардем. Ҳамчунин, барои барқарор намудани зиндагинома ва таҳқиқи осори илмии В.А. Жуковский аз мақолаҳои шарқшиносони шинохта В.В. Бартолд, С.Ф. Олденбург, М.Н. Боголюбов ва дигарон истифода шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Навоварӣ ва аҳаммияти илмии рисолаи мавриди таҳқиқ қарор гирифта аз он иборат аст, ки дар он бори нахуст дар адабиётшиносӣ ҷузъиёти зиндагонӣ, таҳқиқот ва осори илмии яке аз эроншиносони тавонои охирҳоиасри XIX ва аввалҳои асри XX-и рус В.А. Жуковский ва хусусияту методҳои омӯзиши он ба таври монографӣ ва ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ гардидааст. Дар рисола ба ҷуз аз осори адабиётшиносӣ, ҳамчунин, дар бораи рисолаву мақолаҳои фанҳои

таърихшиносиву забоншиносӣ ва мардумшиносӣ (этнографӣ)-и муҳаққиқ ба таври муфассал таваққуф карда шудааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Пайвандҳои адабӣ ва илмии ховаршиносии русу форсӣ асосан аз асри XIX оғоз ёфта, ба рушди илми ховаршиносӣ, аз ҷумла форсишиносӣ асос гузоштанд, ки дар ин самт, бешак саҳми В.А. Жуковский назаррас мебошад ва барои барқарор шудани ин пайвандҳои илмӣ ва густариши робитаҳои адабии ин давра ба ҷуз аз мақолаҳои алоҳида, таҳқиқоти ҷудогона ба назар намерасанд. Азбаски саҳми В.А. Жуковский дар шаклгирӣ ва рушди самти форсишиносии рус бузург аст, таҳқиқи ин мавзуъ то андозае халои мавҷударо пур мекунад.

2. Омӯзиши фаъолияти илмии ховаршиноси маъруфи рус В.А. Жуковский, ки асосгузорони ховаршиносии рус дар бахши форсишиносӣ мебошад, нишон дод, ки то кунун рӯзгору осори ӯ ба таври илмӣ мавриди таҳқиқи ҷудогона ва монографӣ қарор нагирифтааст. Баин далел, бо такя ба навиштаҳои худи олим, хусусан, номаҳои ӯ ба устодону дӯстонаш саъй карда шуд, ки зиндагинома ва осори таҳқиқии ин донишманди мумтоз ба таври зарурӣ барқарор карда шавад;

3. Чунонки аз пажуҳишҳои ховаршиносони рус бармеояд, то ҳанӯз ҷойгоҳи В.А. Жуковский дар ховаршиносии рус ба таври зарурӣ муайян нашудааст. Баъзе аз ҳамкорон ва донишмандони ховаршиноси рус дар бораи ин донишманд фақат ёддоштҳое навиштаанд, ки дар маҷмуаечоп шудааст. Вале, чунонки ҷустуҷӯҳои пайгиронаи илмӣ нишон доданд, аз ин донишманд осори илмии зиёде боқӣ мондаанд, ки қисман дар замони зиндагияш чоп шудаанд ва қисми боқимонда дар архиви Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург маҳфузанд, ки таҳқиқ, нашр, тарҷума ва чопи дубора ва нави онҳо зарур мебошад. Бинобар ин, дар ин ҷо саъй шудааст,

ки муайян карданиҷойгоҳи илмии В.А. Жуковский дар ховаршиносии рус ва Аврупо аз авлавиятҳои ин таҳқиқ ба шумор меравад.

4. Гузоштани заминаи мусоид барои таҳқиқоти минбаъдаи адабиётшиносон ва ховаршиносони хориҷӣ ва ватанӣ.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Пеш аз ҳама, ин диссертатсия метавонад барои омӯзиш ва таҳқиқи ховаршиносии рус, ки бо адаби форсии асри XIX ва ибтидоиасри XX пайванд мегирад, ба кор бурда шавад. Ҳарчанд дар ин замина корҳои зиёде сурат гирифтаанд, вале дар мавриди таҳқиқи осори В.А. Жуковский халои маънавӣ вуҷуд дорад. Бар ин асос, ин диссертатсия метавонад дар таҳқиқи робитаҳои адабию илмии русиву форсӣ дар асрҳои фавқуззикр маводи заруриро пешниҳод намояд. Афзун ба ин, барои таҳқиқи осори ин донишманд дар заминаҳои адабиётшиносӣ, аз ҷумлаи адабиёти тасаввуфӣ, адабиёти шифоҳӣ, забоншиносӣ ва ҳатто таъриху фарҳангшиносӣ шароити мусоид фароҳам орад. Диссертатсия нахустин пажуҳиш доир ба рӯзгор ва фаъолияти илмии В.А. Жуковский буда, дар асоси осори мавҷуд, хусусан, номаҳои ӯ, ки далели раднопазир барои барқарор кардани портрети адабӣ ва илмияш хидмат карданд, таълиф шудааст. Аз маводи рисола дар ҷараёни таълифи китобҳои дарсӣ, хондани лексияҳо, гузаронидани семинарҳо дар факултетҳои филологии мактабҳои олӣ доир ба масъалаи ховаршиносии рус ва Аврупо метавон истифода бурд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик рӯзгор ва осори ховаршиноси барҷастаи рус В.А. Жуковский мавриди таҳқиқи ҷудогона қарор гирифта, нақду баррасии маводи фаровони илмию адабӣ вобаста ба фаъолияти илмии ин донишманди забардасти рус фароҳам оварда шудааст.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Нуктаҳои ҷудогонаи диссертатсия дар гузоришҳои аспирант дар семинару конфронсҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон инъикос ёфтаанд. Натиҷа ва нуктаҳои асосии таҳқиқ дар конфронсҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ, аз ҷумла дар конфронсҳои ҷумҳуриявии «Ҷанбаҳои забоншиносӣ ва иҷтимоии тарҷума дар шароити бисёр фарҳангии таҳсилот» (Душанбе: ДДЗТ ба номи С. Улуғзода, 2022), «Рушду таҳаввули жанри қасида дар адабиёти форсу тоҷик» (Бохтар: ДДБ ба номи Н. Хусрав, 2023), «Масъалаҳои мубрами луғатшиносии тоҷик: мушкилот ва дурнамо» (Душанбе: ДМТ, 2023) ва конференсияи байналмилалии «Стратегияи муосири рушди ҷомеа, илм ва маориф» («Современные стратегии развития общества, науки и образования») (Москва, 2023) ироа гардидаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (суратҷаласаи № 4, аз 12-уми феврали соли 2024) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ 10 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Сохтори диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 фасл, хулоса, ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 164 саҳифаи чопии компютериро ташкил медиҳад.

## БОБИ I

## ЗИНДАГИНОМА ВА ОСОРИ В.А. ЖУКОВСКИЙ

### 1.1. Шарҳи ҳоли илмии В.А. Жуковский

Дар бораи рӯзгор ва осори Валентин Алексеевич Жуковский ҳарчанд баъзе матолиб чоп шудаанд, вале дар ин боратаҳқиқоти густардаву комил сурат нагирифтааст ва лаҳзаҳои зиёди ҳаёти ӯ равшан карда нашудааст. Дар мақолаҳои шарқшиносони маъруф В.В. Бартолд, С.Ф. Олденбург, В. Истрин, Н.И. Умняков, М.Н. Боголюбов, П.П. Бушев, Ю.Е. Боршевский, О.Н. Смирнова, А.М. Мугинов ва дигарон ҷанбаҳои гуногуни рӯзгор ва осори В.А. Жуковский мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Махсусан, донишманди рус П.П. Бушев дар асоси маводи бойгонӣ ва номаҳои В.А. Жуковский шарҳи ҳоли муфассали ӯро ба қалам додааст, ки мо бештар ба он такя менамоем.

В.А. Жуковский 24 апрели (6 майи) соли 1858 дар шаҳри Воронежи Русия ба дунё омадааст. Падараш Алексей Иванович ва модараш Наталя Ивановна шахсони миёнаҳол буда, ба писарони худ Валентин ва Иван маълумоти олӣ ва ба фарзандони дигарашон Василий, Мария ва Александра маълумоти миёна додаанд.

Таҳсили ибтидоиро В.А. Жуковский дар шаҳри Маскав дар гимназияи хусусии Ф. Крейман шуруъ намуда, сипас дар гимназияи Воронеж идома додааст. Соли 1876 гимназияро бомуваффақият хатм намуда, ба шуъбаи арабӣ, форсӣ ва туркиву тотории факултаи забонҳои Шарқи Донишгоҳи Петербург дохил мешавад. Интихоби ӯ тасодуфӣ набуд. В.А. Жуковский ба Шарқ дилбастагии зиёд дошт ва чи тавре ки академик С.Ф. Олденбург таъкид кардааст, онро сарчашмаи пешрафтҳои Ғарб медонист: «ҳис мекард, ки решаи аксари зебоиҳои тамаддуни Ғарб дар Шарқ ниҳон аст ва ба шарқшиноси ҷавон пайдо кардани ин решаҳо мароқовар буд» [82, с.118]. Дар ин бора П.П. Бушев низ андешаҳои ҷолиб

дошта, аз ҷумла менависад: «Жуковский дарвоқеъ аз бисёр шарқшиносон, бахусус, ховаршиносони Аврупои Ғарбӣ фарқ мекард. Комёбиҳои барҷастаи фарҳангии халқҳои Шарқродар он даврони дерин, ки кишварҳои имрӯзаи Аврупои Ғарбӣ дар давраи барбарият ё дар зинаҳои аввали тамаддун қарор доштанд, эътироф менамуд. Ин эҳтиром ба халқҳои Шарқ ва дарки арзишҳои мероси фарҳангии онҳо ҳамеша хоси Жуковский буд ва ӯро аз шарқшиносони зиёди буржуазӣ боло мегузошт» [25, с.118].

Дар Донишгоҳ ба В.А. Жуковский донишмандони маъруф В.В. Розен, К.Г. Залеман, И.Н. Березин ва дигарон дарс мегуфтанд. Ӯ аввал бештар ба забонҳои туркӣ майл дошт.Аввалин кори мустақилонаи илмии давраи донишҷӯии ӯ дар мавзуи «Дар бораи таърихномаи нависандаи турки Усмонӣ Алӣ-афандӣ «Куюнглу-л-ахбор» буд, ки бо муқаддимаи муфассал шуруъ шуда, сипас тарҷумаи асарро дар асоси нусхаҳои дар Лейден, Вена ва Константинопол маҳфузбуда, бо муқоиса бо сарчашмаҳои дигар дарбар мегирифт. Ин кори ӯ бо медали тиллои Донишгоҳ тақдир карда шуд.

Пас аз хатми Донишгоҳ Валентин Алексеевич Жуковский дар соли 1880 бо қарори Шурои факултаи забонҳои Шарқ дар кафедраи забони форсӣ ба кор қабул гардид. Ӯ акнун забон ва адабиёти форсиро ба таври қатъӣ ихтисоси асосии худ қарор дод.

Соли 1881 В.А. Жуковский бо Варвара Ивановна Карлошева, ки аз хонаводаи камбизоат буд, хонадор мешавад.Ӯ барои В.А. Жуковский на танҳо ҳамсари хуб,балки ёвари корҳои таҳқиқотӣ низ ба шумор мерафт. Тавре ки баъдтар хоҳем дид, ҳамсари В.А. Жуковский махсусан, ҳангоми зиндагиву кор дар Эрон дар ҷамъоварии маводи таҳқиқотӣ ба ӯ мадади зиёд расондааст.

Таҳсилро дар магистратура низ бомуваффақият анҷом дода, В.А. Жуковский соли 1883 барои дарёфти дараҷаи магистрӣ рисоларо дар мавзуи «Алӣ Авҳадиддин Анварӣ. Мавод барои шарҳи ҳол ва тавсифи ӯ» пешниҳод намуд. Ба рисола муқарризони расмӣ ва аъзои Шурои илмии факулта баҳои баланд дода,муаллифи онро якдилона ба дараҷаи номзади илм сазовор донистанд. Худи ҳамон сол рисола дар шакли китоби

ҷудогона ба табъ расид. Аввалин асари чопии ӯ таваҷҷуҳи шарқшиносони маъруфи русу хориҷиро ҷалб намуд. Ба рисола, аз ҷумла К. Залеман, С.Ф. Олденбург, В.В. Бартолд ва ховаршиносони Ғарб Перч ва Э. Браун баҳои баланд доданд.

Дар бораи пешрафтҳои илмии В.А. Жуковский декани факулта В. Василев ва устодон В.В. Розен, И.Н. Березин, В.Ф. Гиргас ба ректори Донишгоҳ маълумотдода, хоҳиш намуданд, ки барои такмили забондонӣ ӯ ба сафари илмӣ ба Эрон фиристода шавад. Дар номаи худ онҳо ба натиҷаи хуби сафарумедворӣ изҳор намуда, дар оянда ӯро пас аз сафар ба мудирии кафедраи забон ва адабиёти форсӣ тавсия кардаанд.

4-уми майи соли 1883 В.А. Жуковскийҳамроҳи ҳамсараш аз Воронеж ба Боку ва аз он ҷо ба Эрон сафар намуд. 19 июни ҳамон сол дар моҳи рамазон ӯ ба шаҳри Теҳрон ворид шуд. Ҳадафи асосии сафари ӯ аз такмил додани дониши забон ва адабиёти форсӣ, ҷамъоварии мавод дар бораи гӯишҳои забони форсӣ ва харидории китобу дастнависҳо аз мардум барои донишгоҳ иборат буд.

Забони форсӣ, ба хусус забони гуфтугӯиро хуб донистани В.А. Жуковский таваҷҷуҳи кормандони сафорати Русия дар Эрон ва мансабдорони эрониро ҷалб намуд. Аз ҷумла, корманди консулгарии Русия дар Астаробод И.С. Игнатев ба факултаи забонҳои Шарқи Донишгоҳ хабар додааст, ки «В.А. Жуковский забони гуфтугӯии форсиро ба дараҷаи хуб медонад» [25, с.121]. Аз забондонии ӯ онҳам гувоҳӣ медиҳад, ки бо Носириддиншоҳ озодона ба забони гуфтугӯии форсӣ суҳбат намудааст. Шоҳ ҳатто ният доштааст, ки ӯро сардари Дорулфунун таъйин намояд. Губернатори Исфаҳон ва Шероз шоҳзода Зиллисултон низ ӯро ба хидмат даъват карданӣ будааст. Вале аз чӣ сабаб бошад, ки ин ниятҳо амалӣ нашудаанд. Дар ин бора В.А. Жуковский дар номаҳои худ ба устодаш В.Р. Розен хабар додааст.

В.А. Жуковский аз рӯзҳои аввали ба Эрон омадан ба омӯзиши забон пайваста машғул мешуд. Тавре ки ӯ дар номааш навиштааст, яке аз олимони маҳаллиро муаллим интихоб намуда, ҳар рӯз аз се то панҷ соат ба

забономӯзӣ машғул мешудааст. Сипас ӯ ба омӯзиши мантиқ ва сарфу наҳв пардохтааст. Пас аз он баадабиёт рӯй оварда, мутолиаи девони Носири Хусравро пеш гирифтааст.

Дар муддати 15 моҳе, ки ӯ дар Теҳрон зиндагӣ кардааст, ӯ вазифаҳои худро софдилона иҷро намуда, дастнависҳову китобҳои зиёди чопи сангиро барои Донишгоҳ харидорӣ кардааст. Азбаски барои харидани баъзе дастнависҳо имкон надоштааст, онҳоро ба орият гирифта нусхабардорӣ намудааст. Аз ҷумла, дар бойгонии Бахши ленинградии Институти шарқшиносии АИИҶШС нусхаи рӯйнавискардаи ашъори Муҳаммади Парешон ба забони курдӣ ва рубоиёти Бобо Тоҳири Урёни Ҳамадонӣ ба лаҳҷаи лурӣ маҳфузанд, ки В.А. Жуковский анҷом додааст. Дар яке аз номаҳояш ӯ ба Розен хабар медиҳад, ки барои аз нобудшавӣ раҳо кардани дастнависи «Ёддоштҳои Бартелеми Семино», муҳандиси фаронсавӣ дар бораи ҷанги охирин бо Русия(1826-1828) ба забони фаронсавӣ онро аз хонаи Аббос Мирзо бидуни иҷозат гирифтааст.[40, с.335]

Сентябри соли 1884 В.А. Жуковский бо ҳамсараш ба шаҳраки Ҷулфа, ки дар наздикии Исфаҳон воқеъ буда, дар он аксаран арманиҳои муҳоҷир зиндагӣ мекарданд, меравад. Ӯ дар ин ҷо ба омӯзиши фолклор машғул мешавад. Дар ин кор ба ӯ ҳамсараш, ки забони форсиро омӯхта буд, мадади зиёд мерасонад. Азбаски ба корҳои оилавӣ ворид шудани мардони бегона ғайриимкон буд, дар ин маврид ҳамсари олим тавонист ба оилаи эронӣ ворид шуда, бо муносибатҳои оилавӣ ва тарзи маишату рӯзгори он ошно шавад. Ӯ ҳатто ба маҳрамгоҳи оилаи эронӣ андарун роҳ ёфта,маводи зиёдеро пайдо кард. Дар асоси маводи ҷамъовардааш ҳамсари В.А. Жуковский мақолае таҳти унвони «Андаруни форсӣ» навишт, ки дар маҷаллаи «Вестник Европы» ба табъ расидааст.

В.А. Жуковский дар номааш ба В. Розен дар бораи мададу ҳамкории ҳамсараш дар омӯхтану ҷамъоварии маводи фолклорӣ ва лаҳҷаҳо сухан ронда, ҷаҳду кӯшиши ӯро дар ин росто тавсиф менамояд. Маводи оид ба гӯишҳо ҷамъовардаи ӯро В.А. Жуковский дар асари худ «Мавод барои

омӯзиши лаҳҷаҳои форсӣ» истифода кардааст, ки ба ин С.Ф. Олденбург низ ишора намудааст [82,с.118].

Дар муддати якуним соли зиндагӣ дар Исфаҳон В.А. Жуковский маводи фаровоне дар бораи эҷодиёти шифоҳии мардум ва лаҳҷаҳои гуногуни форсӣ, амсоли кеша, коҳрӯдӣ, рӯдаштӣ, зефра ва ғайра ҷамъ меоварад ва мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Ӯ равиши тозаеро дар таҳқиқи маводи лаҳҷаҳо пеш гирифта, дар таснифи лаҳҷаҳо низ тағйироти ҷиддӣ ворид менамояд ва беасос будани таснифоти шарқшиносони Ғарбро ба исбот мерасонад. Дар ҷамъоварии мавод низ ӯ равиши тозаро пеш гирифта, бештар бо намояндагони босаводу боэътимоди ҳар маҳал робита пайдо мекард ва  бо пурсишу суолҳои худ масъаларо ҳал менамуд.

Аз номаҳои В.А. Жуковский бармеояд, ки ӯ дарвоқеъ дар ин давра хеле пурсамар кор кардааст. Ӯ дар номааш навиштааст, ки танҳо аз лаҳҷаи бахтиёрӣ беш аз ҳазор ва аз рӯдаштӣ тақрибан 900 шеърро ҷамъоварӣ ва тарҷума кардааст. Вале нақшаҳои илмии В.А. Жуковский доманадор буданд, аз ин рӯ, ӯ хоҳиш намуд, кимуддати сафари илмиашро тамдид намоянд. Вазорати маорифи Русия муддати сафари илмии ӯро дар Эрон боз як солу се моҳ дароз намуд.

Марти соли 1886 В.А. Жуковский бо ҳамсараш ба Шероз рафт. Ҳарчанд вазъи зиндагии онҳо дар он ҷо хуб набуд ва душвориҳои зиёд пеш меомаданд, В.А. Жуковский ба омӯзиши лаҳчаҳои бахтиёрӣ, чаҳорлангу ҳафтланг машғул гардид ва ба натиҷаҳои назаррас ноил шуд. Ёди ватан ӯро мутаассир мекунад ва ӯ майли баргаштан ба Русия менамояд.

Дар муддати зиндагӣ дар Эрон В.А. Жуковский воқеан корҳои зиёди илмиро анҷом дода, дар бораи эҷодиёти даҳонии мардум ва лаҳҷаҳои он ҷо маводи фаровон ҷамъ овард. Ӯ аз корҳои анҷомдодааш ба ваҷд омада, дар номаҳояш ба арзиши баланди осори ҷамъовардааш ишора намудааст. Ӯ дар натиҷаи омӯзиши осори халқӣ ба хулосае меояд, ки маҳз дар фолклори мардум андешаҳои баланди иҷтимоиву сиёсии мардум хеле равшану воқеӣ ифода шудаанд. Ӯ омӯзиши эҷодиёти даҳонии халқро дар илми шарқшиносӣ ба дараҷаи баланд бардошт.

Дар зимни ин сафари худ В.А. Жуковский бо тарзи зисту зиндагии мардуми эронӣ, расму оин, ҷашну идҳо, одату одоб ва дигар ҷанбаҳои рӯзгору маишати онҳо бештар таваҷҷуҳ зоҳир мекард ва дар ин мавзуъҳо як силсила асарҳои мардумшиносӣ эҷод намудааст. Аз ҷумла, дар бораи ҷашнҳои арӯсӣ, сурудҳои аллаи мардуми Эрон суханронӣ карда, мақолаҳои муфассали илмӣ навиштааст. Маводи фаровон оид ба маросимҳои гуногуни мардуми Эрон, сурудҳои маросимии он дар китоби «Намунаҳои эҷодиёти халқии форсӣ» ҷамъоварӣ ва нашр шудаанд[56, с.112].Ин китоб бо арзиши баланди илмиаш мавриди писанди муҳаққиқон қарор гирифт ва ба дарёфти ҷоизаи нишони тиллоии Ҷамъияти ҷуғрофии Рус сазовор гардид.

В.А. Жуковский ба адабиёти омиёнаи мардуми Эрон таваҷҷуҳи хеле зиёд дошт. Ӯ роҷеъ ба вазъи ин адабиёт ва робитаи он бо ҳаёти иҷтимоиву сиёсии даврчандин суханронӣ карда, мақолаҳочоп намудааст. Аз ҷумла «Ашъори бозории форсӣ дар мавзӯъҳои муосир», «Рӯзҳои вопасини шоҳ Носириддиншоҳ», «Хусусиятҳои вазъи ҳозираи Форс дар осори адабии он» ба масъалаҳои доғи рӯз бахшида шудаанд.

В.А. Жуковский дар бораи шаҳрҳои Машҳаду Тӯс ва мақбараи Фирдавсӣ мақолаҳо навиштааст. Ӯ аз вазъи ногувори мақбара хеле мутаассир шуда, дар мақола ба беэътибории эрониён ба мақбараи шоири бузург изҳори таассуф кардааст[32,с. 308-314].

Дар зимни сафари худ дар Эрон В.А. Жуковский на танҳо забондониашро такмил дод, балки бо тарзи зисту зиндагии мардум, фолклори ғании кишвар ва ҷабҳаҳои дигари ҳаёти мардуми Эрон хеле хуб шинос шуд. Ҳамчунин ӯ бо маслиҳати устоду ҳамкораш В. Розен ба масоили дину мазҳаби мардум низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар бораи ҷараёну фирқаҳои динӣ, дарвешигарӣ ва амсоли инҳо маводи зиёде ҷамъ овард.

Ҳангоми зиндагӣ дар Эрон В.А. Жуковский бо намояндагони табақаҳои гуногун ошноӣ пайдо кард. Ӯ хоҳиши зиёд доштааст, ки бо

шоирону нависандагони муосири Эрон шинос шавад, вале ба ин муяссар нагаштааст.

Сафари илмии беш аз сесолаи В.А. Жуковский дар Эрон 3-юми майи соли 1886 ба анҷом расид ва ӯ бо ҳамсараш ба Петербург баргашт. Аз 11-уми июни 1886 ӯро ба вазифаи дотсент ва иҷрокунандаи мудири кафедраи забону адабиёти форсии факултаи шарқшиносии Донишгоҳ таъйин намуданд. Аз моҳи октябри ҳамон сол ӯ ба хондани лексия шуруъ намуд ва то охири умр ба тадриси донишҷӯён машғул шуд. Дар ин маврид академик С. О. Олденбург чунин ақидаро пеш меронад, ки ҳатто дар рӯзи маргаш ӯ ба декани факулта телеграмма мефиристад, ки: «танҳо набудани трамвай халал мерасонад, ки ба лексия ҳозир шуда наметавонам» [82, с. 2039].

В.А. Жуковский бо шавқу дилбастагии зиёд ба таълиму тарбияи донишҷӯён машғул мешуд. Ӯ ба донишҷӯён муносибати хуб доштааст, ки дар ин бора шогирдонаш самимона сухан рондаанд. Шогирдони ӯ пас аз хатми Донишгоҳ низ бо устоди худ робитаи қавӣ дошта, пайваста мукотиба мекардаанд ва онҳое, ки дар Эрон кор мекарданд, ба устоди худ маводу китобҳои заруриро мефиристоданд.

Дар баробари тадрис В.А. Жуковский пажӯҳиши илмиро давом медиҳад. Азбаски дастуру китобҳои дарсиву таълимӣ дар он солҳо хеле кам буданд, ӯ пеш аз ҳама матни «Афсонаи тӯтӣ»-ро бо луғату тавзеҳот чоп намуд, ки аз рӯи он донишҷӯён забон меомӯхтанд.

Соли 1889 ҳамроҳи К.Г. Залеманкитоби сарфу наҳви забони форсиро бо тавзеҳоту иловаҳо ба забони олмонӣ дар Берлин ба нашр мерасонад. Пас аз як сол китоби мазкур ба забони русӣ ба табъ мерасад[71. с.11].Ин китоб яке аз аввалин дастурҳои илмиву таълимӣ роҷеъ ба сарфу наҳви забони форсӣ буда, арзиши баланди илмӣдошт. Аз ин ҷост, ки солҳои баъдина китоби мазкур чандин бор интишор ёфт.

Академик С. Олденбург ин китобро чунин арзёбӣ кардааст: “Китоби сарфу наҳви Зелеман-Жуковский”–ро метавон мунсифона яке аз беҳтарин дастурҳои забони форсӣ донист, ҳатто он аз беҳтарин дастурҳои забони нави форсии мавҷуда аст. Дар он қабл аз ҳама ба забони зиндаи форсӣ

аҳаммият дода шудааст. Матни русӣ онро, бегумон, беҳтарин грамматикаи забони форсӣ ба забони русӣ баршумурд, сарфи назар он аз рӯи шумора сездаҳум дастури забон аст, сар карда, аз китоби сарфу наҳви А. Болдирев, ки дар соли 1826 чоп шуда буд. Яке аз мазоёи китоби К.Г. Залеман ва В.А. Жуковский дар он аст, ки фавқулода ихчам, бидуни ҳуруфи зиёдатӣ, ниҳоят равшан ва дақиқ. Ба сарфу наҳви форсӣ ин як ёддошти на он қадар калон тааллуқ дорад”[82, с. 2041-2042].

Гузашта аз ин, ин донишманди рус, ки ба забони форсӣ ишқу алоқаи хос дошт, боз китоби дигаре дар хусуси зарфҳои забони форсиро ҳамчун дастури забономӯзӣ барои донишҷӯён бо номи “Материалҳо барои омӯхтани зарфҳои забони форсӣ” нашр кард. Ӯ дар ин китоб тибқи суннатҳои эроншиносии русӣ масъалаҳои омӯзиши забони форсиро баррасӣ карда, аз ҷумла бо дастабандии мавод, ки марбут ба зарф аст, низоми чигунагӣ ва ба таври нисбатан осонтар омӯзиши забони форсиро матраҳ мекунад, ки он ба яке аз муҳимтарин пажӯҳишҳои илмии ин самт дар Русия мубаддал мегардад. Қисмҳои боқимондаи он, - менависад С. Олдинбург, - қисми дувум соли 1888 ва қисми ду соли 1919 дар фосилаи сӣ сол пас аз даргузашти муаллиф чоп шудаанд (С. Олдинбург, 2043). Бояд гуфт, ин китобҳо дар факултаи Забонҳои Шарқи Донишгоҳи Петербург аз ҷумлаи китобҳои дарсии забони форсӣ истифода мешуд.

В.А. Жуковский маводи дар Эрон роҷеъ ба гӯйишҳои форсӣ ҷамъовардаашро соли 1888 ба табъ расонида, дар асоси он рисолаи докториро дифоъ намуд. Пас аз ин ӯ соҳиби унвони профессорӣ гардид.
Чунонки В.В. Бартолд навиштааст, В.А. Жуковский ният доштааст, ки маводи ҷамъовардаашро дар 5 ҷилд нашр намояд.Ҷилди аввали «Мавод барои омӯзиши лаҳҷаҳои форсӣ» соли 1888 ба табъ мерасад. Ҷилдҳои 2 ва 3 он пас аз вафоти ӯ чоп мешаванд. Вале ҷилдҳои дигар то ҳол нашр нашудаанд.

Дар ин солҳо ӯ хеле пурсамар кор карда, дар солҳои 1889-1891 беш аз 20 асар ба табъ расондааст ва ҳамчун эроншиноси барҷаста шуҳрат ёфтааст.

Соли 1890 Комиссияи археологии Анҷумани археологии Русия В.А. Жуковскийро ҳамчун эроншиноси варзида барои омӯзиши осори фарҳанги форсӣ дар вилояти Соҳили Каспий ба сафари илмӣ мефиристад. Ҷустуҷӯҳои илмии худро дар ин вилоят ӯ дар асари бунёдиаш «Осори қадими кишвари соҳили Каспий. Харобаҳои Марви куҳан» ҷамъбаст намудааст[27, с.20]. Ӯ бо ин асари худ на танҳо адабиётшиносу забоншиноси барҷаста, балки бостоншиносу таърихшиноси варзида буданашро нишон додааст. Ба ин асар донишмандон, аз ҷумла таърихшиноси маъруф В.В. Бартолд баҳои хеле баланд дода, онро беҳтарин асари илмӣ дар бораи шаҳрҳои Эрон донистааст [7, с. 29].

В.А. Жуковский барои таълифи асари мазкур ба ҷоизаи нишони тиллоии Анҷумани археологии Русия сазовор мегардад ва узви вобастаи Комиссияи археологӣ интихоб мешавад. Акнун дар фаъолияти илмии худ ӯ бештар ба масъалаҳои таърих, ҷараёнҳои иҷтимоиву мазҳабӣ таваҷҷуҳ менамояд. Таваҷҷуҳи ӯро масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ, вазъи бобҳо, габрҳова аҳли дигар мазҳабҳо ҷалб менамоянд. Аз ҷумла дар мақолаи «Дар бораи вазъи габрҳо дар Форс» В.А. Жуковский вазъи ногувори ин тоифаро ба қалам дода, ба ҷабру зулм ва беадолатиҳое, ки нисбат ба онҳо карда мешаванд, ишора намудааст[42, с.18].

Дар ин солҳо В.А. Жуковский бештар ба корҳои ташкиливу маъмурӣ ҷалб мегардад. Аз соли 1892 то 1902 дар вазифаи котиби илмии факулта кор мекунад. Сипас ӯ ба ҷои устодаш Розен, ки ба нафақа рафта буд, декани факулта интихоб мешавад. Ӯ соҳиби унвони профессорӣ мегардад ва бо ҷоизаву нишонҳои гуногуни Русия, Эрон ва Бухоро мушарраф мешавад.

Соли 1896 Комиссияи археологӣ бори дувум В.А. Жуковскийро ба кишвари Соҳили Каспий ба сафари илмӣ мефиристад. Ҳадафи асосии ин сафар ҷустуҷӯйҳои таърихиву филологӣ барои нашри сарчашмаҳои форсӣ дар бораи таърихи ин кишвар буд. Дар ин сафари худ В.А. Жуковский бо харобаҳои Нисо, Абевард ва Майхона шинос шуда, нияти навиштани асарро дар ин бобат ба устодаш Розен изҳор менамояд.

В.А. Жуковский дар соли 1899 матни ду асарро ба забони форсӣ, ки ба тасаввуф марбут буданд, ба нашр мерасонад. Ин осор аз суханони Абӯсаиди Майхонӣ ва шарҳи рубоиёти Абӯсаид иборат буданд.

Соли 1899 В.А. Жуковский барои хидматҳои бузурги илмӣ узви вобастаи Академияи илмҳои Русия интихоб мешавад.

Худи ҳамон сол В.А. Жуковский ҳамроҳи ҳамсараш ба муддати се моҳ ба сафари илмӣ ба Теҳрон меравад. Ҳадафи ин сафар пурра намудани маводи дар сафари аввал дар бораи осори шифоҳии мардуми Эрон ҷамъоварда ва шиносоӣ бо адабиёти навини форсӣ, бо вазъи маориф дар мамлакат ва китобхонаҳои Теҳрон, ҳамчунин таҳкими робитаҳо бо аҳли илми кишвар буд. Дар ҷамъоварии мавод ба В.А. Жуковский мисли сафари аввал ҳамсараш мадади зиёд мерасонад. Дар натиҷаи ин сафар В.А. Жуковский асари маъруфи худ «Намунаҳои эҷодиёти халқии форсӣ»-ро ба нашр мерасонад. Асари мазкур зуд шуҳрат пайдо карда, дар шарқшиносии рус ва Ғарббаҳои баланд мегирад. Аз ҷумла С.Ф. Олденбург, В. Минорский, А. Кримский ва дигарон ба он баҳои баланд медиҳанд. Анҷумани ҷуғрофии Русия барои таълифи ин асар ба В.А. Жуковский медали тиллоӣ туҳфа менамояд.

Дар зимни ин сафар шоҳи Эрон В.А. Жуковскийро бо нишони Шеру Хуршед қадрдонӣ мекунад. Ҳангоми сафар В.А. Жуковский бо китобхонаҳои зиёди давлативу шахсӣ ошно шуда, бо шахсони маъруфу мансабдор ва ноширону фарҳангиён ва садри аъзам шиносоӣ пайдо мекунад. Ҳамчунин зимни ин сафар ӯ бо намояндагони фирқаи Неъматуллоҳӣ шинос шуда, аз моҳияту ҳадафҳои он огоҳ мегардад. Ӯ пас аз суҳбатҳои зиёд бо дарвешон ба натиҷае мерасад, ки ин фирқа арзиши пешинаи худро аз даст додааст ва дар бисёр мавридҳо чанбаи иртиҷоӣ гирифтааст. Бинобар ин,ӯ таваҷҷуҳашро бештар ба таърихи тасаввуф дар Эрон равона месозад.

Ҳар дафъае, ки В.А. Жуковский ба Эрон сафар мекард, саъй менамуд, ки ҳар чи бештар бо мардум ва намояндагони табақаҳои гуногун робита ва ошноӣ пайдо кунад. Ӯ на танҳо бо кишоварзону ҳунармандон, тоҷирону

китобфурӯшон, шоирону нависандагон, балки бо дарбориёну мансабдорон ва ҳатто шоҳзодагон низ робита пайдо карда, ба ин васила ба китобхонаҳои хусусиву давлатӣ роҳ ёбад.

В.А. Жуковский маводи дар зимни ин сафар ҷамъовардаашро илова бар «Намунаҳо»дар чанд мақолаи дигар истифода менамояд. Аз ҷумла дар мақолаи «Намуначае аз ҳаҷви форсӣ» ҳаҷвияеро, ки ба Аббос Мирзо нисбат дода мешавад, мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамчунин мақолаи муфассале дар бораи сурудҳои лолоии форсӣ ва марсияхонӣ ба табъ мерасонад.

Фаъолияти минбаъдаи В.А. Жуковский дар Донишгоҳ дар вазифаҳои гуногуни идорӣ ба кори илмии ӯ асар мегузорад. Бештари вақти ӯ ба корҳои ташкиливу созмондиҳӣ, ҷаласаву семинарҳо мегузашт ва барои пажӯҳиш имконият камтар буд. Аз ин ҷост, ки дар корҳои илмии ӯ ва нашри осори илмӣ коҳиш ба назар мерасад. В.В. Бартолд ба ин масъала ишора намуда, таъйид кардааст, ки аз соли 1902 то соли 1916 дар фаъолияти илмии В.А. Жуковский танаффуси тӯлонӣ ба вуҷуд омад. «Дартаърихи шарқшиносии рус ин сукути дуру дарози беҳтарин донандаи яке аз кишварҳои олами мусулмонӣ шояд яке аз далелҳои хеле ҳузнангез дониста шавад» [9, с. 411].

Дар бораи сабабҳои рух додани вақфа дар фаъолияти илмиву эҷодии В.А. Жуковский донишмандони маъруфу ҳамкоронаш В.В. Бартолд, С.Ф. Олденбург писари ӯ Сергей Валентинович ва П.П. Бушев изҳори назар намудаанд. Аксари онҳо ба хулоса омадаанд, ки сабаби асосии ин вазъ ба иҷрои корҳои идорӣ сарф шудани вақту неруи ӯ будааст.

В.А. Жуковский мехост, ки ба нафақа баромада, ба корҳои пажӯҳишӣ машғул шавад. Соли 1906 барои истеъфо додан аз вазифаҳои декани факулта ва сардори Шуъбаи таълими Вазорати корҳои хориҷӣ муроҷиат менамояд. Вале ин дархости ӯ пазируфта намешавад. Соли 1911 ба ӯ унвони профессори шоиста дода мешавад. Ӯ бори дувум барои баромадан ба нафақа дархост пешниҳод менамояд. Ниҳоят 30 сентябри соли 1911

вазифаҳои масъулро месупорад ва ба нафақа баромада, танҳо ба хондани лексия дар бораи забони форсӣ машғул мешавад.

Солҳои охири умр В.А. Жуковский ба баррасии тасаввуф машғул будааст. Дар лаҳзаҳои вопасини умр ӯ ашъорро аз девони Бобо Кӯҳии Шерозӣ тарҷума мекардааст.

В.А. Жуковский бо шарқшиносони маъруфи замони худ робитаи қавӣ дошт. Дар Донишгоҳ ӯ аз В. Розен, К. Залеман, И.Н. Березин, В.Смирнов ва дигар устодон сабақ гирифтааст. Солҳои донишҷӯӣ ӯ беш аз ҳама таваҷҷуҳи ховаршиносӣ маъруф академик В.Р. Розенро (1849-1908) ҷалб намуд. В. Розен арабшиносӣ маъруф буда, дар пешрафти шарқшиносии рус саҳми калон гузоштааст. Ӯ соли 1866 пас аз хатми гимназия ба факултаи забонҳои Шарқи Донишгоҳи Петербург дохил шуда, баъди ба поён расондани таҳсил ба Лейпсиг меравад ва дониши худро такмил дода, соҳиби дараҷаи магистрӣ соҳаи арабшиносӣ мешавад. Соли 1879 дар Академияи илмҳои Русия ба кор шуруъ менамояд. Вале дар он ҷо муддати зиёд кор накарда, ба Донишгоҳ мегузарад ва ҳамчун профессор фаъолият менамояд. Аз соли 1893 то 1902 дар вазифаи декани факултаи забонҳои Шарқ кор мекунад. Ӯ маҷаллаи “Ёддоштҳои Шуъбаи Шарқи анҷумани бостоншиносии Русия”-ро таъсис дода, сармуҳарририи онро ба уҳда мегирад.

В. Розен дар таҳқиқи масъалаҳои гуногуни адабиёти араб саҳми калон гузошта, аз ҷумла ёдгориҳои адабии “Калила ва Димна”, “Қиссаи Варлаам ва Юсуф”-ро таҳқиқ намудааст. Ӯ дар таҳқиқи адабиёти халқҳои дигар ва исломшиносӣ низ корҳои зиёдеро анҷом додааст. В. Розен ба таълиму тарбияи шарқшиносони ҷавон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамуд, ки яке аз онҳо В.А. Жуковский буд. На танҳо дар солҳои донишҷуӣ, балки пас аз он низ В.А. Жуковский бо устодаш В.Розен иртиботи қавӣ дошт ва ҳамвора аз маслиҳату машваратҳои ӯ бархӯрдор мешуд. Номаҳои зиёде, ки В.А. Жуковский ба устоди худ аз Эрон фиристодааст, гувоҳи садоқати шогирд ба устод аст. Дар номаҳои худ В.А. Жуковский ба устодаш аз корҳои анҷомдодааш гузориш дода, нақшаи корҳоиояндаашро матраҳ

менамояд. Вафоти В. Розен дар соли 1908 ба В.А. Жуковский таъсири хеле калон расонд ва бесабаб нест, ки писари В.А. Жуковский дар ёддоштҳояш сабаби таваққуфи падарашро дар корҳои илмӣ дар охири умр аз маҳрум гаштан аз устодаш донистааст.

Устоди дигари В.А. Жуковский дар донишгоҳ шарқшинос И.Н. Березин(1818-1896) буд, ки аз мутахассисони маъруфи туркшинос ба шумор мерафт. Ӯ хатмкардаи Донишгоҳи Қазон буда, забонҳои шарқиро хуб медонист ва дар соҳаҳои гуногуни таъриху филология асарҳои зиёд офаридааст. И.Н. Березин ба кишварҳои гуногуни Шарқ сафар намуда, дар бораи онҳо асарҳо таълиф кардааст. Ӯ аз шаҳру ноҳияҳои Басра, Бағдод, Карбало, Киркук, Эрбол, Бейрут, Димишқ, Миср, Туркия, Фаластин, Сурия дидан намуда, аз устоди худ дар бораи кишварҳои Шарқ маълумоти заруриро ба даст овардааст.

Робитаву ҳамкории В.А. Жуковский бо устодаш К.Г. Залеман низ хеле қавӣ буд.Карл Германович Залеман (1849-1916) эроншиноси маъруф, академик, директори Музейи Осиёи Академияи илмҳои Русия буд. Ӯ аслан олмонинажод буда, дар Таллинба дунё омадааст. Солҳои 1867-1871 дар факултаи шарқшиносии Донишгоҳи Петербург таҳсил намуда, сипас дар китобхонаи Донишгоҳи мазкур кор мекунад. Соли 1878 дар мавзуи «Рубоиёти Хоқонӣ» рисолаи магистрӣ дифоъ менамояд. Аз соли 1876 дар факултаи шарқшиносӣ аз забонҳои қадими эронӣ дарс мегӯяд. Дар соли 1895 академик интихоб мешавад. Аз соли 1890 то охири умр ҳамчун директори Музейи Осиё дар ҷамъоварӣ ва таҳқиқи нусхаҳои хаттӣ саҳми калон мегузорад. Ҳамроҳи В.А. Жуковский асари «Сарфу наҳви забони форсии навро бо замимаи авзон ва китобиёт» соли 1889 дар Берлин ва соли 1890 дар Петербург ба табъ мерасонад. К. Залеман ба Осиёи Миёна ва Муғулистон сафар намуда, нусхаҳои зиёди хаттиро ҷамъ овардааст ва доир ба адабиёти форсӣ ва забонҳои помириву суғдӣ асарҳои илмӣ таълиф кардааст.

Яке аз ҳамкорони наздики В.А. Жуковский ҳиндшинос ва эроршиноси маъруф С.Ф. Олденбург буд. Ӯ ҳам дар Донишгоҳи Петербург

дар шуъбаи санскритиву форсӣ таҳсил карда, аз донишмандони маъруф К.Г. Залеман, И.П. Минаев ва В.Р. Розен сабақ гирифтааст. Солҳои зиёд дар кишварҳои гуногун ба омӯхтани нусхаҳои хаттӣ машғул шудааст. Хидмати ӯ дар созмондеҳии муассисаҳои илмии Академияи илмҳо хеле калон аст. Беш аз 500 рисолаву мақола ба табъ расондааст. Ӯ аз дӯстони наздики В.А. Жуковский ва маслиҳатгару ҳамназар буданд. С.Ф. Олденбургба ҳар як асари устодаш тақриз навишта, баҳои баланд медод. Пас аз вафоти ӯ мақолаи муфассали «Валентин Алексеевич Жуковский, 1858-1918»-ро менависад, ки дар он бо муҳаббату садоқат хидматҳои барҷастаи устодашро баён кардааст. Аз ҷумла ӯ таъкид мекунад, ки «дар таърихи таҳқиқи Форс, ки вай(В.А.Жуковский) тамоми ҳаёти худро бахшид, номи ӯ ҳамеша ҷойгоҳи бошараф ва намоёнро нигоҳ медорад; аз осори ӯ мутахассисон истифода хоҳанд кард, аз китобҳои ӯ ворисонаш сабақ меомӯзанд» [82, с. 2068]. С.Ф. Олденбург пас аз вафоти дӯсташ ба ҳамсари ӯ мадад расонида, барои гирифтани нафақа мусоидат менамояд.

Арабшиноси маъруф, академик Игнатий Юлианович Крачковский (1883-1951) низ аз дӯстони наздики В.А. Жуковский буд. Ӯ солҳои 1901-1905 дар Донишгоҳи Петербург таҳсил карда, аз соли 1910 аз адабиёти араб дарс мегӯяд. Ӯ бо роҳбариву роҳнамоии В. Бартолд, В. Розен ба корҳои илмӣ машғул мешавад. Солҳои зиёд дар китобхонаҳои Лубнон, Сурия, Фаластин, Миср ба омӯзиши нусхаҳои хаттӣ мепардозад. Асари ӯ «Дар бораи нусхаҳои хаттии арабӣ» ба забонҳои зиёд тарҷума шуда, сазовори Ҷоизаи давлатии Шӯравӣ гардидааст.

В.А. Жуковский ҳангоми кор дар Донишгоҳ шогирдони зиёдеро тарбия намудааст. Яке аз машҳуртарини онҳо донишманди маъруф, академик В.В. Бартолд(1869-1930) буд. Василий Владимирович Бартолд низ пас аз хатми гимназия ба факултаи шарқшиносии Донишгоҳи Петербург дохил шудааст. Солҳои 1891-1892 ба марказҳои илмии Аврупо мисли Олмон, Финландия, Австрия, Италия сафар мекунад. Аз соли 1892 устоди Донишгоҳ таъйин мешавад. Барои рисолаи «Туркистон дар давраи истилои муғулҳо», ки барои дараҷаи магистрӣ навишта буд, ба дарёфти

дарацаи докторӣ шарафёб мешавад. Аз соли 1910 узви Академияи илмҳои Русия мешавад. Аз соли 1903 котиби Кумитаи омӯзиши Осиёи Миёна ва Шарқӣ интихоб мешавад. Ӯ аз бузургтарин муҳаққиқони таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ ва аз ҷумла тоҷикон ва таърихи ислом мебошад.

В. Бартолд дар суханронии муфассале, ки пас аз вафоти В.А. Жуковский дар ҳамоиши Шуъбаи Шарқ 25 апрели 1918 эрод намудааст, хидматҳои барҷастаи В.А. Жуковскийро ёдовар шуда, таъкид мекунад, ки «номи марҳум Валентин Алексеевич (Жуковский) ҳамеша дар илми рус ҳамчун мутахассиси рус дар омӯзиши форсӣ-исломӣ боқӣ мемонад» [9, с. 400].

Яке аз шогирдони содиқи В.А. Жуковский, ки роҳи эҷодии ӯро пеш гирифтааст, Александр Александрович Ромаскевич (1885-1942) мебошад. Ӯ низ пас аз хатми гимназия ба факултаи шарқшиносии Донишгоҳи Петербург дохил мешавад. Дар солҳои донишҷӯӣ ӯ таваҷҷуҳи В.А. Жуковскийро ҷалб менамояд ва таҳти роҳбарии ӯ ба корҳои илмӣ машғул мешавад. Соли 1909 пас аз хатми Донишгоҳ дар ҳамон ҷо ба кор мемонад. Бо роҳбарии В.А. Жуковский ба омӯхтани фолклор ва гӯйишҳои форсӣ мепардозад. Соли 1912 барои корҳои илмӣ ба Эрон фиристода мешавад. Ӯ низ мисли устодаш дар муддати се соли сукунат дар Эрон забони форсӣ ва гӯйишҳои гуногуни онро хеле хуб азхуд менамояд. Ӯ ҳамчунин бо пешниҳоди В.В. Бартолд ба таҳқиқи ҷуғрофиву таърихии шаҳри Исфаҳон, ки аз бузургтарин шаҳрҳои мамлакат буд, машғул мешавад. Ӯ дар бораи ҳунари мардуми Эрон низ пажӯҳишҳо намуда, миниатюраҳои форсиро мавриди баррасӣ қарор додааст.

А. Ромаскевич ҳам дар тарбияи шарқшиносони ҷавон саҳм гузошта, кори устодашро идома медиҳад. Пас аз вафоти устодаш дар соли 1918 ба ҷои ӯ мудири кафедраи филологияи Эрон таъйин мегардад. А. Ромаскевич низ ба омӯзиши нусхаҳои хаттии шарқӣ таваҷҷуҳи зиёд дошт. Дар соли 1938 ӯ мудири Шуъбаи дастхатҳои Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Шӯравӣ, ки аз ғанитарин хазинаҳои нусхаҳои хаттии шарқии ҷаҳон

буд, таъйин мешавад. Солҳои ҷанг барои ҳифзи нусхаҳои хаттӣ фидокориҳо намудааст.

А. Ромаскевич дар мақолаи «В.А. Жуковский ва назми халқии форсӣ» бо садоқату муҳаббати шогирдӣ осори устодашро мавриди баррасӣқарор медиҳад ва арзиши баланди илмии онҳоро бозгӯ менамояд ва аз ҷумла таъкид мекунад, ки асари «Намунаҳои назми халқии форсӣ»-и В.А. Жуковский «аввалин кӯшиши ба таври муназзам ҷамъоварӣ ва таҳқиқи осори халқии форсӣ мебошад, на танҳо ҳамчун маводи кумакрасон барои ҳалли ин ё он масъалаи забоншиносӣ, балки ҳамчун осори каломи мардум, ки дар он ҳувияту маишат ва андешаҳои халқи форс бозтоб ёфтааст, ки инро дар асарҳои бадеии Форс ҷустан беҳуда аст» [87, с. 415].

Тавре ки зикр шуд, В.А. Жуковский яке аз аъзои фаъоли Анҷумани бостоншиносии рус буда, дар тадбирҳои ин анҷуман пайваста ширкат меварзид. Аз ҷумла, бо пешниҳоду дархости анҷуман ду маротиба ба кишвари соҳили Каспий сафари илмӣ намуда, асарҳои маъруфи худро дар бораи Марви куҳан эҷод кардааст. Ӯ дар ҷаласаҳои анҷуман суханрониҳои илмӣ карда, дар баррасии масъалаҳои гуногун ширкат меварзид. Суханрониҳои ӯ дар мавзуъҳои «Ориф Ҷуллобӣ ва осори ӯ», «Нашрҳои омиёнаи «Қиссаи Варлаам ва Юсуф», «Ҳикояти муосирон дар бораи Ҳаллоҷ», «Хусусиятҳои вазъи кунунии Форс дар осори адабии он», «Дар браи омӯзиши бобҳо», «Рӯзҳои вопасини Носириддиншоҳ», «Носири Хусрав ва Темур», «Суҳбатҳо бо дарвешони муосири Форс», «Аз адабиёти форсӣ» ва гузоришу тақризҳои ӯ қабл аз нашр дар ҷамъомадҳои анҷумани мазкур шунида шудаанд. В.А. Жуковский муҳарририи маҷаллаи илмии анҷуманро низ ба уҳда доштааст. Дар бораи фаъолияти пурсамари В.А. Жуковский дар анҷуман дар китоби С.А. Жебелёв «Анҷумани бостншиносии рус дар чоряки сеюми асри мавҷудияти он. 1897-1921» ба таври муфассал сухан рафтааст.

Дар бораи ҷаҳонбинӣ ва мавқеъу андешаҳои иҷтимоиву сиёсии В.А. Жуковский муҳаққиқон ақидаҳои мухталиф баён кардаанд. Аз шарҳи ҳолаш бармеояд, ки ӯ тамоми нерӯи худро ба илму таълим бахшида, ба

масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ҷунбишҳои инқилобӣ, ки дар он солҳо мамлакатро фаро гирифта буд, сарукор надоштааст. Вале муаллифони китоби дастаҷамъии «Таърихшиносии таърихи ИҶШС аз замонҳои қадимтарин то Инқилоби кабирисотсиалистии Октябр» навиштаанд, ки ӯ асарҳои худро «аз мавқеи буржуазияи истеъморгар» таълиф кардааст [69. с. 36].

Онҳо бидуни зикри далеле таъкид кардаанд, ки ӯ сиёсати русикунонии кишварҳои дигарро пеш бурдааст. Тавре ки баъдтар хоҳем дид, В.А. Жуковский аз аввалин шарқшиносонест, ки ба таъриху тамаддуни Шарқ холисона ва бо садоқату самимият ва эҳтиром муносибат кардааст. Дар аввалин асарҳои худ, тавре С.Ф. Олденбург навиштааст, В.А. Жуковский Шарқро ҳамчунсарчашмаи тамаддуни Ғарб арзёбӣ кардааст [82, с.2041]. Чунин муносибати В.А. Жуковскийро П.П. Бушев низ сифати мумтози осори илмии ӯ медонад: «Жуковский дарвоқеъ аз шарқшиносони зиёд, бахусус, ховаршиносони Ғарб бо эътирофи дастовардҳои фарҳангии мардуми Шарқ дар замонҳои дур, ки кишварҳои кунунии Аврупои Ғарбӣ дар марҳалаи баррасӣ ё дар зинаҳои аввали тамаддун қарор доштанд, фарқ мекард» [21, с.118].

4 январи соли 1918 В.А. Жуковский дар шаҳри Петербург чашм аз ҷаҳон мепӯшад ва дар қабристони Ново-Девичеи он ҷо ба хок супорида мешавад. Даргузашти ӯ талафоти бузурге дар шарқшиносии рус буд, зеро В.А. Жуковский аз бузургтарин шарқшиносони рус ва ҷаҳон ба шумор мерафт, ки дар таҳқиқи забон, адабиёт, таърих, бостоншиносӣ ва фарҳанги Эрон хидмати беназир анҷом додааст.

Дар ҷаласае, ки ба ёдбуди В.А. Жуковский 12 апрели 1918 дар Шуъбаи Шарқи Академияи илмҳо баргузор гардид, ҳамкорону шогирдон хидматҳои ӯро дар пешрафти эроншиносӣ арзёбӣ карда, вафоти ӯро талафоти бузурге дар шарқшиносии рус донистанд. Дар суханронии академик В.В. Бартолд тавре зикр шуд, хидматҳои шоистаи В.А. Жуковский, осори гуногуни илмии ӯ, фаъолияти пурсамари омӯзгории вай ва хислатҳои ҳамидаи инсониаш хеле муфассал ва самимона баён

гардидааст. Ӯ таъкид мекунад, ки номи В.А. Жуковский дар илми шарқшиносии рус ҳамеша боқӣ хоҳад монд. Академик С. Олденбург ва донишмандони дигар низ дар суханрониҳои худ эроншиноси дақиқназар ва ҳақиқатнигор будани В.А. Жуковскийро таъкид намуда, фазилатҳои шахсият ва осори илмии ӯро ёдовар мешаванд.

## 1.2. Осори илмии В.А. Жуковский

Фаъолияти илмии Валентин Алексеевич Жуковский аз солҳои донишҷӯии ӯ шуруъ шудааст. Дар соли 1879 ӯ дар мавзуи «Оид ба таърихномаи нависандаи усмонӣ Алӣ-афандӣ «Кюнглулахбор» кори курсӣ менависад, ки аз 12 саҳифа муқаддима ва матни маълумоти сарчашмаҳо бо тарҷума иборат буд. Дар охири кор тавзеҳот ба тарҷума ва муқоисаи маълумоти таърихномаи мазкур бо сарчашмаҳои дигар оварда шудааст. Асари мазкур, ки аз қобилияти илмии донишҷӯ гувоҳӣ медод, таваҷҷуҳи устодонро ҷалб намуд ва бо медали тилло қадрдонӣ шуд.

Аввалин асари нашршудаи В.А. Жуковский рисола барои дарёфти дараҷаи магистрӣ дар мавзуи «Алӣ Авҳадиддин Анварӣ. Мавод барои шарҳи ҳол ва тавсифи ӯ» буд, ки соли 1883 дар Петербург ба табъ расид. Бояд гуфт, ки асари мазкур дар масъалаи анваришиносӣ дар шарқшиносии рус аз аввалин асарҳои ҷудогона дар бораи Анварӣ мебошад. Яке аз мазиятҳои фаъолияти илмии Жуковский аз ҳамон айёми ҷавонӣ, чунонки писари ӯ С. В. Жуковский таъйид менамояд, дарки масъулият мебошад. Ӯ дар идома менависад: “Диққат яке аз боризтарин хислатҳои падарам мебошад. Ӯ дар ҳама чиз дақиқ буд. Ӯ ба хубӣ медонист, ки китоби мавриди ниёзаш дар кадом раф ҷойгир аст ва метавонист онро, ҳатто дар торикӣ бидуни иштибоҳ пайдо кунад. Бегоҳ, баъд аз анҷомт кор, падарам чизеро канор намегузошт ва субҳи дигар корро бидуни танаффус идома медод.

Валентин Алексеевич ҳеч гоҳ барои худ мақсад нагузошта буд, ки бештар ва зудтар нависад. Ӯ аз як мавзуъро ҳал нокарда, ба мавзуи дигар даст намезад, балки маводи ҷамъкардаи худро бо диққат мавриди баррасӣ медод. Ба гуфтаи академик С.Ф. Олденбург: “муҳаққиқ наҳваи баёни афкори худро ба таври мушаххас ва возеҳ тарҳрезӣ намуда, бештар ба аслӣ будани мадрак аҳаммият медод, аз андешаҳои шубҳанок ва мубҳам парҳез мекард ва фарзияҳоро намеписандид ва ба асноду манбаъҳо такя мекард” [ 82, с. 126].

Ҳамин муаллиф, он ҷо ки баъд аз марги В. Жуковский хотираҳояшро менависад, дар бораи нахустин асари ӯ чунин изҳори ақида мекунад: “Бо далели то ҳадди ақал ба ман номаълум, адабиёти форсӣ [муроди муаллиф, бегумон, оғози асри XIX аст]таваҷҷуҳи муҳим ва дарози муҳақиққонро ба худ барнамеангезад:асарҳои асосии адабӣ ва аҳволу осори шоирон ҳанӯз таҳқиқ нашудаанд, ҳатто қисми зиёди онҳо тақрибан интишор наёфтаанд. Албатта бояд шунид далели он якнавохтӣ ва бо ҳам шабоҳат доштани шеъри форсӣ, ки ҳамеша мавзуоти адабӣ такрор мешаванд, мазмунҳо дар як чорчӯбу қолаб рехта мешаванд, сувари хиёл низ аз пешиниён тақлид мешавад. Бо ин ҳол, дур аст касоне, ки ин изҳоротро баён мекунанд, битавонанд шавоҳиди қонеъкунандае ба онҳо ироа диҳанд. Форс шоирони бузурге дошта ва адабиёти он дорои осори захиме мебошад, ки бегумон ба таркиби адабиёти ҷаҳонӣ ворид мешавад... Бо ин ҳол, онҳо то кунун ба дурустӣ таҳқиқ нашудаанд. Ин фикрҳо беихтиёр ба зеҳни маро омаданд, вақте ки ба мутолиаи китоби “Анварӣ”-и Жуковский шуруъ кардам, асаре, ки муаллиф онро аз чанд мақолаи на он қадар аз лиҳози ҳаҷм калон таҳия сохта, ба ин далел, ки асарҳои баъдии ӯ ғолибан ба ирфон ва тасаввуф бахшида шудаанд, ки ӯро маҷзуби худ сохта буд. Муҳаққиқи ҷавони аабиёти форсӣ  дар ибтидо ба рӯзгору осори шоирон бештар таваҷҷуҳ дошт, бегумон баъзе аз онҳо ба Валентин Алексеевич таъсири амиқ гузошта, равиши мухтассоти навиштаҳои пасини ӯро муайян кард. Воқеан ин суолро аз худ бипурсед, ки муҳаққиқи ҷавон ба масъалаҳои назди худ гузошташуда чи гуна муносибат кардааст? Мо пеш аз ҳама мебинем, ки Валентин Алексеевич ҳамчун шогирди босадоқати мактабе, ки аз берун омад, ӯ дидгоҳи ба таърихи адабиёт ва накди адабиро напазируфт, балки дидгоҳи ӯро беҳтар аст ба маънои маҳдудтари сухан  метавон  онро “филологӣ” биномем ва барои ин пеш аз ҳама, дар пеши чашм ҳатто набудани маълумотномае дар бораи Анварӣ ҳамчун шоир рӯбарӯ мешавад, мо беҳуда дар китб ба дунболи нишонаҳое аз шеваи нигориши ӯ мегардем, Ӯ дар ин китоб тавониста ба хонандаи рус аз лиҳози монографӣ дар бораи

Анварӣ ҳамчун шоир маълумоти дуруст ва кофӣ пешниҳод намояд”[82, с. 2046-2047].

Бегумон, падид омадани ин асар дар ҳавзаи ховаршиносии рус як падидаи тоза буд, ки  мавриди писанди шарқшиносони русу хориҷӣ қарор гирифт ва дар бораи он тақризҳои зиёде чоп шуданд.

Асари дувуми чопии В.А. Жуковский, ки шуҳрати ӯро ҳамчун шарқшиноси варзида боз ҳам бештар намуд, рисолаи докторӣ дар мавзуи «Мавод барои омӯзиши гӯйишҳои форсӣ» буд, ки соли 1888 ба нашр расид.

Ба ин тартиб доираи фаъолияти илмии В.А. Жуковский торафт вусъат пайдо мекунад ва соҳаҳои гуногуни илмро фаро мегирад. Академик В.В. Бартолд дар фаъолияти илмии В.А. Жуковский се соҳаи илмро асосӣ ва муҳим мешуморад: «Ба худи В.А. (Валентин Алексеевич Жуковский) дар се соҳаи илм(забоншиносӣ, филология ва таърих) кор кардан рост омадааст ва ҳар кадом асарҳои ӯ қадами бузурге дар илм буданд» [10, 399].

В.В. Бартолд суханашро идома дода, таъкид мекунад, ки осори В.А. Жуковский комилан ба Эрон бахшида шудаанд ва дар онҳо «ягон мақола дар бораи масъалаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ нест» [9, с.399]. Суханони мазкурро В.В. Бартолд пас аз чанд моҳи даргузашти В.А. Жуковский гуфтааст, ки он вақт ҳанӯз маводи бойгонии ӯ омӯхта нашуда буд. Дар ҳақиқат, дар осори ҳангоми дар ҳаёт буданаш ба табъ расондаи В.А. Жуковский асарҳо дар бораи масъалаҳои сиёсиву иқтисодӣ ба назар намерасанд. Вале дар бойгонии ӯ дар мавзуъҳои сиёсӣ ва ҳатто иқтисодиву низомӣ мавод мавҷуданд. Тавре ки Ю.Е. Боршевский дар мақолааш овардааст, дар бойгонии Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Русия дар мавзуъҳои мазкур маводи зерин маҳфузанд:

1.Нома ба Муҳаммадхон–пешвои яке аз қабилаҳои шоҳсевинд, ки 1-уми декабри соли 1828 дар бораи муқаррар кардани марзи Русияву Эрон баҳс мекунад;

2.Нома ба вазири Аббос Мирзо ҷаноби Муставфӣ ҷаноби Мирзо Масъуд, ки ҳамон рӯз дар ҳамон мавзуъ навишта шудааст.

3.Тавсифи марзи байни Русияву Форс, ки соли 1828 ҳар ду давлат муқаррар кардаанд;

4.Хатсайр аз Табрез ба Петербург. Масири сафари намояндагони сафорати Эрон, ки соли 1829 сурат гирифтааст;

5.Рӯйхати аъзои хонаводаи Қоҷор;

6.Рӯйхати домодҳои Фатҳалишоҳ;

7.Мансабҳои дарбор;

8.Хонаводаи шоҳзода Аббос Мирзо;

9.Рӯйхати боҷҳое, ки аз ноҳияву шаҳрҳо ва қабилаҳои гуногун ба тариқи хирвори гандум ва пул ситонда мешуданд[20, с. 17].

Ҳарчанд маводи мазкур дар шакли мақола нестанд, вале дорои арзиши баланд дар шинохти вазъи сиёсиву иқтисодии кишвари Эронмебошанд. Ин дастхатҳо аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таваҷҷуҳи олими русро на танҳо забону адабиёт, фолклору гӯишҳо ва таъриху тасаввуф ба худ ҷалб мекард, балки ӯ ба ҷараёни дигаргуниҳои сиёсиву иқтисодии кишвари мақарраи кораш мароқ зоҳир намудааст.

Осори илмии В.А. Жуковскийро аз рӯйи мавзӯъу муҳтаво метавон ба чанд гурӯҳ дастабандӣ кард.

1. Осори адабиётшиносӣ. Ба ин гурӯҳ асарҳое дохил мешаванд, ки ба таҳқиқи масъалаҳои мухталифи адабиёти форсу тоҷик бахшида шудаанд. Чунонки зикр шуд, аввалин асари адабиётшиносии В.А. Жуковский рисолаи «Алӣ Авҳадиддин Анварӣ» буд. Асари дигари В.А. Жуковский, ки шуҳрати ҷаҳонии ӯро афзуд, рисолаи «Умари Хайём ва рубоиёти «сайёр» буд, ки соли 1897 дар маҷмуаи мақолаҳо бахшида ба фаъолияти илмии В.Р. Розен ба табъ расид. Ҳамчунин мақолаву тақризҳои ӯ «Роҷеъ ба таърихи адабиёти форсӣ дар аҳди Сомониён» (с. 1899), «Дар бораи адабиёти форсӣ» (с.1903) дар маҷмуаву маҷаллаҳо ба табъ мерасанд.

Тавре ки донишманди рус Ю.Е. Боршевский навиштааст, дар бойгонӣ тарҷумаи гунаи форсии «Қиссаи Варлаам ва Юсуф» мавҷуд аст, ки соли 1897 анҷом дода шудааст, вале ба табъ нарасидааст. Ҳамчунин В.А. Жуковский рубоиёти Бобо Тоҳири Урёнро ҷамъоварӣ намуда, 262 рубоии

ӯро тарҷума кардааст[18, с.32]. Дар рӯзҳои охири умр ӯ ба баррасии рубоиёти Бобо Кӯҳии Шерозӣ машғул будааст.

2. Осори забоншиносӣ. Хидмати В.А. Жуковский дар омӯзиши забони форсӣ, бахусус, гӯишу лаҳҷаҳои он хеле калон аст. «В.А. Жуковский аз байни муҳаққиқон аввалин касест, ки равиши омӯзиши мунтазаму аз лиҳози ҷуғрофӣ пурраи лаҳҷаҳо ва гӯйишҳоро истифода бурдааст» [16,с.45]. Дар асарҳои ӯ «Мавод барои омӯзиши гӯйишҳои форсӣ» (с.1888), «Намунаҳои эҷодиёти халқии форсӣ» (с.1902) маводи фаровони забони зиндаи халқ ва гӯйишҳои гуногуни мардуми Эрон бори аввал ба доираи таҳқиқ кашида шудаанд. «Сарфу наҳви мухтасари забони нави форсӣ», ки бо ҳамкории К.Г. Залеман навишта шудааст, ба забонҳои олмонӣ ва русӣ нашр шуда, дастури муҳимме барои муҳаққиқон ва донишҷӯён гардид.

В.А. Жуковский дар маҷаллаи илмии Анҷумани археологии Русия мақолаҳои «Ёддоштҳои пешакӣ дар бораи баъзе гӯйишҳои форсӣ» (с.1886), «Хусусиятҳои маъноии феъли «доштан» дар забони гуфтугӯии форсӣ» (с.1889)-ро ба нашр расондааст. Дарвоқеъ тавре ки мунаққиди барҷастаи рус М.Н. Боголюбов таъкид кардааст: «Асарҳои В.А. Жуковский дар бораи шевашиносии Эрон дар замони худ ба эроншиносии ватанӣ шуҳрат овարданд» [16, с.49].

3.Осори таърихшиносӣ. Чи тавре кидар боло ишора шуд, фаъолияти илмии В.А. Жуковский бо кори илмии шогирдонаи ӯ дар бораи як сарчашмаи туркӣ оғоз ёфтааст. Муҳимтарин асари таърихии ӯ «Осори қадими кишвари соҳили Каспий. Харобаҳои Марви куҳан»мебошад, ки В.А. Жуковскийро ҳамчун муаррихи барҷаста муаррифӣ намуд. Асарҳои таърихшиносии ӯ масъалаҳои мухталифи бостоншиносӣ, ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мардуми Эронро дар даврахои гуногун, бахусус, замони нав дар бар мегиранд. Дар мақолаҳои «Дар бораи вазъи габрҳо дар Форс» (с.1885), «Шоҳи Форс Носириддин-нависанда» (с.1889), «Таърихномаҳои форсӣ дар бораи марги А.С. Грибоедов» (с. 1890), «Куштори бобҳо дар шаҳри Язд» (с.1892), «Муҳаммад Ҳасанхон (Эътимодуссалтана)» (с.1897), «Ба мусулмонӣ гузаштани 120 арманӣ дар

Форс» (с.1898), «Консули императории Русия Ф.А. Бакулин дар таърихи омӯзиши бобҳо» (с.1917), дар суханрониҳои илмӣ дар бораи дастнависи НиколайСемено роҷеъ ба воқеаҳои ҷангии соли 1827 дар Форс, «Дар бораи таърихи омӯзиши бобҳо» ва ғайра муҳимтарин масъалаҳои таърихи даврони нави Эрон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ҳамчунин дар бойгонӣ маводи зиёде маҳфузанд, ки арзиши таърихӣ дошта, баъзе аз онҳо асарҳои нотамомро мемонанд. Ба чанде аз он мавод Ю.Е. Боршевский дар мақолааш ишора намудааст. Аз ҷумла, тарҷумаи ривояти Темур ва Носири Хусрав, ҳикояти даъвои пайғамбарӣ кардани Муқаннаъ, яъне Носири Хусрав, пораҳо аз китоби «Қандия», қайдҳои гуногун дар бораи тавсифи марз байни Русияву Форс, ки соли 1828 муқаррар шуда буд, хатсайри сафари намояндагони сафорати Эрон аз Табрез ба Петербург дар соли 1829, рӯйхати аъзои хонаводаи Қоҷорҳо, рӯйхати домодҳои Фатҳалишоҳ, номгӯи мансабҳои дарборӣ, аз Урумия ба Хӯй рафтани Фатҳалишоҳ, нома ба хонум Луиза де ла Маринер ва амсоли инҳо арзиши таърихӣ доранд.

4. Осори фолклоршиносӣ. В.А. Жуковский аввалин муҳаққиқест, ки ба гирдовариву тавсиф ва таҳқиқи муназзами фолклори мардуми Эрон машғул шудааст. Ба ҷамъоварии маводи осори шифоҳии мардум В.А. Жуковский дар зимни сафари сесолааш ба Теҳрон, Исфаҳон, Шероз ва дигар шаҳрҳои Эрон шуруъ намудааст. Дар ин кор ба ӯ ҳамсараш мадади зиёд мерасонд, ки дар ин бора ӯ борҳо дар номаҳояш ишораҳо кардааст. В.А. Жуковский дар Эрон дар баробари ҷамъоварии мавод дар бораи лаҳҷаҳо афсонаву сурудҳо, чистону мақолҳо ва дигар намунаҳои осори шифоҳии мардумро гирд меовард. Қисмате аз он осор дар «Мавод барои омӯзиши гӯишҳои форсӣ» [ч. I,с.1888; ч. II, с. 1922, ч. III, с. 1922] ва «Намунаҳои эҷодиёти халқии форсӣ» (с.1902) дарҷ ёфтаанд. Ҳамчунин дар мақолаҳои «Намунае аз ҳаҷви форсӣ (с.1887), «Сурудҳои лолоӣ ва навҳасароии мардуми бумӣ ва кӯчии Форс» (с. 1889), «Оид ба сурудҳои базмии форсӣ (с.1889) ва ғ. осори шифоҳии мардуми Эрон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Тавре ки Ю.Е. Боршевский навиштааст, дар бойгонӣ осори нашрнашудаи фолклории ҷамъовардаи В.А. Жуковский мавҷуд аст. Яке аз онҳо маҷмуаи суруду таснифҳост, ки Н.В. Хаников ҷамъ овардааст ва В.А. Жуковский мехост онро бо шарҳу тавзеҳот нашр намояд. Маҷмуа аз 104 тасниф иборат будааст, ки аз шаҳру ноҳияҳои гуногуни Эрон ҷамъоварӣ шудаанд. В.А. Жуковский сурудҳоро рӯйнавис карда, 31 таснифро ба забони русӣ тарҷума кардааст.

Таваҷҷуҳи В.А. Жуковскийро моҳияти иҷтимоии сурудҳои халқӣ бештар ҷалб менамуд. Аз ин рӯ, ӯ ба ҷамъоварии сурудҳо ва ривоятҳои мардум дар бораи гуруснагӣ машғул шуда, дар ин мавзуъ маводи зиёде пайдо мекунад,ки дар бойгонӣ маҳфузанд. Аз ҷумла, ҳикояти гуруснагӣ дар Кошон иборат аз 68 байт, ду маснавӣ оид ба гуруснагӣ дар Исфаҳон, Язд, Кирмон, Теҳрон, Қум ва Кошон дар солҳои 1871-1873, суруд дар бораи гуруснагӣ дар Шероз дар солҳои 1867-1868, сурудҳо роҷеъ ба гуруснагии солҳои 1898-1900, маснавӣ дар бораи гуруснагӣ бо яке аз лаҳҷаҳои Исфаҳон ва чанд суруди дигар, ки аксари онҳоро В.А. Жуковский ба русӣ тарҷума кардааст, дар бойгонӣ мавҷуданд [18, с. 26-27].

5. Осори диншиносӣ. Тавре ки В.В. Бартолд навиштааст: «Мавзуи асосии машғулиятҳои В.А. Жуковский аз замони сафари аввали ӯ ба Форс то охири умр ҳаёти динии мардуми форс дар гузашта ва ҳозира буд, вале дар ин маврид он чӣ чоп кардааст, танҳо бахше аз он чизҳоест, ки андеша дошт ё ваъда дода буд» [10, с. 407].

Таваҷҷуҳи В.А. Жуковскийро бештар тасаввуф ва намояндагони маъруфи он ҷалб намудааст. Соли 1895 рисолаҳои ӯ «Сурудҳои пири Ҳирот» ва «Инсон ва маърифат аз назари сӯфиёни форсӣ» ва соли 1899 китоби «Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти шайх Абу Саид» ва асарҳои «Шарҳи рубоиёти Абу Саид», «Рисолаи ҳурония»-и Убайдуллоҳ ибни Маҳмуд аш-Шошӣ» ба табъ мерасанд, ки аксари онҳо ба рӯзгору осор ва афкори сӯфии маъруф Абу Саиди Абулхайр бахшида шудаанд. Ниҳоят китоби ҷамъбастииӯ «Ҳолот ва суханони пири Миҳнаӣ Абу Саид» (с.1899) нашр мешавад. Ӯ ҳамчунин пажуҳиши осори муҳимми тасаввуфии «Кашф-

ул-маҳҷуб», ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ, Бобо Тоҳири Урён, Бобо Кӯҳӣ ва дигаронро идома медиҳад. Дар бойгонӣ мавод дар бораи ҳаёти шайх Абулҳасни Харақонӣ мавҷуд аст, ки Е.Э.Бертелс аз он истифода кардааст.

Чунонки ишора шуд, В.А. Жуковский дар бораи ҷараёнҳои динии Эрон, вазъи габрҳо, фаъолияти дарвешон,ҷунбиши бобҳо ва амсоли инҳо асарҳо таълиф кардааст.

Хидмати В.А. Жуковский дар ҷамъоварӣ ва шинохти нусхаҳои хаттӣ низ хеле калон аст. Ӯ ҳангоми сафар дар Эрон нусхаҳои зиёдеро харидорӣ ва муаррифӣ кардааст. Дар асари маъруфи худ «Осори қадима дар кишвари соҳили Каспий. Харобаҳои Марви куҳан» нусхаҳои зиёди сарчашмаҳоро мавриди истифода қарор додааст. Дар ин бора Б.В. Лунин навиштааст: «Дар таърихи омӯзиши дастнависҳои шарқӣ дар бораи Осиёи Миёна асари маъруфи В.А. Жуковский–яке аз беҳтарин донандагони адабиёти форсӣ дар Русия, дарбораи Марви қадим нақши калон гузоштааст» [81, с.185]. Ба хидмати бузурги В.А. Жуковский дар шинохти нусхаҳои хаттӣ ва ба доираи таҳқиқ ворид кардани онҳо В.В. Бартолд, С.Ф. Олденбург, А.Г. Туманский, В.Г. Тизенгаузен ва дигарон баҳои баланд додаанд.

В.А. Жуковский илова бар фаъолияти пурсамари илмӣ ва омӯзгорӣ дар конференсияву семинарҳои илмии гуногун ширкат варзида, пайваста суханронии илмӣ менамуд, бозёфтҳои илмии худ ва ҳамкоронро муаррифӣ мекард.

# БОБИ II

# МАСЪАЛАҲОИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР БАРРАСИИ В.А. ЖУКОВСКИЙ

## 2.1.Таҳқиқи аҳволу ашъори Анварӣ

Аввалин асари калонҳаҷми илмии В.А. Жуковский рисолаи давраи магистрии ӯ «Алӣ Авҳадуддин Анварӣ. Мавод барои шарҳи ҳол ва тавсифи ӯ» [34, с.35]мебошад, ки соли 1883 дар Санкт-Петербург ба табъ расидааст. Рисола бо қарори Шурои илмии факултаи забонҳои шарқии Донишгоҳи Санкт-Петербург чоп шуда, аз ду бахш иборат аст. Бахши аввал пешгуфтор, муқаддима, чаҳор боб ва иловаҳоро дар бар мегирад. Дар бахши дувум матни форсии «Мунтахабот аз девони Анварӣ» ҷой дода шудааст.

Дар Пешгуфтор муаллиф ба хеле кам тадқиқ шудани намояндаи барҷастаи адабиёти асри XII Анвариро дар Аврупо таъкид намуда, ба якҷониба будани назари муҳаққиқони аврупоӣ дар бораи ин шоири мадеҳасаро ишора кардааст. Сипас сарчашмаҳое, ки дар таълифи рисола мавриди истифодаи олими ҷавон қарор гирифтаанд ва бештар аз нусхаҳои хаттӣ иборатанд, зикр мешаванд. Сарчашмаҳои таълифи В.А. Жуковский илова бар нусхаҳои гуногуни куллиёту девони Анварӣ, ки дар китобхонаҳои оммавии Санкт-Петербург, Донишгоҳи Петербург, Музейи Осиё маҳфузанд, тазкираҳо ва таърихномаҳои Давлатшоҳ, Лутфалибеки Озар, Шерхони Лудӣ, Амин Аҳмади Розӣ, Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ ва Фасеҳии Хавофӣ будаанд. Аз Пешгуфтор бармеояд, ки устоди раҳнамои В.А. Жуковский дар таълифи рисола донишманди маъруф барон В.Р. Розен будааст.

Дар муқаддима В.А. Жуковский, пеш аз ҳама, ба масъалаи робитаи адабиёт бо дарборҳои давлатҳои феодалии Шарқ тавачҷуҳ намуда, ёдовар мешавад, ки дар он ҷо адабиёт бештар  дар дарборҳои ҳокимони хос арзи

вуҷуд мекунад. Ба назари муҳаққиқ се омили ба дарборҳо ҷалб шудани шоирон мавҷуд буд: «Хоҳиши ба дараҷаи маълум паҳн кардан, ба мардум расондани осори худ, мулоҳизоти сиёсӣ ва асосан вазъи ноустувори моддӣ, масъалаи молиёт» [34, с.8].

Ба ақидаи В.А. Жуковский танҳо он адибоне осудаҳолона ба эҷод машғул мешаванд, ки аз ҷиҳати моддӣ таъмин бошанд. Онҳое, ки истеъдоди баланд доранд, ба дарборҳо ҷалб мешаванд. Муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки дар Эрон сиёсат ба адабиёт ҳукмрон аст. Аз ин рӯ, адибон мебоист мувофиқи майли ҳокимон амал намуда, онҳоро ситоиш кунанд. Далели барҷастаи ин таъсиси вазифаи маликушшуаро ва ҷамъоварии шоирон дар дарбори Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва Султон Санҷари Салҷуқӣ мебошад. В.А. Жуковский амали маликушшуароро дар дарбори Ғазнавиён ва Салҷуқиён нишон дода, таъкид мекунад, ки ин боиси ривоҷи мадҳу ситоиши беасосу аз воқеият дур гардид. Дар баробари ҷиҳатҳои манфӣ муҳаққиқ ба як фазилати мадҳияҳо ишора мекунад, ки ин «мусоидат ба ғановати забон ва рушди суханварӣ» мебошад[34, с.19].

Дар муқаддима ҳамчунин дар бораи тамоюлҳои дигари адабиёти форсӣ пас аз истилои арабҳо, бахусус, дар замони зиндагии Анварӣ сухан меравад.

Мулоҳизаҳои В.А. Жуковский дар бораи як ҷанбаи муҳимми дигари осори Анварӣ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Ӯ қайд менамояд, ки дар осори шоир бар тазодди мадҳ ҳаҷв қарор дошт. Яъне, шоир танҳо бо мадҳи мамдуҳон саргарм нашуда, дар мавридҳои ҷудогона ба ҳаҷв низ, ки хилофи он мебошад, рӯй овардааст. Ин мушоҳидаи В.А. Жуковский дар воқеъ чи тавре ки З.Н. Ворожейкина таъкид кардааст, арзиши баланди назариявӣ дошта, барои на танҳо осори Анварӣ, балки ба осори адибони дигар низ хос мебошад: «Хусусиятҳои дурангӣ, ки ба осори қариб ҳамаи шоирони барҷастаи форс хос мебошад, дар асарҳои махсус қайд шудаанд, ки яке аз аввалини онҳо китоби В.А. Жуковский дар бораи Анварӣ мебошад. Осори Анварӣ маддоҳу ҳаҷвнигори маъруф ба донишманд имкон додаанд, то хулосаи муҳимми назариявӣ барорад, ки назми дарборӣ тарафи акси худро

ҳам дошт-назми бадзаҳрӣ ва хашмгинона, ки «бо неруи тавонои ҳаётӣ офарида шуда, дар тамоми раванди таърихи адабиёти мусулмонии форсӣ чун хати сурх мегузарад» [28,с.144].

Ҷои дигар З.Н. Ворожейкина хидмати В.А. Жуковскийро дар ин самт таъкид намуда, ӯро «яке аз аввалин касоне медонад, ки ба ин навъи эҷоди адабӣ (ҳаҷв-С. А.) рӯй овардааст» [28, с.138].

Боби аввали асари мазкури В.А. Жуковский ба шарҳи ҳоли Анварӣ тахсис дода шудааст. Муаллиф, пеш аз ҳама, таъкид мекунад, ки «сарчашмаи аз ҳама муҳим ва бешак дурусти зиндагиномаи шоирони форс ашъори онҳо мебошад, зеро онҳо имкон медиҳанд, ки на танҳо вазъи зиндагии зоҳирии онон баррасӣ шавад, балки ба олами ботиниашон, тарзу шакли андеша дар асоси шинохту мулоҳизоти худи онҳо ошно гардад» [26, с.1].

Аз ин рӯ, В.А. Жуковский ҳангоми баёни шарҳи ҳоли Анварӣ бештар ба девони шоир такя намуда, барои такмилу тасҳеҳи он аз сарчашмаҳои дигаре, чун «Баҳористон»-и Мавлоно Абдуораҳмони Ҷомӣ, “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Оташкада»-и Лутфалибеки Озар, «Миръот-ул-хаёл»-и Шерхони Лудӣ, «Маҷолис-ул-муъминин»-и Нуруллои Шуштарӣ, «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ, «Муҷмил»-и Хавофӣ, «Ҳабиб-ус-сияр»-и Хондамир, «Риёз-уш-шуаро»-и Алиқулихони Вола, «Хулосат-ул-афкор»-и Абутолиб ибни Маъруфи Исфаҳонӣ, «Хулосат-ул- ашъор ва зубдат-ул-афкор»-и Тақиюддини Кошонӣ истифода кардааст. Ҳамчунин, ӯ аз таҳқиқоти муҳаққиқони аврупоӣ Д. Ҳербелот, Йозеффон Ҳаммер, А. Шпренгер, Рё, Ланглес, Ҷонг истифода кардааст.

Дар асоси сарчашмаҳои мазкур В.А. Жуковский дар бораи зодгоҳи шоир, даврони кӯдакӣ, илмҳои омӯхтааш, ба дарбори Султон Санҷари Салҷуқӣ роҳ ёфтани ӯ, муносибаташ бо маликушшуарои дарбор Амир Муиззӣ ва шоирони дигар мисли Қатрон, Рашиди Ватвот ва дигарон, воқеаҳои солҳои охири умр ва ниҳоят санаи вафоти шоир маълумот медиҳад. В.А. Жуковский маълумоти худро пас аз санҷишу муқоиса бо

иттилооти манбаъҳои зикршуда баён кардааст. Масалан, барои муайян кардани соли вафоти шоир ӯ маълумоти 10 манбаъро зикр намуда, ба ҳодисаҳои замони шоир мавриди муқоиса қарор медиҳад ва дар байни солҳои 585-587 вафот кардани ӯро тахмин менамояд.

Боби дувуми рисолаи В.А. Жуковский «Фаъолияти адабии Анварӣ ва тавсифи он» бо зикри шоирони маъруфи Арабу Аҷам, ки дар ашъори Анварӣ аз онҳо ёд шудааст, оғоз меёбад. Ин далели он аст, ки Анварӣ аз адабиёти гузаштаи Арабу Аҷам ва осори адибони муосири худ огоҳии комил доштааст. В.А. Жуковский қасидаи ба муносибати таълифи мақомотро ба анҷом расонидани Ҳамидуддин ва ҷавобияи ӯро ба Анварӣ намуна оварда, таъкид менамояд, ки дар байни онҳо мукотибаи доимӣ вуҷуд дошт.

Анварӣ бо шоири ҳамасри худ Абулфараҷи Рунӣ низ иртиботи қавӣ дошта, девони ӯро пайваста мутолиа мекардааст. Аз қасидаҳое, ки онҳо ба ҳамдигар бахшидаанд, муносибати самимиву эҳтироми мутақобилаи онҳо ба хубӣ эҳсос мешавад. Ин масъаларо Т. Самадов амиқтар баррасӣ намуда, ба чунин натиҷа расидааст, ки андешаи В.А. Жуковскийро тақвият медиҳад: «Дар ҳақиқат, аз мутолиаи баъзе шеърҳои Анварӣ чунин бармеояд, ки ӯ дилбохтаи назми Абулфараҷи Рунӣ будааст. Ва ҳамин майли Анварӣ ба назми Абулфараҷи Рунӣ буд, ки ӯ аз хондани девони шоир илҳом гирифта, гоҳе ба як вазну қофия ва гоҳе ба мисраву байтҳои ин шоир тазмин мекард. Баъзан чунин ҳам мешуд, ки Анварӣ ин ё он мазмуни шеъри Руниро гирифта, бо рангу шакли дигаре меоварад, ки инро баъзеҳо, ҳатто шеърдуздӣ ба қалам додаанд, ки ин ақида асосе надорад. Пайравии Анварӣ ба шеъри Рунӣ на аз рӯи беиқтидорӣ, балки аз рӯи ихлосу эҳтиром ба назми он шоир буд» [130, с.103-104].

В.А. Жуковский дар асоси ишораҳои Анварӣ солҳои 1136 ё 1146 мелодӣ ба шеъргӯӣ шуруъ намудани шоирро муайян карда, аз ҷумла таъкид менамояд, ки ӯ аз худ девони ашъор боқӣ гузоштааст. Девони Анварӣ аз қасоид, муқаттаот, ғазалиёт, маснавиёт ва рубоиёт иборат буда, қасида дар он мавқеи асосиро ишғол менамояд. Муҳаққиқ ба қасидаҳои

шоир бахусус, аз лиҳози балоғату зебоишиносӣ баҳои баланд дода, аз лиҳози таърихӣ муҳим набудани онҳоро таъкид менамояд. Зеро шахсиятҳои таърихие, ки дар қасидаҳои шоир мадҳ шудаанд, «на ҷисми инсонӣ доранду на ҷон» ва афкору эҳсосашон низ равшан нест[26, с.48]. Вале қитъаҳои шоир дигаранд ва «чун ойина ҷаҳонфаҳмии шоирро инъикос намуда, қобили таваҷҷуҳ мебошанд, бахусус, барои мо он сатрҳое, ки дар онҳо ӯ самимона андешаҳои худро дар бораи шеър баён мекунад ва худмазамматкунандаи шадид мебошанд, арзишманданд» [34, с. 49].

Аз ин ҷост, ки В.А. Жуковский ба баррасии қитъаҳое мепардозад, ки дар онҳо шоир аз беқадриву бесудии мадҳ сухан ронда, аз меҳнати сисолаи мадҳсароии худ изҳори пушаймонӣ мекунад. Шоир на танҳо аз навиштани мадҳия, балки аз сурудани ғазал низ даст мекашад:

Дӣ маро ошиқаке гуфт: «Ғазал мегӯӣ?»
Гуфтам: «Аз мадҳу ҳиҷо даст барафшондам ҳам.
Ғазалу мадҳу ҳиҷо аз пайи он мегуфтам,
Ки маро шаҳвату ҳирсу ғазабе буд ба ҳам» [34, с.50-51].

Муҳаққиқ пас аз баррасии чунин қитъаҳои шоир ба натиҷае мерасад, ки пас аз сӣ соли мадҳсароӣ дар эҷодиёти Анварӣ таҳаввуле ба миён меояд ва ӯ ба фалсафаву ҳикмат рӯй меорад.

В.А. Жуковский ба ғазалҳои Анварӣ баҳои баланд дода, воқеиву заминӣ будани тасвирҳои ошиқонаи ӯро махсус таъкид менамояд. Вале дар рубоиёти ӯ таъсири қасидаро мушоҳида мекунад.

Масъалаи дигаре, ки В.А. Жуковский матраҳ кардааст, муносибати Анварӣ ба ирфону тасаввуф аст. Ӯ андешаи Николасро дар бораи ба ҷараёни дайрии тасаввуф мансуб будани Анварӣ нақл намуда, сӯфӣ будани шоирро эътироф мекунад, вале иттилоъ надоштанашро аз ин ҷараёни тасаввуфӣ изҳор менамояд. Ба ақидаи В.А. Жуковский таъсири тасаввуф ба ашъори шоир чандон зиёд ба назар намерасад.

В.А. Жуковский ақидаи дигари Николасро, ки ба фатализм гароиш доштани Анвариро ҳадс мезанад, рад намуда, таъкид мекунад, ки андешаи қазову қадар, ки дар як қасидаи шоир баён шудааст, маънии фаталист

будани ӯро надорад. Зеро қазову қадар дар ҳамаи динҳо, аз ҷумла дар ислом ва масеҳӣ вуҷуд дорад ва ин як бовари динист.

Ба истеъдоди шоирии Анварӣ тазкиранигорону шоирон баҳои баланд дода, ӯро дар радифи Фирдавсиву Саъдӣ аз паямбарони назми форсӣ донистаанд. Дар замони зиндагии шоир ва асрҳои баъдина дар бораи беҳтарин қасидасарои он даврон баҳсҳо вуҷуд доштааст. Бахусус, Хоқонӣ, Заҳири Форёбӣ, Асируддини Ахсикатӣ ва Анварӣ дар ин арса мақоми баланд доштаанд. Барои муайян кардани он ки кадоме аз онҳо бартарӣ доранд ба Маҷди Ҳамгар мурочиат менамоянд:

Қавме зи ноқидони сухан гуфтаи Заҳир,
Тарҷеъ мекунанд бар ашъори Анварӣ.
Қавме дигар бар ин сухан инкор мекунанд,
Филҷумла дар маҳалли низоъанду доварӣ.
Тарҷеҳи як тараф ту бад-эшон намо, ки ҳаст,
Зери нигини ҳукми ту мулки суханварӣ[34, с.70].

Маҷди Ҳамгар дар номаи манзуми ҷавобии худ фазилатҳои шеъри Анварӣ ва Заҳири Форёбиро баён намуда, бартарии шеъри Анвариро таъйид мекунад:

Шеъри яке омада чун дурри шоҳвор,
Назми дигар баромада чун меҳри ховарӣ.
Шеъри Заҳир агарчи баромад зи ҷинси шеър,
Бартар зи Анварӣ назанад лофи ҳамсарӣ[34, с.71-72].

Баҳои мазкурро муаллифони тазкираҳо, аз ҷумла Давлатшоҳи Самарқандӣ эътироф намуда, ба ӯ унвони ҳаким низ додаанд. В.А. Жуковский баҳои ба ашъори Анварӣ додаи шоирон ва донишмандонро мавриди таҳлил қарор дода, таъкид мекунад, ки худи шоир ҳам ба арзиши баланди ашъораш ва шуҳрати ҷаҳониаш ишора кардааст ва дар воқеъ ӯ дорои истеъдоди баланд будааст, ки сазовори унвони «Офтоби Ховарон» гаштааст.

Дар поёни боб муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки агар Анварӣ аз ибтидо на ба мадеҳасароӣ, балки ба илм, бахусус, фалсафа шуғл меварзид, шояд мисли Абуалӣ ибни Сино файласуфи маъруф мешуд.

Боби дувуми рисола бабаррасии шарҳҳои қасоиди Анварӣ бахшида шудааст. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки баъзе шеърҳои шоир, бахусус, қасидаҳои ӯ душворфаҳм буда, дарки маонии онҳо на танҳо барои аврупоиён, балки ба хонандагони форсизабон низ осон нест. Аз ин ҷост, ки ба ашъори шоир шарҳҳо навишта шудаанд, ки аз онҳо ду шарҳ то имрӯз маълум аст. Яке «Шарҳи қасоиди Анварӣ»-и Муҳаммад ибни Довуд Алавии Шодободӣ ва дигар «Шарҳи девони Анварӣ»-и Абулҳасани Фароҳонӣ мебошанд.

В.А. Жуковский шарҳи дувумро, ки соли 1083 таълиф ва соли 1092 такмил ёфтааст, мавриди баррасӣ қарор додааст. Шарҳи Абулҳасани Фароҳонӣ дар давраи ҷавонии ӯ навишта шуда, аз ду бахш иборат будааст. Шарҳ бо муқаддимаи фасеҳу рангини муаллиф шуруъ мешавад, ки дар он мақсади шореҳ ва тартиби кори ӯ баён шудааст. В.А. Жуковский он муқаддимаро айнан бо тарҷумаи русиаш нақл намуда, мисраи аввали шеърҳоеро, ки Фароҳонӣ шарҳ кардааст, ба тартиб овардааст. Маълум мешавад, ки 73 қасидаи Анварӣ мавриди шарҳу тавзеҳи Фароҳонӣ қарор гирифтаанд. Дар охири шарҳ шореҳ ёддошти мухтасре намуда, ба хонандагони асараш муроҷиат карда менависад, ки ин асари ӯ дар даврони ҷавониаш навишта шудааст ва аз норасоиҳо холӣ нест.

Дар бахши дувуми асари Фароҳонӣ душвориҳои муқаттаоти Анварӣ шарҳ ёфтаанд. Дар ин бахш низ мисли бахши аввал шореҳ душвориҳои ҳар шеърро шарҳ дода, сипас вожаҳои ҷудогонаро тавзеҳ додааст.

В.А. Жуковский фазилатҳои асари Фароҳониро зикр намуда, аз ҷумла таъкид мекунад, ки ҳангоми таълифи шарҳ муаллиф сарчашмаҳои зиёдро мавриди истифода қарор додааст.Ӯ барои дуруст муайян кардани матни ашъори Анварӣ аз нусхаҳои қадимии девони шоир истифода кардааст.Дар ҳар маврид ӯ барои равшан намудани масъала ба манбаъҳои гуногун муроҷиат кардааст. Манбаъҳои истифодакардаи Фароҳониро

муҳаққиқ ба 8 гурӯҳ ҷудо намудааст. Аз ҷумла, дар гурӯҳи асарҳои таърихиву ҷуғрофӣ «Таърихи Табарӣ», «Муҷмал-ут-таворих»-и муаллифи гумном, «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-уд-мавҷудот» ва «Осор-ул-билод»-и Заҳирии Қазвинӣ, «Нузҳат-ул-қулуб»-и Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ, «Таърих-ул-ҳукамо»-и Алии Қифтӣ, «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд, «Хулосат-ул-ахбор вааҳвол-ул-ахёр»-и Хондамир ва ғайра, ки сарчашмаҳои муҳимманд, зикр шудаанд. Дар гурӯҳи асарҳои сарфу наҳв ва вожашиносӣ рисолаву луғатномаҳои «Сомӣфӣ –л-асомӣ»-и Майдонӣ, «Одоб-ул-фузало»-и Маҳмуди Деҳлавӣ, «Сурох-ул-луғат»-и Ҷамолӣ, «Кашф-ул-луғат»-и Шайх Аҳмад, «Шарафнома»-и Мунирӣ, «Истилоҳот-уш-шуаро»-и Шайх Озарӣ, «Рисолаи Вафоӣ»-и Вафоӣ ва амсоли инҳо ёд шудаанд, ки сарчашмаҳои муътамад ба шумор мераванд.

Ба ин минвол сарчашмаҳои зиёде дар гурӯҳҳои асарҳои доир ба фиқҳу шаръ, фалсафаву ирфон, илми бадеъ, тиб ва маҷмуаҳои гуногун зикр шудаанд, ки аз фарохии чашмандози илмии муаллифи шарҳи мазкур шаҳодат медиҳанд.

Фароҳонӣ бо осори шоирони асрҳои гуногун ошноии хуб доштааст, ки ба ин ишораҳои зиёди ӯ ба ашъори онҳо аз қабили Фирдавсӣ, Хоқонӣ, Саноӣ, Масъуди Саъди Салмон, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Шайх Озарӣ, Амир Хусрав, Рашидӣ, Шаҳидӣ, Камоли Исфаҳонӣ, Абулфараҷи Рунӣ, Абуалӣ ибни Сино, Шарафуддин Алии Яздӣ, Ибни Ямин, Амир Муиззӣ, Заҳири Форёбӣ, Шамс Қайс ва ғайра гувоҳӣ медиҳанд.

В.А. Жуковский ба арзиши баланди шарҳи Фароҳонӣ ишора намуда, таъкид мекунад, ки «мушоҳидаҳои зиёди ӯ (Фароҳонӣ–С.А.) ва хулосаҳояш хеле ғаниaнд, бо навовариву мустақилият мумтозанд, ки суханшиносони баъдина онҳоро комилан иқтибос кардаанд ва ба асарҳои худ ворид намудаанд» [34, с.97].

Мухтаво ваaҳаммияти шарҳи мазкурро ба таври муфассал баррасӣ намуда, В.А. Жуковский арзиши баланди шарҳҳоро дар шинохти осори шоирон нишон медиҳад. Дар ҳақиқат, шарҳҳо ба ашъори шоирон мисли Анварӣ ва Ҳофиз, ки зиёданд, ба муҳаққиқон барои амиқу ҳарҷониба

таҳқиқ кардани осору афкори он шоирон хеле судманд буда, ба дарки масъалаҳои зиёди ҳаёти адабӣ низ мусоидат менамояд.

Дар боби чаҳоруми асари В.А. Жуковский масъалаҳои забон ва нашри осори шоир баррасӣ гардида, тарҷумаи русии чанд қасида ва ғазали ӯ оварда шудааст. Муҳаққиқ,пеш аз ҳама,вуҷуд доштани се навъи услубро дар осори Анварӣ қайд намуда, истифода шудани услуби олиро дар қасоид, услуби миёнаро дар қитъаҳо ва услуби пастро дар ғазал ва ашъори дигари шоир таъкид кардааст. Вале барои тасдиқи ин андешаи худ далеле наовардааст. Ба назари мо, таснифоти мазкур тасҳеҳталаб мебошад ва маҳз қитъаҳои шоирро ба услуби паст мансуб донистан дуруст менамояд. Зеро дар қитъа масъалаҳои рӯзмарраи ба истилоҳ заминиву ҳаётӣ бо забони хеле содаву беороиш баён мешавад. Вале дар ғазал бештар сабки баёни латиф, боназокату ширин ба кор бурда мешавад. Истифодаи унсурҳои услуби паст, калимаву таъбирҳои дурушт, алфози қабеҳ ҳусни ғазал набуда, латофати онро халадор менамоянд. Вале дар қитъаҳо, бахусус, қитъаҳои ҳаҷвӣ истифодаи чунин унсурҳои баён на осеб, балки таъсирнокиву нишонрасии онҳоро афзунтар мекунад.

В.А. Жуковский ба хусусиятҳои забони ашъори Анварӣ таваҷҷуҳ намуда, муҳимтарини онҳоро ба қалам додааст. Яке аз хусусиятҳои назарраси забони ашъори шоир дар охири феълҳо истифода бурдани **ам** ба ҷои **ҳастам** мебошад. Ҳамчунин истифодаи феълҳои шакли **будастам, дидастам, нигаронидастам, ёфтастам, доштастам, кардастам** дар ашъори шоир зиёд ба кор рафтааст. Феъли **нестӣ** ба маънии **набудан** истифода мешавад. Ҳазфи овози **а** дар ҷонишинҳо аз қабили **модеҳон-т, инон-т.** Калимаҳои мураккаби шакли **бандкушод** дар ашъори шоир ба назар мерасад.

Мушоҳидаҳои В.А. Жуковский оид ба забони ашъори Анварӣ барои муҳаққиқони таърихи забони форсӣ хеле судманд аст ва барои муқоясаи забони шоирон дар асрҳои гуногун маводи зарурӣ медиҳанд.

Муҳаққиқ бо зикри ҳамин чанд мулоҳиза қаноат намуда, нашру тарҷумаи ашъори шоирро ба забонҳои гуногун зикр мекунад. Маълум

мешавад, ки ашъори Анварӣ бори аввал соли 1849 дар Табрез нашр шудааст. Ашъори шоир ба забонҳои лотинӣ, англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, шведӣ тарҷума ва чоп шудаанд.

Дар бахши тарҷумаҳо 6 қасидаи машҳури Анварӣ, аз ҷумла қасидаҳои дар мадҳи Пирӯзшоҳ, Абулфатҳи Тоҳир, Султон Санҷар ва қасидаҳои «Савганднома», «Ашкҳои Хуросон» ва 4 ғазали шоирро дар тарҷумаи русӣ овардааст. Маълум мегардад, ки дар тарҷумаи ашъори мазкур В.А. Жуковский аз шарҳи Фароҳонӣ ва тарҷумаҳои гуногуни ашъори шоир ба забонҳои аврупоӣ истифода кардааст.

Дар охири китоби В.А. Жуковский «Мунтахабот аз девони рафеъбунёни ҳакими нуктатирозу бадеъ маънипардози фариди иқлими суханварӣ ҳаким Авҳадуддини Анварӣ» ҷой дода шудааст. Ин бахш бо қасоиди Анварӣ шуруъ мешавад. Қасидаи аввал, ки дар баҳориёт ва мадҳи хоқон Пирӯзшоҳ аст, бо пораи зер оғоз меёбад:

Боз ин чи ҷавониву ҷамол аст ҷаҳонро?
В-ин ҳол, ки нав гашт заминрову замонро.
Миқдори шаб аз рӯз фузун буд, бадал шуд
Ноқис ҳама инро шуду зоид ҳама онро.
Ҳам ҷамра баровард фурӯбурда нафасро,
Ҳам фохта бикшод фурӯбаста даҳонро[34, с.2].

Сипас шарҳи муфассали вожаи душвори пораи мазкур **ҷамра** оварда мешавад. Аввал маънии луғавии калимаи мазкур баён мешавад: «Ҷамра бинобар машҳур бухорест, ки дар охири зимистон аз замин барояд ва дар истилоҳи тозиён ҳудуси он бухорро дар замин суқути ҷамра гӯянд, яъне афтодани бухор дар замин ва он се рӯз бошад» [34, с.2]. Сонияи, маънии истилоҳии он зикр мешавад: «Бинобар қавли машҳур исботи нафсро аз барои ҷамра истиора аст ва тавонад буд, ки мурод аз ҷамра булбул бошад ва муқобала бо фохта муаййиди ин аст» [34, с.3].

Ба ин минвол, байтҳои дигари қасида тавзеҳ дода мешаванд. Ҳарчанд ишора нашудааст, вале пайдост, ки тавзеҳи қасидаи аввал, ки хеле муфассал буда, 28 саҳифаро дар бар мегирад, нақл аз «Шарҳ»-и Фароҳонист. Дар тавзеҳи қасида гоҳ шарҳи таъбиру ибораҳо низ ба назар мерасад, ки хеле ҷолибанд. Масалан, таъбири «меҳр фурӯ шудан» дар байти зер чунин шарҳ ёфтааст:

«Бар олами ҷоҳи ту киро рӯйи гузар монд,

Чун меҳр фурӯ шуд чи яқинро, чи гумонро.

Дар истилоҳоти шуаро фурӯ шудани меҳр ва фурӯ шудани рӯз киноя аз заволи ҳаёт ва ба сар омадани умрест. Муҳассили маънӣ он ки чизҳоро бо яқин ё ба гумон тавон донист. Ҳар гоҳ дар талаби олами ҷоҳи ту умр яқину гумон ба сар омад ва бад-он нарасиданд, дигар киро имкони расидан бад-он ва донистани он тавонад буд» [34, с.22].

Дар қасидаҳои дигар шарҳ камтар ба назар мерасад. Чор ғазали шоир бидуни шарҳ нақл шудаанд.

Ба китоб ҳамчунин маълумоти дар бораи Анварӣ додаи Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро», Амин Аҳмади Розӣ дар «Ҳафт иқлим», Лутфалибеки Озар дар «Оташкада», Шерхони Лудӣ дар «Миръот-ул-хаёл» илова гардидааст.

Асари В.А. Жуковский аввалин тадқиқоти ҷудогона дар бораи Анварӣ дар шарқшиносии рус буда, то имрӯз арзиши баланди илмии худро гум накардааст. Тавре ки муҳаққиқи ғазалиёти шоир Т. Самадов менависад:«Роҷеъ ба аҳвол ва осори Анварӣ то имрӯз ба истисног китоби ниҳоят муфиду пурарзиши Валентин Жуковский «Алӣ Авҳадуддин Анварӣ» тадқиқоти ҷудогонае анҷом нагирифтааст» [84,3]. Пас аз баррасии асарҳои ба таҳқиқи аҳволу осори шоир бахшида шуда муҳаққиқи мазкур ба чунин хулосаи дуруст омадааст: «Аммо дар байни он ҳама таҳқиқот асари олими рус Валентин Жуковский бо унвони «Али Авхадэддинь Энвери» ҳам аз ҷиҳати вусъати таҳқиқ ва ҳам аз ҳайси кашфи илмии осори Анварӣ ҳамчун аввалин кори ҷиддии илмӣ мақоми махсус дорад. Валентин Жуковский дар асоси нақлу ривоятҳоитазкираҳо ва сарчашмаҳои таърихӣ,

инчунин аз шеърҳои худи шоир тарҷумаи ҳоли ӯро мухтасар маълум карда, дар қисми мероси адабии шоир бештар ба қитъаҳои ӯ диққат додааст» [129, с. 3-4].

Чунин баҳои баланд дар бораи таҳқиқоти пурарзиши В.А. Жуковский дар асарҳои ба рушди қасида ва қасидасароӣ дар адабиёти тоҷику форс бахшидаи муҳаққиқон низ ба назар мерасад. Аз ҷумла, муҳаққиқи адабиёти доираи Исфаҳон дар давраи истилои муғулҳо З.Н. Ворожейкина дар асари худ борҳо ба асари мазкури В.А. Жуковский ишора намуда, арзиши баланди онро таъкид кардааст. Ин ҳама аз арзиши баланди асари В.А. Жуковский ва мақоми он дар шинохти рӯзгору осори шоири маъруф Анварии Абевардӣ, ки аз қасидасароёни шинохтаи на танҳо замони худ, балки таърихи адабиёти форсизабон ба шумор меравад, шаҳодат медиҳад.

## 2.2. Умари Хайём дар чашмандози илмии В.А. Жуковский

Умари Хайём аз бузургтарин донишмандони асрҳои миёнаи форсу тоҷик аст, ки дар пешрафти илму тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Аз ин ҷост, ки донишмандони аврупоӣ асри XI-ро дар таърихи илм асри Хайём номидаанд. Кашфиёту дастовардҳои ӯ дар илмҳои риёзиёт, нуҷум, фалсафа назаррас буда, шуҳрати ҷаҳонӣ доранд. Вале дар асрҳои охир шуҳрати шоирии Умари Хайём бештар гардида, ӯ дар радифи бузургтарин шоирони ҷаҳон ҷой гирифтааст. Ҳарчанд дар замони худ Хайём чун шоир шинохта намешуд, дар асрҳои охир ба ӯ садҳо рубоиро нисбат медиҳанд.

В.А. Жуковский ин вазъро махсусан, ҳангоми сафарҳояш ба Эрон мушоҳида намуд ва андешаи муайян кардани рубоиҳои асили Хайём дар ӯ пайдо шуд. Тавре ки худи муҳаққиқ навиштааст, ҳанӯз соли 1884 ҳангоми дар Эрон буданаш ӯ як рубоии мансуб ба Хайёмро дар «Муноҷот»-и Абдуллоҳи Ансорӣ дучор меояд ва ба ҷустуҷӯи рубоиҳои «сайёр» мепардозад. Ҷустуҷӯҳои худро дар ин росто ӯ дар мақолаи муфассали «Умари Хайём ва рубоиҳои «сайёр» дар маҷмуаи мақолаҳои «المظفريه», ки ба муносибати биступанҷсолагии аввалин суханронии профессори Донишгоҳи Санкт-Петербург барон Виктор Романович Розен соли 1897 омода ва чоп шудааст, баён намудааст.

Мақола бо таъкиди ин нукта шуруъ мешавад, ки ҳеч шоир мисли Умари Хайём мавриди таваҷҷуҳ ва андешаҳои мухталифу зидду нақиз дар бораи ӯ қарор нагирифтааст. Ӯ барҳақ менависад: «Вай (Умари Хайём–С.А.)–озодандеш, харобкори имон; вай–худоношинос, материалист; вай–писхандзанандаи тасаввуф ва пантеист; вай–мусулмони муъмин, файласуфи дақиқсанҷ, мушоҳидакори ҷиддӣ, донишманд; вай–ринд, фосиқ, мунофиқ ва риёкор; вай–натанҳо таҳқиркунандаи Худо, балки инкоркунандаи дини мусбат ва ҳама гуна оин аст; вай–нармтабиат ва ба таҷаллии илоҳӣ содиқ аст на ба лаззоти зиндагӣ; вай–шаккок, пайрави Эпикур; вай–Абулъало, Волтер, Гейнеи

эронӣ» мебошад [41. с. 325].

Тавсифҳои мазкурро В.А. Жуковский дар асоси андешаҳои муҳаққиқону нашрони осори Умари Хайём амсоли Ҳаммер, Реман, Ҳерман Эте, Николас, Гарсен де Тасси, Винфелд, Мюллер ва дигарон баён намудааст, ки дарвоқеъ пурихтилофу зиддият буда, дар як шахс зуҳур кардани онҳо ғайриимкон аст. В.А. Жуковский пас аз таъкиди ихтилофи назарҳо бобати баҳодиҳӣ ба Умари Хайём саволе ба миён мегузорад, ки сабаби ин ихтилофи назарҳо дар чист ва саъй менамояд, ки ба ин савол ҷавоб ёбад. Ӯ, пеш аз ҳама, таъкид мекунад, ки сабаби ин қазияро бояд на дар шахсияти Хайём, балки «дар интихобу таркиби рубоиҳои ӯ» ҷуст[41, с.326].

В.А. Жуковский таъкид мекунад, ки то ҳол зиндагинома ва муҳити Хайём ҳанӯз равшан нест. Дар бораи ӯ ривоятҳои беасос хеле зиёданд. Масалан, ӯро бо Низомулмулк ва Ҳасани Саббоҳ ҳамсабақи мактабӣ донистаанд. Таҳқиқи муҳаққиқон нишон медиҳад, ки онҳо дар давраҳои гуногун зиндагӣ кардаанд ва ҳамсабақ будани онҳо ғайриимкон аст.

Ба ин тартиб, лаҳзаҳои зиёди зиндагии Хайём дар сарчашмаҳои гуногун ғайривоқеъӣ қаламдод шудаанд. Ҳамчунин набудани нусхаҳои қадимии осори ӯ, нобуд гаштани осори адабиву фалсафӣ ва илмии ӯ бар асари ҳуҷумҳои ғоратгаронаи ғузҳову муғулҳо ва ғайра ҳалли масъаларо душвор месозанд. Бинобар ин, В.А. Жуковский ҳадафашро дар мақола, пеш азҳама, «дар таҳқиқи дақиқи таркиби рубоиҳои ӯ ва овардани далелҳои тозаи шарҳиҳолӣ дар бораи вай» [41, с.26] медонад.

Аз ин ҷост, ки В.А. Жуковский дар рисолааш, қабл аз ҳама, маълумоти сарчашмаҳои қадимиро дар бораи Умари Хайём айнан бо тарҷумаи русӣ зикр менамояд. Қадимтарин сарчашмае, ки роҷеъ ба Умари Хайём иттилоъ медиҳад, «Нузҳат-ул-арвоҳ»-и Муҳаммад Шаҳразурӣ мебошад, ки дар нимаи асри XII таълиф шудааст. Асар аслан ба забони арабӣ навишта шуда, баъдан ба форсӣ тарҷума шудааст. Муаллифи мақола маълумоти мазкурро ба забонҳои арабӣ, форсӣ ва русӣ дарҷ кардааст. Ин маълумот аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки дар баробари иттилоъ дар бораи

зодгоҳу донишмандиаш дар соҳаҳои гуногун ба хислатҳои шахсии Хайём ишора шудааст. Масалан, Шаҳразурӣ таъкид мекунад, ки Умари Хайём ҳофизаи хеле қавӣ дошта, ҳар чизи мутолиа кардаашро дар хотир нигоҳ медоштааст. Боре китоберо, ки дар Исфаҳон хондааст, пас аз баргаштан ба Нишопур онро аз ҳифз такрор кардааст. Нуктаи дигаре, ки дар маълумоти Шаҳразурӣ зикр шудааст, «дар таълиму тасниф заннат» [41. с.327] доштани Хайём, яъне камсухану камтаълиф будани ӯст. Дарвоқеъ, камсуханиву мухтасарнависии Хайёмро сарчашмаҳои дигар низ зикр кардаанд. Ба назари мо,барои ифодаи андешаҳои худ маҳз рубоиро интихоб кардани ӯ низ маҳз ба ҳамин хислаташ вобаста аст. Зеро одатан донишмандон андешаҳои худро дар навъи маснавӣ, ки имкони васеъ барои баёни ҳар гуна воқеаву андешаҳо дорад, ифода менамуданд. Вале Хайём, ки ба пургӯӣ майл надошт, ба рубоӣ, ки ҳарчанд душвор аст, вале хеле ихчаму муҷаз аст, руй овардааст.

Дар маълумоти Шаҳразурӣ ба донишманди барҷастаи фиқҳу таърих, забон, нуҷум, риёзиёт тиб ва дигар соҳаҳои илм будани Умари Хайём таъкид шудааст.

Дар поёни маълумоти худ Шаҳразурӣ таъкид мекунад, ки «ӯро ба арабӣ ва форсӣ шеър бисёр аст» [41,с.326] ва се қитъаи арабиву ду рубоии форсиро намуна меорад. Чунонки муҳаққиқи эронӣ Раҳим Ризозодаи Малик муайян кардааст, «китоби «Нузҳат-ул-арвоҳ ва равзат-ул-афроҳ фӣ таворих-ул-ҳукамо ал-мутақаддимин ва-л-мутааххирин»-ро Муҳаммад ибни Маҳмуди Шаҳразурӣ миёни солҳои 586–611 ҳиҷрии қамарӣ ба забони арабӣ таълиф кардааст. Шаҳразурӣ шарҳи ҳоли Хайёмро ба шакли сахт ноқис аз китоби «Татиммаи сивон-ул-ҳикмат» таълифи Заҳируддин Абулҳасан Алӣ ибни Абулқосим Зайд ибни Муҳаммад ибн Алҳасан Албайҳақии маъруф ба Ибни Финдиқ иқтибос кардааст, ҷуз он ки дар поён се қитъа шеъри арабӣ, ки албатта, дар «Татиммаи сивон-ул-ҳикмат» нест, ба Умари Хайём нисбат додааст. Ба соли 1011 ҳиҷрии қамарӣ Мақсуд Алии Табрезӣ «Нузҳат-ул-арвоҳ ва»-ро аз арабӣ ба форсӣ баргардонд. Мутарҷим ба салиқаи худ он се қитъаи шеъри арабиро, ки Муҳаммад Шаҳразурӣ ба

Хайём нисбат додааст, ҳазф карда ва ба ҷои онҳо ду рубоии форсӣ ба Хайём нисбат дод. Жуковский дар мақолаи худ ҳам матни арабии «Нузҳат-ул-арвоҳ ва »-ро бо нақли он чор қитъа шеъри арабӣ ва ҳам матни тарҷумаи форсии онро бо нақли он ду рубоии форсӣ овардааст [41, с.341-342].

Муҳаммад Шаҳразурӣ ба он истинод кардааст, ки дар ин қитаъоти арабӣ се бор номи “ал-Хайём” ба таври сареҳ истифода шуда ва бо ҳамин далел онҳоро ба қалами Хайёми Нишопурӣ мансуб донистааст. Масалан, қитъаи аввал фалсафӣ буда, дар бораи ҳафтгона будани қабатҳои осмон сухан меравад.

تدر لي الدنيا بل السبعة العلى
بل الفلك الأعلى إذا جاش خاطري
أصوم عن الفحشاء جهرا و خفية
عفافا و إفطاري بتقديس فاطري
و كم عصبة ضلت عن الحق فاهتدت
بطرق الهدى من فيضي المتقاطر
فإن صراطي المستقيم يصائر
تصبن على وادي العمى كالقناطر[98, с.48]

(Тарҷума: *агарчи андешаҳо дар дили ман барангехта шавад, ин ҷаҳону осмони ҳафтгона, балки уфуқи аъло барои ман гардон аст.*

*Ман ошкорову пинҳон ва бо порсӣ аз ношоистагӣ (расвоӣ) рӯза медорам ва ифторам ниёиши Офаридгори ман аст.*

*Чанд гурӯҳ дар ҷустуҷӯйи зоти Худованд гумроҳ гаштанду боз аз файзи борони раҳмати илоҳӣ роҳи ҳидоятро дарёфтанд.*

*Ба дурустӣ, ки роҳи рости ман биноии яқин аст, ки чун пулҳо дар водии гумбудагон ва кӯрдилон гузошта мешавад.)*

Дар қитъаи дувум низ шоир ба масоли фалсафӣ гароиш дорад. Ӯ ба Парвардигори оламҳо такя дорад ва тамоми чигунагии раванди ҳаёташро ба гардиши фалак вобаста медонад ва дар ҷаҳонбинии Хайём “ман”-и шоир ба хубӣ эҳсос мегардад. Зеро ӯ худро дар ҷойгоҳи Моҳу Хуршеду ситорагон медонад, ки навъе аз ташхис аст. Зеро ҳосили зиндагии инсонро

марг медонад ва оғози ҳама хушбахтиҳоро бадбахтӣ мешуморад ва ин ҷаҳонро ба дунёи фонӣ ташбеҳ месозад:

اذا قنعت النفسي بميسور بلغتة

يحصّلها بالقدّ كفٍّ و ساعدي

اسم ان الفحشاء جهرا و خفيتا

فكن يا زماني معدّي او مساعدي

و لي فوق حام النرين منازل

و فوق منات الفرقدين مساعدي

اليس قظا الرحمان في حممه بان

يعيد الى نحسٍ جميع المصاعدِ

متا ما دنت دنياك كانت مصيبتا

فوا اجبا من ذالقريب المباعد

اذا كان محصول الحيات منيةً

فالصيان حالا كلّ صاعٍ و قاعد

فيا نفسي صبرا في مقيلك انّما

تخر زراه بالنقاض القواعد[98, с.49]

(Тарҷума: *агар нафси ман ба осонӣ аз кифояти маош ором гирифта бошад, ки онро дасту бозуи ман ба ранҷу сахтӣҳосил кардаанд.*

*Пас ман аз ҳамаи гардишҳои рӯзгор эмин ҳастам. Ва эй замони ман, ту паймондеҳ ва ёвари ман бош!*

*Ҷойгоҳи худро болотар аз Моҳу Хуршеду ситорагон медонам.*

*Ва мақоми ман баландтар аз ситораҳои ал-Фарқадайн аст.*

*Оё Худованд дар қазои худ ҳукм накардааст, ки ҳамаи хушбахтиҳоро ба бадбахтӣ бозгардонад.*

*Ҳар гоҳ ки ин ҷаҳони ту ба поён расад, мусибате бошад. Пас, аҷаб бошад, ки шахси пайванди хешӣ дошта дурӣҷӯяд.*

*Агар ҳосили зиндагӣ марг бошад, пас ҳоли ҳар каси саъйкунанда ва як ҷо нишаста баробар аст.*

*Эй нафси ман, дар осоишгоҳи худ шикобе бош, зеро ҳар чиро бунёдаш футур равад, болояш фурӯ мерезад.)*

Қитъаи сеюм низ ҳолу ҳавое дорад:

زجيت دهرا طويلًا في التماس أخ

يرعى ودادي إذا ذو خلة خانا

فكم ألفت و كم آخيت غير أخٍ

و كم تبدلت بالإخوان إخوانا

و قلت للنفس لما عز مطلبها

بالله لا تألفي ما عشت إنسانا [98, с.50]

(Тарҷума:*ман басо рӯзгоре дар ҷустуҷӯйи бародар ба сар бурдам, ки то дӯсте хиёнат кунад, оини дӯстию бародариро нигоҳ дорад.*

*Басо бо ғайри бародар хӯ гирифтаму аҳди бародарӣ бастам ва басо бародаронро ба бародарон иваз кардам.*

*Пас, ба нафси худ, чун матлаби ӯ ноёб шуд, гуфтам:*

*Қасам ба Худо, ки то зинда бошӣ, инсонеро дӯст магир!.)*

Дар қиитъаи чаҳорум низ аз дунёи гузарон ва бебақо будани рӯзгор сухан мегӯяд:

العقل يعجب في تصرفه

ممن على الأيام يتكل

فنوالها كالريح منقلب

و نعيمها كالظل منتقل[98, с.49]

(Тарҷума: *ақл дар гирудори худ аз касе, ки ба рӯзгор эътимод дорад, басо дар аҷаб аст.*

*Зеро атои рӯзгор ба мисли бод тағйирёбанда ва созу баргаш чун соя гузаранда аст).*

Ин қитъаҳои дастрасшуда собит месозанд, ки Умари Хайём дар радифи рубоиёти оламгири худ, ки ба форсии тоҷикӣ сурудааст, ба забони арабӣ, ки дар он рӯзгор забони расмии хилофат ва муҳимтар аз ҳама забони илми ҷаҳони ислом буд, чанд қитъа шеър ҳам иншо намояд.

Сарчашмаи дигаре, ки он ҳам дар асри VII ҳ. ба забони арабӣ навишта шудааст, «Таърих-ул-ҳукамо»-и Ибн Ал-Қифтӣ мебошад. Маълумоти ин сарчашма низ дар бораи Умари Хайём хеле ғолиб буда, чанд паҳлуи симои ӯро равшан менамояд. Қифтӣ пеш аз ҳама таъкид

мекунад, ки Умари Хайём донишмандтарин шахси он замон буда, илмҳои гуногун ва бахусус, илмҳои юнониро хуб медонистааст. Ӯ тавонистааст, ки таълимоти юнониҳоро бо тасаввуф омезиш диҳад ва сабаби дар байни сӯфиён шуҳрати зиёд доштанаш ҳам дар ҳамин аст. Нуктаи муҳимме, ки дар маълумоти Қифтӣ ба назар мерасад, ба морони заҳрдор монанд кардани маъниҳои ботинии рубоиёти ӯ мебошад. Аз назари Қифтӣ маҳз маъниҳое, ки ба аҳкоми шариат мухолифат доштанд, сабаби ба ҳамлаву таъқибҳои зимомдорони давр қарор гирифтани вай шудааст. Сабаби ба ҳаҷ рафтани Умари Хайёмро низ ӯ барои раҳоӣ аз он таъқибҳо донистааст.

Қифтӣ ҳамчунин дар илмҳои ҳайъату фалсафа донишманди беназир будани Умари Хайёмро таъкид кардааст.

Закариёи Қазвинӣ дар «Осор-ул-билод» пеш аз ҳама зодаи Нишопур будани Умари Хайём ва донишманду ҳаким, донандаи улуми фалсафӣ, риёзидон будан ӯро таъкид намуда, бо таассуф қайд мекунад, ки ӯ ҳарчанд барои сохтани расадхона Султон Маликшоҳи Салҷуқӣ маблағ ваъда карда буд, пас аз фавти Султон амалӣ нагардид. Ҳамчунин дар асар роҷеъ ба Умари Хайём ривоятҳо оварда шудаанд. Аз ҷумла, дар работе, ки Хайём маскан гирифта буд, мардум аз зиёдии парандагон азият мекашиданд. Ӯ аз гил паранда сохта, дар баландии он маҳал мегузорад ва ин боиси аз работ дур шудани парандагон мегардад. Дар ривояти дигар омадааст, ки фақеҳе ҳар субҳ ба назди Умари Хайём омада, аз ӯ фалсафа меомӯзад, вале дар байни мардум нисбат ба вай бадгӯӣ мекунад. Боре Умари Хайём нақоразанонро мефармояд, кибо садои нақора мардумро ҷамъ кунанд. Вақте ки фақеҳ аз ӯ сабақ мегирифт, мардум ҷамъ мешаванд ва Хайём бо садои баланд мегӯяд, ки «эй аҳли Нишопур ин донишманди шумо ҳар субҳ аз ман сабақ мегирад, валеба шумо дар бораи ман бадгӯӣ мекунад. Агар ман бад бошам, чаро аз ман илм меомӯзад?» [41, с.335].

Ба ин тартиб, Закариёи Қазвинӣ донишманду закӣ будани Умари Хайёмро бо далелҳои мустанад нишон медиҳад.

Муаллифи гумноми асари «Фирдавс-ут-таворих», ки соли 808 ҳ./ 1454 м. таълиф шудааст, ба донишмандиву шоирии Умари Хайём ишора

намуда, аз ҷумла навиштааст: «Амар ибни Иброҳим Хайём дар аксари улум, хосса дар илми нуҷум саромади замони худ буд. Расоили ҷаҳонгир ва ашъори беназир дорад. Мин ашъориҳу:

Ҳар зарра, ки дар рӯи замине бузаст,
Хуршедрухе, зуҳраҷабине бузаст.
Гард аз рухи нозанин ба озарм фишон,
К-он ҳам руху зулфи нозанине бузаст» [41, с.336].

Дар сарчашмаи мазкур инчунин лаҳзаи вопасини зиндагии Умари Хайём ва охирин шеъри ӯ аз забони ҳамзамони ӯ Имом Муҳаммади Бағдодӣ баён шудааст: «Мутолиаи «илоҳӣ» аз китоби «Аш-Шифо» мекард ва чун ба фасли «Воҳид ва кассир» расидӣ, чизе дар миёни авроқи мутолиа ниҳозу маро гуфт: «Мардумро бихон, то васият кунам». Чун асҳоб ҷамъ шуданд, ба шароит қиём намуз ва гӯянд охир суханони назми ӯ ин буз:

Сер омадам, эй Худой аз бастии хеш,
Аз тангдиливу аз тиҳидастии хеш.
Аз нест чу ҳаст мекунӣ, берун ор
З-ин нестиям ба ҳурмати ҳастии хеш» [41, с.336].

Маълумоти «Таърихи алфӣ» низ дар бораи шахсияти Умари Хайём ҷолиб буда, роҷеъ ба зодгоҳи ӯ ба маълумоти Шаҳразурӣ такя кардааст. Дар донишмандӣ ӯ Умари Хайёмро ба Ибни Сино баробар медонад, вале ба таълифу таълим майл надоштанашро таъкид мекунад: «Ҳакими мазбур ба воситаи бухл ва заннат дар нашри улум дар тасниф чандон асаре зоҳир накард ва он чи аз вай шуҳрат дорад, рисолаест мусаммо ба «Мизон-ул-ҳикам» дар баёни ёфтани қимати чизҳои мурассаъ бидуни кандани ҷавоҳир аз он ва дигар рисолаи мусаммо ба «Лавозим-ул-амкина» [41, с.336]. Ҳамчунин дар таърихномаи мазкур ривоят дар бораи зиракии Умари Хайём мисолҳо оварда шудааст.

Маълумоти сарчашмаҳои мазкур, ки аз нусхаҳои хаттии нодири китобхонаҳои гуногун дастрас шудааст, барои омӯхтани аҳволу осори Умари Хайём мусоидат намуда, ҷиҳати муайян кардани симои шахсӣ ва донишмандии ӯ ба донишманди рус мадад мерасонанд.

Тавре ки зикр шуд, барои ҳалли масъалаҳои норавшани ҳаёту афкори Умари Хайём рубоиҳои асили ӯ, ки мутаассифона, нусхаҳои қадимии онҳо боқӣ намондаанд ва осори фалсафии вай, ки кампайдоянд, метавонанд мадад расонанд. Бинобар ин, В.А. Жуковский «нақди дақиқи таркиби рубоиҳои ӯ ва маълумоти навдар бораи зиндагиашро» «калиди кушояндаи мушкилоти шоиримутафаккир» медонад [41, с.326].

Дар мавриди таркиб ва миқдори рубоиҳои Умари Хайём низ В.А. Жуковский мушоҳидаву мулоҳизаҳои ҷолиберо баён мекунад. Ӯ барои ҳалли ин масъала таҳқиқи маъхазҳои мавҷудаи рубоиёти Хайёмро зарур мешуморад ва муҳимтарини онҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Нусхаҳои гуногуни маҷмуаҳои рубоиёти Хайёмро баррасӣ намуда, В.А. Жуковский ба чунин натиҷа мерасад, ки теъдоди рубоиёти ӯ тадриҷан дар асрҳои баъдӣ афзудаанд. Ӯ барои намуна чанде аз он нусхаҳоро, ки дар китобхонаҳои Музейи Британия, Бодлеан ва Петербург маҳфузанд, зикр намуда, аз ҷумла таъкид мекунад, ки ба қавли Винфелд шахсе теъдоди рубоиҳои дар нусхаҳои гуногуни дар китобхонаҳои Аврупо маҳфуз бударо 1200 адад донистааст. Винфелд аз ин миқдор 500 рубоиро интихоб кардааст ва ба мансубияти 5 рубоӣ ба шоирони дигар ишора намудааст. Вале сарчашмаи он рубоиҳо нишон дода нашудааст. Бинобар ин, В.А. Жуковский ба баррасии дақиқи ин масъала шуруъ кардааст. Ӯ аз маҷмуае, ки Николас нашр кардааст, 82 рубоии «сайёр»-ро, ки дар тазкираҳову маҷмуаҳои гуногун ба 39 шоир нисбат дода шудаанд, муайян намудааст. Қаблаз баррасии он рубоиҳои «сайёр» В.А. Жуковский сарчашмаҳои он рубоиҳоро бо тавсифи мухтасар зикр менамояд. Яке аз сарчашмаҳои муътамад, ки дар он ду рубоии Умари Хайём дарҷ шудааст, «Мирсод-ул-ибод»-и Наҷмуддин Абубакри Розӣ мебошад. Розӣ, ки аз сӯфиёни маъруф буд, Хайёмро «бечораи фалсафӣ ва даҳриву табоеъӣ» ва «саргаштаву гумгашта» меномад ва барои намуна ду рубоии зерини ӯро нақл мекунад:

Дар доирае, к-омадану рафтани мост,
Онро на бидоят, на ниҳоят пайдост.
Кас меназанад даме дар ин олам рост,

К-ин омадан аз куҷову рафтан ба куҷост.

***

Доранда чу таркиби табоеъ орост,

Боз аз чӣ қибал фиканд андар каму кост?

Гар зишт омад пас ин сувар айб кирост?

В-ар нек омад, харобӣ аз баҳри чарост?[41, с.341-342]

Ҳарчанд рубоиҳои мазкур ба шоирони дигар ҳам мансуб దониста мешаванд, вале ба Умари Хайём тааллуқ доштани онҳо мусаллам аст.

Сарчашмаҳои дигар, ки дар онҳо рубоиҳои «сайёр» ба назар мерасанд, ба қарори зайланд: нусхаҳои хаттии Куллиёти Аттори Нишопурӣ, Девони Ҷалолуддини Румӣ, Девони Камолуддини Исфаҳонӣ, Девони Ҳофизи Шерозӣ, рисолаҳои Абдуллоҳи Ансорӣ, маҷмуаҳои ашъори Анварӣ, «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ, «Оташкада»-и Озар ва маҷмуаҳои дигар. Муаллиф таъкид мекунад, ки рубоиҳои «сайёр» махсусан, дар асарҳои Аттор ва Ҷалолуддини Румӣ бештар ба назар мерасанд. Сипас он 82 рубоии «сайёр» бо зикри манобеъ оварда мешаванд.

Рубоии аввал дар девони Салмони Соваҷӣ ва Ҳофиз низ ба назар мерасад:

Омад саҳаре нидо зи майхонаи мо,

К-эй ринди хароботии девонаи мо.

Бархез, ки пур кунем паймона зи май

З-он пеш, ки пур кунанд паймонаи мо [41, с.326].

Дар воқеъ рубоии мазкур ҳарчанд андешаи хайёмона дорад, вале аз Хайём нест. Зеро мафҳуми ринд дар замон ва осори Хайём ҳанӯз маъмул набуд. Вале рубоии зер ба Наҷмуддини Розӣ нисбат дода мешавад:

Ҳар сабза, ки дар канори ҷӯе рустаст,

Гӯӣ зи лаби фариштахӯе рустаст.

Ҳон, бар сари сабза по ба хорӣ наниҳӣ,

К-он сабза ба хоки лоларӯе рустаст [81, с.111].

Дар ин мавридадабиётшиноси шинохтаи тоҷик Мирзо Муллоаҳмад навиштааст, ки: «рубоии мазкур аз Наҷмуддини Розӣ, ки аз аҳли тасаввуф

буд, нест, зеро дар он андешаи тасаввуфӣ мушоҳида намешавад ва аз ҳар лиҳоз хайёмона аст» [41, с.353].

Рубоии зер дар нусхаи хаттии Музейи Осиё ба Фирдавсӣ нисбат дода мешавад:

Ҳон, то нанихӣ бар тани худ ғуссаву дард,
То ҷамъ кунӣ сими сафеду зари зард.
З-он пеш, ки гардад нафаси гарми ту сард,
Бо дӯст бихӯр, ки душманат хоҳад овард[121, с.112].

Соҳиби мақолаи“Эроншиносӣ дар Русия” ба ин бовар аст, ки: «Дар рубоии мазкур сабки Фирдавсӣ мушоҳида намешавад» [121, с.114].

В.А. Жуковский 11 рубоии мансуб ба Умари Хайёмро дар нусхаҳои девони Ҳофиз пайдо кардааст. Тавре ки Мирзо Муллоаҳмад таҳқиқ кардааст, «на ҳамаи рубоиҳои мазкур ҳофизонаанд ва дар аксари онҳо сабки Умари Хайём эҳсос мешавад» [121, с.114].

Масалан, сабки рубоии зер бештар ба сабки Умари Хайём наздиктар аст:

Абр омаду боз бар сари сабза гирист,
Бе бодаи арғувон даме натвон зист.
Ин сабза, ки имрӯз тамошогаҳи мост,
То сабзаи хоки мо тамошогаҳи кист?[41, с.347]

Зеро дар ин рубоӣ мафҳумҳои асосии сабзаву бода тобиши ирфонӣ надоранд. Дар баъзе мавридҳо шаклҳои гуногуни рубоиҳо оварда шудаанд. Рубоии зерин дар девони Саноӣ ба ин шакл омадааст:

Гар ман ба муроду ихтиёри худаме,
Фориғ зи ғами қазову неку бадаме.
Он беҳ будӣ, ки андар ин кавну фасод
На омадаме, на шудаме, на будаме.

Винфелд дар нашри худ рубоии мазкурро ба ин шакл сабт кардааст:

Гар омаданам ба ман будӣ, н-омадаме
В-ар нек шудан ба ман будӣ, кай шудаме?
Беҳ з-он набудӣ, ки андар ин олами хок

На омадаме, на шудаме, на будаме[41, с.361].

Ба ин тартиб, яке аз мазиятҳои кори В.А. Жуковский дар он аст, ки ӯ82 рубоии «сайёр»-ро бо зикри маъхаз нақл намуда, ба кӣ мансуб будани онҳоро нишон додааст. Вале, мутассифона, шояд бинобар набудани далоили муътамад аз шарҳу тавзеҳи онҳо худдорӣ кардааст. Танҳо дар баъзе мавридҳо ба ихтилофу тафовути матни рубоиҳо дар манбаъҳои гуногун ишора намудааст. Аммо роҷеъ ба дурустӣ ва ё нодурустии онҳо мулоҳизае баён накардааст.

В.А. Жуковский рубоиҳои «сайёр»-ро аз рӯи мавзуъ ба гурӯҳҳо дастабандӣ намуда, ба натиҷае мерасад, ки аксари онҳо дорои андешаҳои эпикурӣ, шаккокӣ ва пучгароӣ мебошанд. Ба ибораи дигар, онҳоро метавон «шатҳиёт» гуфт.

Ӯ он рубоиҳоро ба қалами Умари Хайём мансуб дониста, дар асоси онҳо симои ӯро чунин нигориш медиҳад: «дар Умар хирадманди дақиқ, ки дар эътиқоди худ пайгир буда, масоили ҳастӣ ӯро азоб медиҳанд, ба муаммоҳои зиндагӣ дар аҳкоми шариат ҳалле пайдо накарда, дар заминаи тасаввуф ҷаҳонбинии бонизоме ба вуҷуд овард; ӯ умуман имонро хароб накардааст, балки ба ихтилофоту аҷоиботи исломи замони худ, ки донишмандони зиёди асрҳои X ва XI-ро қонеъ намекард, писханд мезад. Умар мунодии покизагии ахлоқ, ҳаёти муроқиб ва ишқи гарм ба Худо буд ва ба салтанати ҷовидониву зебоӣ майл дошт» [41, с.362].

Ӯ ҷустуҷӯйҳои худро ҷамъбаст намуда, ба натиҷаи қатъӣ мерасад, ки Хайём беимону бехудо ва материалист набуда, бояд дар радифи Абусаиди Абулхайр, Абдуллоҳи Ансорӣ ва Аттор сӯфии соф дониста шавад. Вале барои тақвияти ин андеша дар рисола далелҳои муътамад ба назар намерасад. Зеро писанди аҳли тасаввуф гардидани рубоиҳои Хайём, дар маҷлисҳои самоъ хондани он рубоиҳо ва дар маҷмуаҳои осори Абусаиди Абулхайру Ансорӣ ҷой додани он рубоиҳо далели сӯфӣ будани шоир наметавонад бошад. Албатта, Умари Хайём ҳамчун ҳакиму донишманд ба ҷараёни тасаввуф, ки дар он замон дорои ҷанбаҳои озодманишӣ буд, таваҷҷуҳ дошт, вале ин ҳанӯз далели ба ин ҷараён шомил будани ӯро

надорад. На танҳо дар рубоиҳо, балки дар рисолаҳои фалсафии Хайём ба сӯфӣ будани ӯ далеле мавҷуд нест.

Вале аксари хайёмшиносон ин андешаро рад карда, сӯфӣ набудани Умари Хайёмро ба субут расондаанд[121, с.24].

Асари В.А. Жуковскийдар воқеъ иқдоми ҷиддии аввалин дар муайян кардани рубоиҳои ба асл наздики Умари Хайём буд. Вале тавре ки ӯ таъкид мекунад, «дар сурати набудани меъёрҳои комилан муътамади илмӣ фарқ кардани асл аз дахила ва тақлидӣ мушкил аст, вақте ки на забон, на маъниҳои рубоиҳо наметавонанд ҷавобгӯи беқайду шарти мансубияти онҳо ба қалами Хайём бошанд» [41, с.340].

Мақолаи мазкур зуд таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ҷалб намуд ва донишманди англис, раиси Мадрасаи исломии Калкутта Денисон Росс онро ба забони англисӣ тарҷума карда, дар «Маҷаллаи Анҷумани салтанатии Осиё» ба табъ расонд. Донишмандони дигар иқдоми В.А. Жуковскийро идома дода, барои ҷудо кардани рубоиҳои аслии Хайём равишҳои гуногунро корбаст намуданд. А. Кристенсен, Денисон Росс, Ф. Розен, К. Ремпис, Елвел Сотен, Э. Фитсҷералд, Ҷалолуддини Ҳумоӣ, Содиқ Ҳидоят, Свами Говинда Тиртҳа, Фурӯғӣ, Рашиди Ёсамӣ, Маҳдии Фӯлодванд, Ҳасани Донишфар, Алии Даштӣ ва дигарон барои ҷудо кардани рубоиҳои асили Хайём кӯшиш ба харҷ додаанд. Аз ҷумла, донишманди ҳинд Свами Говинда Тиртҳа аз 2213 рубоии мансуб ба Хайём 753 рубоии «сайёр»-ро аз 143 шоир муайян карда, 1109 рубоиро ба Умари Хайём нисбат медиҳад.

Ҳамаи муҳаққиқон аз асари В.А. Жуковский истифода карда, ба иқдоми ӯ баҳои баланд додаанд ва арзиши зиёди онро таъкид кардаанд. Дар муқаддимаи китоби «Рубоиёти Умари Хайём», ки соли 1902 дар Лондон ба табъ расидааст ва дар интишороти «Искандария» таҷдиди чоп шудааст, омадааст: «То соли 1897 ҳар чи дар бораи аҳволи Умари Хайём дар Урупо интишор меёфт, ҳамагӣ тақрибан бидуни истисно аз навиштаҳои тазкиранависони мутааххири Эрон, ки камэътибор ва ғайри

мувассақ буданд, ахз мешуд ва мақсуди тазкиранависон низ бештар сохтани достонҳои хаёлангез буд, то баёни ҳақоиқи таърихӣ.

Дар ин сол бо интишори мақолаи бадеъ ва пурарҷи профессор Валентин Жуковский ба унвони «Умари Хайём ва рубоиёти «сайёр» давраи ҷадиде дар ин боб оғоз шуд» [134, с.4].

Муҳаққиқи рус Л.М. Кулагина таҳқиқоти дар бораи Анварӣ ва Умари Хайём анҷомдодаи В.А. Жуковскийромарҳилаи тозае дар эроншиносӣ медонад: «таҳқиқоти Жуковский роҷеъ ба Анварӣ ва Умари Хайём ба мактаби тадқиқоти филологии Русия дар адабиётшиносии форсӣ асос гузоштанд» [72,с.19].

Нуктаи бисёр муҳим ва ҷолибро дар мавриди равиши таҳқиқи В. Жуковский академик С. Олденбург иброз доштааст, ки аҳаммияти худро то имрӯз гум накардааст: «Дар баъзе аз бахшҳои шарқшиносӣ пешравиҳои назаррас ба чашм мерасанд, вале дар робита бо адабиёти форсӣ, мо ҳамчунон дар ҳоли ҳозир дар он нуқтае истодаем, ки 35 сол пас аз нашри китоби В.А. Жуковский қарор дорем, яъне равиши илмие, ки ӯ истифода бурдааст, бо ҳамон равиш кор мекунем. Ман огоҳона эътироф мекунам, ки коре, ки ӯ дар перомуни рӯзгору осори Умари Хайём – шоир ва ориф анҷом дод, хеле дақиқ буда, ӯ бо ин амали хеш Умари Хайёмро, ки ҳеч олими дигаре таҳқиқ накарда буд, ба арсаи илм ворид кард ва аз лиҳози зебоишиносӣ, нақд ва ҳунари шоирӣ мавриди пажӯҳиш қарор дод ва ҳатто ӯро, чунонки Жуковский тавзеҳ дода буд, эҳсос накарда буд» (82, с.2049).

Ин андешаи муҳаққиқи рус С.Ф. Олденбург моро ҳушдор медиҳад, ки аз лиҳози равиши илмӣ, баррасиҳо ва мулоҳизарониҳои В. Жуковский низ ба ин мақолаи донишманди рус чашмандози дигар намоем ва дар корҳои таҳқиқи осору рӯзгори Умари Хайём аз он истифода барем.

Ҳамин тариқ, мақолаи мазкури В.А. Жуковский асари муҳимме дар Хайёмшиносӣ буда, то имрӯз арзиши илмии худро гум накардааст ва ҳар муҳаққиқе, ки ба таҳқиқи аҳволу осор ва бахусус, рубоиёти ӯ машғул мешавад, ногузир аз он истифода мекунад. В.А. Жуковский аввалин муҳаққиқест, ки пеш аз ҳама симои Умари Хайёмро чун ҳакиму донишманд

ва суханвари бузург муайян кард ва масъалаи шинохти рубоиёти аслии ӯро ба миён гузошта дар ин масъалаи хеле душвори илмӣ мушоҳидаву мулоҳизаҳои муқаддимотиро баён намуд, ки минбаъд дар осори муҳаққиқони дигар идома ва такомул пайдо кард. Аз ин рӯ, рисолаи В.А. Жуковский роҳнамое барои хайёмшиносон мебошад.

## 2.3. Назари В.А. Жуковский ва таҳқиқи адабиёти аҳди Сомониён

Замони ҳукмронии Сомониён аз дурахшонтарин ва шукуфотарин давраҳои таърих фарҳанги мардумони эронӣ ба шумор меравад. Дар ин давра пас аз истилои арабҳо ва нобуд гардидани осори адабиву фарҳангии Эрони бостон, аз байн рафтани забонҳои зиёди эронӣ забони форсии дарӣ эҳё гардид ва ташаккул ёфта, дар як муддати кӯтоҳ рушду тавсеа пайдо кард. Ба ин забон ёдгориҳои барҷастаи адабиву илмӣ офарида шуданд ва пояҳои устувори адабиёти нави мардумони эронӣ гузошта шуд, ки аз адабиёту фарҳанги ғании давраи бостон сарчашма мегирад.

Осори Одамушшуаро Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва муосиронаш, «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ, осори илмиву адабии Абуалӣ ибни Синову Абурайҳони Берунӣ, Закариёи Розиву Муҳаммади Хоразмӣ, Ҳаким Майсариву Абдулҳасани Табарӣ ва даҳҳо адибону донишмандон ганҷинаи илму адаби тоҷику форс ва ҷаҳонро ғанӣ гардонидаанд.

Дар бораи заминаҳову омилҳои ташаккулу такомул ва рушди сареи адабиёту фарҳанг дар аҳди Сомониён муҳаққиқон андешаҳои гуногун баён кардаанд, ки дар ин бора дар мақолаи Мирзо Муллоаҳмад сухан рафтааст[121, с.27-42].

Аксари донишмандон ғамхориву таваҷҷуҳи зиёди давлати Сомониён ва амирону вазирони фарҳангдӯсти онро аз омилҳои муҳимми рушди сареъи адабиёту фарҳанг дар он даврадонистаанд. Яке аз аввалин муҳаққиқоне, ки ба ин нукта ишора кардааст, В.А. Жуковский мебошад, ки мутаассифона, дар пажӯҳишҳои баъдӣ ба он таваҷҷуҳ нашудааст.

В.А. Жуковский зимни ҷустуҷӯйҳои илмӣ дар китобхонаи Донишгоҳи Санкт-Петербург маҷмӯаи рисолотеро пайдо мекунад, ки унвони «Ҷунг дар тасаввуф» дошта, аз чанд мақола иборат аст. Аз байни он рисолаҳо таваҷҷуҳи ӯро бештар рисолаи «Эътиқодоти ҳазрати Хоҷа Муҳаммади Порсо» ҷалб менамояд. Ин рисола, пеш аз ҳама, бо забону

сабки фасеҳи форсии худ ба муҳаққиқ хуш меояд ва ӯ ба баррасии он мепардозад.

Сабаби таълифи рисоларо худи муаллифи он бар муқаддимаи рисола баён кардааст: «Бидон, ки сабаби таснифи ин китоб он буд, ки гумроҳон, яъне ҳаводорон ва мубтадеон чун ба Самарқанду Бухоро ва Мовароуннаҳр бисёр шуданд, ҳамаи фуқаҳову уламои Самарқанду Бухоро ва Мовароуннаҳр ҷамъ омаданд ва ин суханро ба волии аҳд, ки аз оли Сомон буд, расониданд» [92,4].

Дар воқеъ, дар аҳди ҳукумати Сомониён дар қаламрави ҳукмронии онҳо озодии андешаву афкор ҷой дошта, тарафдорони дину мазҳаб ва фирқаву ҷараёнҳои гуногун озодона амал менамуданд. Аз иқтибоси фавқ маълум мешавад, ки аз ин муносибати Сомониён баъзе намояндагони ҷараёнҳои ифротӣ сӯистифода мекардаанд. Бинобар ин, фақеҳону уламои мамлакат ба ҳокимони сомонӣ муроҷиат кардаанд, то пеши роҳи ин харобкориҳо гирифта шавад. Амири сомонӣ аз ин қазия ошно шуда, донишмандонро дар дарбор ҷамъ менамояд ва ба имом Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ супориш медиҳад, ки дар бораи «тариқи суннат ва ҷамоат», яъне қоидаву муқарраროти мазҳаби суннӣ дастуре омода созад. Ин супоришро имом иҷро мекунад ва ба забони арабӣ дастурро омода менамояд. Амири сомонӣ пас аз шиносоӣ бо дастур мефармояд, ки «ин китобро ба порсӣ бояд кард, то хосу омро манфиат бувад ва мазҳаби суннатро некӯ донанд ва аз бидъатҳо дур бошанд» [92, с.4].

Ин иқдоми амири сомониро В.А. Жуковский хеле муҳим шуморида, далели илмдӯстиву маърифатпарварии Сомониён медонад: «Ҳамин тавр, мо ишораи нави муайяне дар ихтиёр дорем, ки на танҳо бо чӣ ғамхорӣ Сомониён ба ниёзҳои маънавии мардум муносибат мекарданд ва бо чӣ дарку пофишорӣ адабиётеро, ки муваққатан хомӯш гашта буд, ба забони барои форсии ба мардум фаҳмо ба ҳаёт ворид намуданд, балкиишорае ба як асари адабист, кибо амри онҳо мураттаб шудааст» [92,с.5].

Ин мушоҳидаи муҳаққиқ хеле ҷолиб буда, моҳияти сиёсати давлати Сомониёнро на танҳо нисбат ба дину мазҳаб ва расму оини мардум нишон

медиҳад, балки таваҷҷуҳи зиёди онҳоро ба адабиёту фарҳанги он низ бозгӯ менамояд.

В.А. Жуковский ба шахсияти муаллифи рисолаи мазкур Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ ишора намуда, аз шайхони маъруфи даврони Сомониён будани ӯро таъйид мекунад. Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ аз ҳакимони ҳанафӣ буда, пеш аз ҳама, бо асари худ «Савод-ул-аъзам» машҳур аст. Ӯ дар шаҳри Самарқанд ба дунё омада, ба камол расидааст. Таҳсилоти худро ӯ дар Балх дар назди орифи бузург Абубакр Раззоқи Тирмизӣ гузаронидааст. Сипас, дар Самарқанд ба тадрис ва таълиф машғул шуда, шогирдони зиёдеро тарбия намудааст. Ӯ дар илми калом ва фиқҳ устоди беназир буда, бо амирони сомонӣ робитаи хуб доштааст. Дар асари маъруфаш «Савод-ул-аъзам» сабаби руъяти Худованд, номахлуқ будани Қуръон, феъли инсон, охират,каромоти авлиё ва дигар масъалаҳои фиқҳи исломӣ баён шудааст. Ин асар ба забони форсӣ ва забонҳои дигар тарҷума шудааст. Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ дар байни аҳли тасаввуф ҳам шуҳрат дошта, дар баъзе сарчашмаҳо ҳамчун сӯфӣ қаламдод шудааст.

Муҳаққиқ саъй менамояд, ки шахсияти амири сомониро ҳам муайян кунад. Вале дар пораҳои боқимондаи рисола номи ӯ зикр нашудааст. Бинобар ин, ӯ фарзияи Насри II ё Нуҳи I будани он амири маърифатпарварро баён менамояд. Мутаассифона, китоби таълифкардаи Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ ва тарҷумаи он дар рӯзгори олим ба таври комил пайдо нашудааст ва дар мақолаи В.А. Жуковский пораи боқимондаи онро, ки аз аввалу охири китоб иборат аст, оварда шудааст.

Ин китоб дар Тоҷикистон пас аз Истиқлол бо кӯшишу эҳтимоми донишмандони тоҷик Н. Салимӣ ва Н. Зоҳидӣ ду маротиба нашр шудааст.

Дар асари маъруфи «Осори қадими кишвари соҳили Каспий. Харобаҳои Марви куҳан» низ В.А. Жуковский таърихи Марвро баррасӣ намуда, хостгоҳи аввалини шеъри форсӣ будани онро таъкид менамояд ва дар бораи шукуфоиву рушди иқтисоду фарҳанг дар аҳди Сомониён маълумот медиҳад.

Иқдоми В.А. Жуковский дар омӯхтани чунин сарчашмаҳо ибратомӯз буда, муҳаққиқонро водор менамояд, ки барои пайдо кардани чунин сарчашмаҳо талошу ҷустуҷӯ намоянд.

## 2.4. Таҳқиқ ва тарҷимаи осори адабиёти тасаввуфӣ

Дар осори илмии В.А. Жуковский таҳқиқи тасаввуф ҷойгоҳи хос дорад. Ӯ аз зумраи аввалин муҳаққиқони тасаввуф ва адабиёти тасаввуфии Эрон дар Русия ба шумор меравад. В.А. Жуковский ба омӯзиши тасаввуф ба эҳтимоли қавӣ ҳангоми сафари аввалаш ба Эрон шуруъ намудааст. Дар номае, ки 15-уми феврали соли 1884 ба устодаш В.Розен навиштааст, ишора кардааст, ки аввалин омӯзгори ӯ дар Теҳрон як марди сӯфӣ буда, «аз мулло, пайрави ашаддии Ҷалолуддин сабақ мегирифтааст» [25, с.130].

Тавре ки В.В. Бартолд навиштааст, «мавзуи асосии машғулиятҳои В.А. Жуковский аз замони сафари аввали ӯ ба Форс то охири умр ҳаёти динии мардуми форс дар гузашта ва ҳозира буд» [10, с.407].

Маҳз дар ҳамон солҳо ӯ бо ҷараёну фирқаҳои диниву мазҳабӣ ошно мешавад ва дар бораи онҳо мавод ҷамъ меоварад. Аз ҷумла,бо вазъи габрҳои Эрон шинос шуда, роҷеъ ба онҳо маърузаи илмӣ эрод мекунад ва мақола чоп менамояд. Ҳамчунин дар бораи бобҳо, дарвешҳо ва фирқаҳои дигар асарҳо менависад. Сипас таваҷҷуҳи В.А. Жуковскийро сӯфиёни асрҳои гузашта, аз ҷумла яке аз орифони маъруфи асри XI-и Хуросон Абусаиди Майхонаӣ ҷалб менамояд.

Яке аз аввалин асарҳои В.А. Жуковский, ки ба таҳқиқи тасаввуф бахшида шудааст, «Инсон ва маърифат аз назари сӯфиёни форсӣ» ном дорад. 8 феврали соли 1895 ӯ бо ҳамин унвон дар ҷаласаи солонаи Донишгоҳи императории Санкт-Петербург маъруза мекунад ва сипас он дар шакли мақола ба табъ мерасад. Мақолаи мазкурро адабиётшиноси тоҷик Абдушукури Абдусаттор ба забони тоҷикӣ тарҷума карда, бо муқаддимаи мухтасар ва тавзеҳот нашр намудааст [112, с.100].

В.А. Жуковский гузориши илмии худро бо он шуруъ менамояд, ки «муаммои ақлии «олам ва офариниши он» аз қадимулайём хиради одамиро пойбанди худ намуда, тамоми халқҳоикураи арз, чи гузаштагон ва чи зиндаҳо куллан ва муфрадан саъйи донистани онро доштанд» [112, с.121].

Дар ҳалли ин муаммо ӯ нақши тасаввуфро таъкид намуда, пеш аз ҳама, маънии ин мафҳумро шарҳ медиҳад. Ӯ андешаҳои мухталифро дар бораи пайдоиши калимаи «тасаввуф», амсоли аз калимаи юнонии «софио» (ҳикмат)ё арабии «суф» (пашмина) ёдрас намуда, баробари зуҳури ислом ташаккул ёфтани онро таъйид мекунад. Ҷавҳари таълимоти тасаввуфро В.А. Жуковский аз омезиши фалсафа ва ваҳй иборат медонад, ки «ваҳдат дар касрат ва касрат дар ваҳдатро ба вуҷуд меорад» [112, с.122].Инсон як ҷузъи муҳимми касрат аст, ки бо талошу кӯшиш ба ваҳдат мерасад.

В.А. Жуковский аз дини расмии ислом пайдо шудани тасаввуфро бори дигар таъкид намуда, беш аз ҳама ба он ҳассос будани мардумони Эронро ёдрас мешавад ва маҳз тавассути адибону донишмандони он ба кишварҳои гуногуни Шарқу Ғарб паҳн гаштани тасаввуфро нишон медиҳад. Ба қавли муаллиф дар Аврупо бештар бо осори тасаввуфии асри XIII ошно буда, аз осори асрҳои X-XI огоҳӣ надоранд. Таърихи тасаввуф муаммоҳои зиёде дорад, ки ҳал нашудаанд. Аз ҷумла, сабабҳои маҳз дар сарзамини Эрон рушд ёфтани он муайян нагардидааст, арзиши амалии тасаввуф, таъсири он ба мазҳабҳои дигар, ақоиди сӯфиёни маъруф ва ғайра таҳқиқ нашудаанд.

Дар тӯли ҳазор сол пойдор будани тасаввуфро таъкид намуда, В.А. Жуковский ба таъсири зиёди он ба адабиёти форсӣ ишора мекунад ва Умари Хайёмро мисол меорад. Тавре ки қаблан зикр шуд, В.А. Жуковский Умари Хайёмро аз зумраи шоирони ориф мешуморад, ки мавриди таъйиди муҳаққиқон қарор нагирифтааст. Агар Саноиву Аттор ё Ҷалолуддини Балхиро мисол меоварад, беҳтар ва нишонрастар мебуд.

В.А. Жуковский баҳсро дар бораи хусусиятҳои тасаввуф мавқуф гузошта, ҳадафи худро дар мақола аз баррасии масъалаи Инсон дар тасаввуф иборат медонад.

Қиссаи пайдоиши Инсонро, ки дар «Таърихи Табарӣ» нақл шудааст, ба қавли В.А. Жуковский бори аввал Абдуллоҳи Ансорӣ баён намудааст ва баъдан онро Наҷмуддини Розӣ дар «Мирсод-ул-ибод», Ҷалолуддини Балхӣ дар «Маснавии маънавӣ» ва дигарон такрор кардаанд.

В.А. Жуковский қиссаи пайдоиши Инсонро аз ҷониби Холиқ батафсил нақл намуда, дар шаш рӯз офарида шудани олам, вале дар чил рӯз аз обу гил сохтани одам, аз тариқи Азроил овардани хок, мушкилоти офаридани дили инсон, ба даруни одам дохил шудани шайтон ва аз асрори ботини инсон бохабар гаштани ӯ, шабоҳати узвҳои инсон ба осмону замин, пӯшида будани асрори дил, аз чаҳор унсур–хок, бод,об ва оташ таркиб ёфтани одам, ихтилофоти аносири мазкур, ворид шудани рӯҳ ба пайкари инсон, дар биҳишт ҷой гирифтан ва дар натиҷаи фаромӯшии Холиқ аз биҳишт ронда шудани ӯ ва ниҳоят халифаи Холиқ гардидани Инсон дар замин баён шудааст.

В.А. Жуковский пас аз нақли муфассали қиссаи пайдоиши Инсон ба натиҷае мерасад, ки «ҳадаф аз хилқати ӯ (Инсон) иттисоли Рӯҳ бо пайкар маърифат аст. Умуман дар маърифат асрори хилқат ниҳон аст» [112, с.127]. Зеро пеш аз ҳама тавассути маърифату ақл Инсон Холиқро мешиносад. Вале ин ба осонӣ муяссар намегардад ва барои расидан ба ҳадаф солик бояд марҳалаҳои душворро гузарад. Миқдори ин марҳалаҳо ё водиҳо дар асарҳои сӯфиёни маъруф ба таври гуногун (чаҳор, ҳафт…) нишон дода шудааст. В.А. Жуковский се марҳалаи муҳимми расидан ба Холиқ–Шариат, Тариқат ва Ҳақиқатро зикр намуда, ҳар кадомро батафсил шарҳ медиҳад. Рӯҳ барои иттисол ба ҳақиқат бояд аввал Шариатро сипарӣ намояд. Дар ин марҳала солик бояд вазифаву қоидаҳои Шариатро, ки аз намозгузориву рӯзадорӣ ва аҳкоми дигар иборатанд, риоя намояд, «пойбанди лаззоту ҳавасҳои табиати ҳайвонии хеш нагардад» [112, с.129], нафси худро тарбия намояд. Тарбияи нафс, пеш аз ҳама, тарки ҳаво ва ғазаб аст. «Зеро агар ҳаво боло гирад, дар он сурат ҳирс, шаҳват, бухл, тамаъ, разолат ва ғайра тавлид меёбад ва агар ғазаб аз ҳадди эътидол барояд, худсарӣ, адоват, кибр ва амсоли он зуҳур мекунанд, Вале агар ҳар ду сифат аз эътидол маҳрум гарданд ва нафсро тасарруф намоянд, дар он сурат нафс ба фасод майл намуда, масдари кулли бадиҳо мегардад. Аз ҷониби дигар, заъфи беҳадди ин ду сифати асосӣ боиси харобӣ ва тавлиди сифоти дигари манфӣ чун заъф, тарс, адами саъю ҷаҳд ва соири он

мешавад. Сифати мазкураи нафс, эътидолу мувозанати доимии онҳо бояд куллан тобеи талаботи Шариат ва хавф бошанд ва чун олати фармонбардоре дар дасти онҳо хидмат кунанд. Фақат дар чунин ҳол сифоти ҳамидае чун ҳаё, ҳилм, сахо, карам, тоат, сабр, шукр аз нафс ба зуҳур меояд ва он аз шарри худраъйии комил раҳоӣ ёфта, ба Рӯҳи пок итоат менамояд ва ба он мусоидат карда, онро аз мароҳили мухталифи олами сифлӣ ба дараҷоти улвии олами маънавӣ боло мебрад» [112, с.129-130].

Чунонки аз иқтибоси фавқ бармеояд, таваҷҷуҳи В.А. Жуковскийро бештар ҷанбаи ахлоқии ин марҳалаи тасаввуф, ки арзиши умумибашарӣ дорад, ҷалб намудааст.

Дар роҳи иттисол ба Ҳақиқат дар баробари Рӯҳ нақши дил низ, ки махзани маънавиёт аст, калон мебошад. Маҳз тавассути рагҳои хунгузар Рӯҳ ба аъзои даруни инсон пайванд меёбад. Бинобар ин, тасфияву тарбияи дил барои инсон хеле муҳим ва зарур аст.

Ба марҳалаи Ҳақиқат В.А. Жуковский таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, онро батафсил шарҳ медиҳад ва аз осори Абдуллоҳи Ансорӣ, Абусаиди Абулхайр ва Умари Хайём мисолҳо меорад.

Дар поёни суханронии худ В.А. Жуковский дар бораи соликони тариқат ва орифон изҳори назар намуда, андешаҳои донишмандони маъруфро дар ин бора нақл менамояд ва ба натиҷае мерасад, ки орифро «на ақлу бурҳонҳояш дар тасдиқи ҳастии воқеӣ, балки дили бедор, мункири ҳастии худ ва дар ҳар чиз ҷуз ҳастии Ҳақ ба сӯи Ҳақиқат меорад.Ҳақҷисми Одамро хилқат намуда, онро бо дил маъмур гардонд ва пас аз офариниши дил онро бо хеш маъмур дошт ва аз ин ҷост, ки маърифат-ҳаёти дил дар Ҳақ ва нафйи ҳама чиз ҷуз Ҳақ аст» [112, с.135].

Аз ин ҷост, ки дар тасаввуф ба дил таваҷҷуҳизиёд зоҳир мешавад ва чунонки зикр шуд, дар хилқати Инсон низ ба офариниши дил диққати бештар дода шудааст. Суханронии худро В.А. Жуковский бо таъкиди арзиши амалии ахлоқии афкори сӯфиён ба поён мерасонад ва таъкид мекунад, ки «Ба қавли сӯфиён вазифаи Инсон, корнамоии бузурги заминии

вай дар маърифати нафси хеш, сафои дил ва зулумоти заминӣ ва ифшои он барои пазироии Ҳақиқати ягонаи азалист, ки дар он ҳама гуна дурӯғ аз байн меравад» [112, с.135].

Суханронии В.А. Жуковский «Инсон ва маърифат аз назари сӯфиёни форсӣ» дар шарқшиносии рус ва ҷаҳон як падидаи тоза ва хос буд, ки аҳли илмро бо моҳияти таълимоти тасаввуф, бахусус, арзишҳои маънавию ахлоқии он ошно намуд. Тавре ки В.В. Бартолд ишора намудааст, дар ин гузориш В.А. Жуковский ба масъалаҳои пайдоишу ҷузъҳои таркибии тасаввуф, муқоисаву таъсири мутақобилаи андешаҳои Шарқу Ғарб ва амсоли инҳо дахл накарда, таваҷҷуҳро маҳз ба ҷанбаи маънавии он ҷалб намудааст.

Дар зимни таҳқиқи тасаввуф В.А. Жуковский ба чандин сарчашмаи муътабар ва орифони барҷаста шинос мешавад. Махсусан, аҳволу осори яке аз сӯфиёни маъруф Абусаиди Абулхайр ва сарчашмаҳои аҳволу осори ӯ таваҷҷуҳи муҳаққиқро бештар ҷалб менамоянд. Аз ин рӯ, ӯ ба баррасии нусхаи нодири асари «Ҳолот ва суханони шайх Абусаид Фазлуллоҳ ибни Абулхайр ал-Мейҳанаӣ» мепардозад ва онро соли 1899 дар Санкт–Петербург ба нашр мерасонад.

Китоб бо пешгуфтори мухтасари мусаҳҳеҳ В.А. Жуковский оғоз меёбад. Дар пешгуфтор, пеш аз ҳама, дар бораи нусхаи хаттии асар, ки дар Музейи Британия маҳфуз аст, маълумот дода мешавад. Азбаски нусхаи мазкур дар феҳристи Рё тавсиф шудааст, В.А. Жуковский аз тавсифи нусхашиносии он худдорӣ намуда, фақат дар бораи он қисмати дастнавис, ки асари «Ҳолот ва суханони шайх Абусаид Фазлуллоҳ ибни Абулхайр ал-Мейҳанаӣ» ҷой дода шудааст, таваққуф намудааст. Аз ҷумла қайд мешавад, ки дар ин қисмати дастнавис чанд варақ аз асари дигар ба назар мерасад, баъзе варақҳо афтидаанд ва ё осеб дидаанд.

Сипас В.А. Жуковский кӯшиш менамояд, ки муаллифи асарро муайян кунад. Зеро дар худи асар номи муаллиф зикр нашудааст. Барои ҳалли ин масъала асари «Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти шайх Абусаид»- и Муҳаммад ибни Мунаввар, ки В.А. Жуковский дар ҳамон сол ба табъ

расонда буд, ҳамчун сарчашмаи муътамад мадад мерасонад. Муҳаммад ибни Мунаввар дар муқаддимаи асар навиштааст: «Ва беш аз ин дар аҳди истиқомати аҷалли имом Ҷамолуддин Абуруҳ Лутфуллоҳ ибни Абусаид писари амми ин дуогӯй ҷамъе сохта буд ба истидъои мурид» [36,с.2].

Дар асоси ишораҳои Муҳаммад ибни Мунаввар муҳаққиқ муайян мекунад, ки муаллифи «Ҳолот ва суханони шайх Абусаид Фазлуллоҳ ибни Абулхайр ал-Мейҳанаӣ» писари амаки Муҳаммад ибни Мунаввар абераи Абусаиди Абулхайр-Абуруҳ Лутфуллоҳ ибни Саид ё писари ӯ Камолиддин Абуруҳ бояд бошад, ки маълумоти дақиқро дар бораиҷадди бузургаш аз падар гирифтааст.

Ин фарзияро маълумоти дар «асари «Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти шайх Абусаид» сабт шуда низ ба субут мерасонад. Дар он омадааст, ки пас аз вафоти султон Санҷар, ҳангоме ки Хоразмшоҳ ал-Арслон ба Мейҳана меояд, ворисони Абусаид, аз ҷумла Камолуддин Абуруҳ ӯро истиқбол намуда, ба вай ба таври муфассал дар бораи сеҳру каромоташ ҳикоят мекунад, ки он ба маълумоти «Ҳолот ва суханони шайх Абусаид Фазлуллоҳ ибни Абулхайр ал-Мейҳанаӣ» хеле монанд аст.

Дар бораи замони мураттаб кардани асари мазкур таваққуф намуда, В.А. Жуковский андешаи донишманди итолёвӣ Рёро тасдиқ менамояд ва то таълифи «Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти шайх Абусаид», яъне то солҳои 550 ҳ. эҷод шудани онро дуруст мешуморад.

Дар асар унвони ин зикр нашудааст ва В.А. Жуковский унвони «Ҳолот ва суханони шайх Абусаид Фазлуллоҳ ибни Абулхайр ал-Мейҳанаӣ»-ро аз рӯи ишораи Муҳаммад ибни Мунаввар дар «Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти шайх Абусаид» интихоб намудааст.

В.А. Жуковский дар бораи тарзи осори муаллиф дар таълифи асар таваққуф намуда, онро чунин арзёбӣ кардааст: «Мавод барои асарро муаллиф муддати тӯлонӣ ҷамъ овардааст ва наметавон гуфт, ки вай ба онҳо бидуни тааммул муносибат кардааст: ӯ маълумотро дар бораи Абусаид аз қавли ашхос, ки суҳбатҳои сершумор ва он чи пайравон ва мардуми одӣ дидаанду нақл кардаанд, мураттаб кардааст; сипас ахбори(ба

хусус дар борai каромот) ба фаҳми хонанда дастрасро ва он ахборро, бо далелҳо нишон дода шудаанд, овардаааст» [36, с.4].

Ҳамчунин китоби «Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти шайх Абусаид» барои дуруст хондани ҷойҳои осебдидаи матни «Ҳолот ва суханони шайх Абусаид Фазлуллоҳ ибни Абулхайр ал-Мейҳанаӣ», навишти саҳеҳи номҳо ва ислоҳи норасоиҳои дигари дастнавис мадад расонидааст.

В.А. Жуковский дар пешгуфтор ба баъзе хусусиятҳои забони муаллифи асарва имлои котиби нусха низ ишораҳо кардааст. Аз ҷумла, дар асар пас аз калимаву ибораҳои «аз ҷиҳати», «барои» пасоянди -ро истифода шудааст: Аз ҷиҳати маслиҳати худро, барои дастореро ифодаҳои ғайриодӣ мисли «бе он ки», «ки назди вай шудӣ», «ки бихуфтӣ», «касе бифурӯхтӣ», «бидридӣ» зиёд ба назар мерасанд.
Давомнокии амал ба тарзи «биистода будандӣ», «мекардаӣ», «медонистаӣ» ифода шудааст. Дар феълҳои шумораи ҷамъи шахси дуюм ба ҷои «ед» «ет» ба кор рафтааст: кунет, биндоштет.

Имлои чаҳорсад, понсад, набиштан, барзидан, бубандад ва ғайра мушоҳида мешавад.

Китоби «Ҳолот ва суханони шайх Абусаид Фазлуллоҳ ибни Абулхайр ал-Мейҳанаӣ» аз бобҳои «Дар бидояти ҳоли шайх», «Дар анвои муҷоҳидоти вай», «Дар изҳори каромоти вай», «Дар фавоиди анфоси вай», «Дар васияти вафоти вай» иборат буда, ба онҳо феҳристи номаҳои ашхосу ансоб, феҳристи номҳои ҷойҳо ва пешгуфтори таҳиягар илова гардидааст.

Дониши хуби забонҳои форсиву арабӣ ва таълимоти тасаввуф ба В.А. Жуковский имкон додаанд, ки матни асарро асосан саҳеҳу дуруст ба нашр омода намояд ва ин сарчашмаи муҳимро ба аҳли илм ва хонандагон пешкаш созад.

Асари дигаре, ки дар робита ба тасаввуф ва аҳволу осори Абусаиди Абулхайр В.А. Жуковский омода ва чоп намудааст, «Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти шайх Абусаид»-и Муҳаммад ибни Мунаввар мебошад, ки соли 1899 дар Санкт-Петербург ба табъ расидааст. Бо ин асар низ В.А. Жуковский тасодуфан шинос мешавад. Ҳангоми аз назар гузаронидани

рӯйхати дастнависҳои Китобхонаи оммавии Императории Петербург ӯ ба нусхаи хаттие дучор меояд, ки унвони «Тазкират-ул-авлиё»- ро дошт ва муалифаш зикр нашуда буд. Пас аз шиносоӣ бо худи нусха маълум мешавад, ки унвони мазкур бо муҳтавояш мувофиқат намекунад ва он «Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти шайх Абусаид»-и Муҳаммад ибни Мунаввар мебошад. Нусха фарсуда буда, варақҳо пасу пеш ҷой дода шудаанд. Пас аз ҷустуҷӯйҳо В.А. Жуковский муайян мекунад, ки асари мазкур таърихи муфассали аҳволи сӯфии маъруф Абусаиди Абулхайр (968-1049) буда, нусхаи дигари он дар китобхонаи Копенгаген маҳфуз аст.

В.А. Жуковский дар пешгуфтор арзиши баланди ин асари нодирро таъкид намуда, зарурати нашру таҳқиқи онро бо далелҳо ба субут мерасонад. Асари мазкур аз намунаҳои қадимтарини насри адабиёти форсӣ ба шумор меравад. Ҳамчунин он қадимтарин асар дар бораи ҳаёти сӯфиён ба забони форсӣ мебошад. Асар на танҳо дар бораи як сӯфии маъруф, балки умуман роҷеъ ба аҳволи дарвешон маълумоти муфид медиҳад. Ниҳоят асари мазкур сарчашмаи асосии асарҳои маъруфи Фаридуддини Аттор ва Абдурраҳмони Ҷомӣ дар бораи аҳволи авлиё мебошад.

Дар пешгуфтор ба таври мухтасар дар бораи муаллифи асарва таърихи навишта шудани он маълумот дода мешавад. Номи пурраи муаллифи асарро В.А. Жуковский Муҳаммад ибни Мунаввар ибни Абусаид ибни Абутоҳир ибни Абусаид ибни Абулхайри Мейҳанаӣ абераи сӯфии маъруф Абусаиди Абулхайр медонад. Муҳаммад ибни Мунаввар аз ҷавонӣ ба ҷамъоварии мавод дар бораи ҳаёти ҷадди бузургаш машҳур шуда, бо вуҷуди он ки замона хеле пурошӯбу ноором буд, ҷустуҷӯйҳои худро идома медиҳад ва аз касоне, ки дар бораи бобояш иттилоъе доштанд, маълумот мегирад. Пас аз он ки ғузҳо ба Хуросон ҳамла намуда, аз ҷумла Мейҳанаро хароб мекунанд ва беш аз 150 нафар ворисони сӯфии маъруфро ба қатл мерасонанд, барои «барқарор намудани симои дурахшони Абусаид ва нишон додани ситораи роҳнамо барои хоҳишмандони вуруд ба роҳи «тариқат» муаллиф тасмим мегирад, ки дар

асоси маводи қаблан ҷамъовардааш асаре бахшида ба ҳаёти Абусаид тартиб диҳад» [36, с.2-3].

Дар натиҷаи муқоясаи асари мазкур бо асари «Ҳолот ва суханони шайх Абӯсаид Фазлуллоҳ ибни Абулхайр ал-Мейҳанаӣ» В.А. Жуковский ба натиҷае мерасад, ки Муҳаммад ибни Мунаввар асарашро дар асоси асари писари аммакаш Ҷамолуддин Абуруҳ Лутфулло ибни Абусаид навишта, аз он хеле зиёд истифода кардааст.

Муҳаммад ибни Мунаввар саъй намудааст, ки бештар дар асоси санадҳо сухан ронад. Бинобар ин,ҳангоми овардани маълумот ба гӯянда ё нависандаи он ишора кардааст.

Соли таълифи асарро муаллиф нишон надодааст. Бинобар ин, В.А. Жуковский аз рӯи санадҳои худи асар байни солҳои 553-599 ҳ. \ 1158-1203 м. навишта шудани онро тахмин менамояд. Дар ин бора эроншиноси озарбойҷонӣ М. Кязимов дар пешгуфтори ба тарҷумаи русии асар навиштааш баҳс намуда, андешаҳои мухталифи дар ин хусус баённамудаи Ян Рипка, Саид Нафисӣ, Шафеии Кадканӣ ва В.А. Жуковскийро баррасӣ мекунад ва «дар соли 1187 ё охири солҳои 80 асри XII навишта шудани» онро ба субут мерасонад[74, с.7].

В.А. Жуковский нусхаҳои хаттии Петербург ва Копенгагенро ба таври муқояса баррасӣ намуда, бар асоси онҳо матни пурраи асарро барқарор месозад. Сипас дар пешгуфтор муҳимтарин хусусиятҳои забону имлои асар нишон дода мешаванд, ки аксари онҳо бо ҳамон хусусиятҳои асари «Ҳолот ва суханони шайх Абусаид Фазлуллоҳ ибни Абулхайр ал-Мейҳанаӣ», ки қаблан зикр шуд, монанданд. Аз ҷумла, инро дар истифодаи пасоянди-«ро» (шайх моро гуфт), барои ифодаи давомнокии амал истифода бурдани “ӣ» (сохта будандӣ, набудӣ), «**ет**» ба ҷои «**ед**» (биниҳет) ва ғайра мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳамчунин, афтидани пешвандҳо дар нусхаи Копенгаген (хонақоҳ овардам), истифодаи ҳиссачаҳо дар нусхаи Петербург (буниҳодан) ба назар мерасанд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои забонӣ В.А. Жуковский матни нусхаи Петербургро асос қарор дода, дар поварақ тафовутҳои нусхаи Копенгагенро овардааст.

«Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти шайх Абусаид»-и Муҳаммад ибни Мунаввар бо пешгуфтори В.А. Жуковский шуруъ шуда, бобу фаслҳои зеринро дар бар мегирад:

Дебочаи муаллиф.

Боби аввал. Дар ибтидои ҳолати Шайх.

Боби дувум. Дар васати ҳолати Шайх.

Фасли аввал. Дар ҳикоёте, ки аз каромоти Шайх машҳур аст.

Фасли дувум. Дар ҳикоёте, ки аз он фоидае ба ҳосил ояд.

Фасли сеюм. Дар суханони Шайх.

Фасли чорум. Дар баъзе аз фавоиди анфоси Шайх ва симате аз номҳо ва абёт.

Ад-даъавот.

Номаҳои Шайх.

Абёти пароканда, ки бар забони Шайх рафтааст.

Боби сеюм. Дар интиҳои ҳолати Шайх.

Фасли аввал. Дар васиятҳои вай.

Фасли дувум. Дар ҳолати вафоти Шайх.

Фасли сеюм. Дар баъзе аз каромоти Шайх баъд аз вафоти ӯ.

Дар охири китоб «Рисолаи ҳуроия» ва феҳристи номҳои ашхосуансоб ва феҳристи номҳои ҷойҳо илова шудаанд.

«Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти шайх Абусаид»-и Муҳаммад ибни Мунаввар сарчашмаи хеле муҳим дар бораи тасаввуф буда, аҳаммияти вижаи таърихиву фарҳангӣ низ дорад, ки ба онҳо донишмандони маъруф Саид Нафисӣ, Шафеии Кадканӣ, А. Шемел, мутарҷими русии асар М.Д. Козимов низ ишора кардаанд. Асар арзиши баланди адабӣ низ дорад. Дар он 277 ҳикоят оварда шудааст, ки дорои сабки содаву фасеҳ мебошанд. Дар асар намунаҳои ашъори Абусаиди Абулхайр ва шоирони дигар сабт шудаанд, ки барои омӯхтани назми он давра хеле муфиданд.

В.А. Жуковскийасари нодир будани онро таъкид намуда, арзишҳои онро ёдовар мешавад. Асари мазкур, пеш аз ҳама, яке аз қадимтарин ёдгориҳои мансури адабиёти форсӣ ба шумор меравад. «Он на танҳо дар бораи «пир» маводи фаровон медиҳад, балки манзараи ҳаёту будубоши дарвешонро ба таври равшан ошкор месозад». Ҳамчунин асари мазкур барои асарҳои шарҳиҳолии Аттор ва Ҷомӣ ҳамчун сарчашмаи аввал хидмат кардааст» [36, с.4].

Тавре зикр шуд, дар китоб илова бар «Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти шайх Абусаид»-и Муҳаммад ибни Мунаввар шарҳи рубоиёти Абӯсаиди Абулхайр, ки Убайдуллоҳ ибни Маҳмуди Шошӣ мураттаб намудааст, низ ҷой дода шудааст. Шарҳи мазкур дар асоси ду нусхаи хаттӣ, ки дар китобхонаи Донишгоҳи Санкт-Петербург маҳфузанд, омода гардида, унвони он «Рисолаи ҳуроия» аз матни рисола гирифта шудааст.

Адабиёти тасаввуф дар як зумра мақолаҳои В.А. Жуковский, ки дар маҷаллаҳо ба табъ расидаанд, низ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, дар мақолаи «Ҷумҷуманома. Ривоят дар бораи Исо ва ҷумҷума дар афсонаи манзуми форсии Аттор» роҷеъ ба як асари шоири маъруфи ориф Фаридуддини Аттор сухан меравад. В.А. Жуковский, пеш аз ҳама, дар бораи Аттор маълумот дода, таъкид мекунад, ки ӯ аз пурмаҳсултарин шоирони Эрон ба шумор меравад. Ба ӯ 114 асар нисбат дода мешавад, ки миқдори каме аз онҳо боқӣ мондааст.

В.А. Жуковский зимни ҷустуҷӯйҳои илмӣ дар китобхонаи оммавии салтанатии Петербург ба нусхаи Куллиёти Аттор шинос мешавад ва дар он дар радифи осори маъруфи шоир ба асари номашҳури ӯ «Ҷумҷуманома» дучор меояд. Пас аз шиносоӣ бо нусха ва маълумоти феҳристҳои дигар В.А. Жуковский ба натиҷае мерасад, ки ин манзума дар воқеъ асари Фаридуддини Аттор мебошад. Зеро дар охири он номи Аттор зикр шудааст:

Пас биёмурзӣ дигар Атторро,
К-ӯ ба назм овард ин ашъорро[62, с.69].

Нусха соли 1021 ҳ.\ 1612 м. китобат шудааст. Дар манзума суҳбати Исо бо як косахонаи сари мурдае батафсил тасвир шудааст. Ҷумҷума саргузашти соҳибашро ҳангоми зиндагӣ ва пас аз марг ҳикоят менамояд. Манзума бо ин байтҳо шуруъ мешавад:

Ногаҳон рӯзе ба тақдири Худо,
Корсозу сонеи арзу само
Мегузашт Исо канори Даҷлае,
Дид дар саҳро фитода каллае…[62,с.65].

Манзума барои шиносоӣ бо таълимоти тасаввуф дар бораи ҳаёт ва марги инсон хеле судманд буда, дорои арзишҳои ахлоқиву маънавӣ ва бадеӣ мебошад. В.А. Жуковский ҳамчунин ба аҳаммияти манзума дар таҳқиқи муқоисавии адабиёти халқҳои гуногун ишора менамояд: «Ба ғайр аз арзиши махсус барои ховаршиносон ривояти Аттор дар бораи Исо ва ҷумҷума метавонад барои шахсоне, ки бо адабиёти умумибашарӣ машғуланд, ҳамчун маводи тоза барои омӯзиши татбиқии ривояти барои Шарқу Ғарб муштарак судманд бошад» [62, с.65].

## 2.5. Таҳқиқи ҳаёт ва осори Абдуллоҳи Ансорӣ

Мақолаи дигари В.А. Жуковский, ки ба тасаввуф ва як намояндаи маъруфи адабиёти тасаввуф Абдуллоҳи Ансорӣ бахшида шудааст, «Таронаҳои Пири Ҳирот» мебошад, кисоли 1895 ба табъ расидааст. Дар мақола, пеш аз ҳама, ин нукта таъкид мешавад, ки даврони зиндагии Пири Ҳирот-Абдуллоҳи Ансорӣ «замони тиллоии адабиёти форсӣ» будааст, ки Носири Хусрав, Низомулмулк, Ҷуллобӣ, Абусаиди Абулайр барин адибони бузург зиндагӣ ва эҷод кардаанд.

В.А. Жуковский ба таври мухтасар дар асоси маълумоти сарчашмаҳо амсоли «Табақот-ул-ҳифоз», «Ҳафт иқлим», «Муҷмал»-и Фасеҳӣ, «Маҷолис-ул-ушшоқ», «Маҷлис», «Сафинат-ул-авлиё», «Риёз-ул-орифин», «Маҷмаъ-ул-фусаҳо», «Нафаҳот-ул-унс» шарҳи ҳоли Пири Ҳиротро баён намуда, аз ҷумла қайд мекунад, ки Абу Исмоил Абдуллоҳ ибни Абу Мансур Муҳаммадал-Ансорӣ ал-Ҳиравӣ соли 396 ҳ./ 1005 м. Дар Ҳирот ба дунё омадааст. Аҷдоди ӯ ба сарлашкари маъруф Аҳнаф ибни Қайс, ки дар замони халифа Усмон мезистааст, мерасад.

Абдуллоҳ аз ҷавонӣ ба шеъру шоирӣ майли зиёд дошта, дорои зеҳну хотираи қавӣ будааст. Сипас ба илоҳиёт таваҷҷуҳ намуда, таҳти роҳнамоии шайхони маъруф Абулҳасани Баширӣ, Абулфазлибни Муҳаммад ал-Тақӣ, Яҳё ибни Амморулумидинӣ, ба хусус фиқҳро хуб аз худ менамояд ва дар 14-солагӣ ба лақаби «Шайхул ислом» соҳиб мешавад. Ӯ ба ҷамъоварии ҳадис машғул шуда аз 300 нафар пайрави номдори суннат ҳадисҳо сабт менамояд.

Абдуллоҳ устодони зиёд дошт, вале танҳо Абулҳасани Харақониро пири худ мешуморад. Дар ин бора ӯ навиштааст: «Абуллоҳ марде буд биёбонӣ, мезист ба талаби оби зиндагонӣ. Ногоҳ бирасид ба Ҳасани Хароқонӣ. Он ҷо ёфт чашмаи оби ҳайвонӣ. Чандон об бихӯрд на Абдуллоҳ монд, на Харақонӣ. Пири Ансорӣ ганҷе буд пинҳонӣ. Калиди ӯ ба дасти Харақонӣ» [44, 30].

Ансорӣ асарҳои зиёде таълиф кардааст, ки Ҳоҷӣ Халифа, Суютӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ чанде аз онҳоро номбар кардаанд: «Арбаъини Шайхулислом», «Унс-ул-муридин ва шамс-ул-маҷолис», «Ат-таъарруф ли мазҳаб ат-тасаввуф», «Хулосат фӣ ҳадис кулли бидъат залолат», «Зам-ул-калом», «Мусаҷҷаъот», «Манозил-ус-соирин», «Китоб-ул-форуқ».

Аз осори Ансорӣ «Манозил-ус-соирин», «Муноҷот» ва «Мақолот» боқӣ мондаанд, ки ҳама оид ба тасаввуф баҳс мекунанд.

В.А. Жуковский вижагиҳои осори тасаввуфии Ансориро арзёбӣ намуда, ба содагиву кӯтоҳии суханони ӯ ишора мекунад. Мафҳумҳои тасаввуфӣ дар рисолаҳои ӯ хеле содаву фасеҳ шарҳ ёфтаанд. Масалан «дӯст»-ро ин тавр шарҳ додаст: «Дӯст дарёст, боқӣ ҳама ҷӯй. Агар дуст ҷӯйӣ, зи дарё ҷӯй на зи ҷӯй « [44, 84].

Ё дар бораи мафҳумҳои шариат, тариқат ва ҳақиқат навиштааст:

Ба зоҳир рост рав, инак шариат,
Ба ботин соф шав, инак тариқат.
Чу зоҳирро ба ботин рост кардӣ,
Худобин шав зи дил, инак ҳақиқат. [44, с.84]

Андешаҳои тасаввуфии Абдуллоҳи Ансорӣ беш аз ҳама дар ашъори ӯ хеле барҷаста ва равшан баён шудаанд. Аз ин рӯ, В.А. Жуковский дар мақола 20 ғазали ӯро ҳамчун тарона оварда, ба забони русӣ тарҷума кардааст. Таронаи аввал аз 7 байт иборат буда, бо ин байтҳо шурӯъ мешавад:

Дило, дар кори ҳақ мекун назарҳо,
Ки дар роҳи ту мебинам хатарҳо.
Кушо аз хоби ғафлат чашм, то ман
Ба гӯши ҳуши ту гӯям хабарҳо…[44, с.85]

Таронаҳо дар қолаби ғазал буда, ҳама мазмуни тасаввуфӣ доранд. Аксари онҳо дорои арзиши ахлоқианд ва мисли ғазали зер хислатҳои некро талқин менамоянд:

Эй шуда умри азизи ту ба ғафлат барбод
В-аз кафан мӯйи сафеди ту туро ёд надод.

Гар бидонӣ, боша роҳ аст туро андар пеш,

Барнаёрӣ ба ҳама умр аз он як дам шод.

Чанд аз ин хоби гарон хезу даме тоат кун,

Эй ки дар зери замин кас чу ту дар хоб мабод [44, с.88].

Хислатҳои бадро Ансорӣ мазаммат намуда, онҳоро душмани инсон мешуморад:

Фасли ту доранд нафсу шаҳвату ҳирсу амал,

Оқило, эмин машав з-ин душманон гар огаҳӣ[44, с.107].

Дар баъзе ғазалҳо шайхону зоҳидони риёкор, муфтиҳои худпараст, ҳокимони золим, сарватмандони бахил ва ғайра мавриди танқид қарор гирифтаанд:

Оламе бинам харобу мардуми ғофил дар ӯ

Дар пайи дунёзиёни охиратро дида суд.

Обидони худпарасту нафспарвар зоҳиранд,

Кист, к-ӯ аз дуди ғафлат ботини худро зудуд.

Ҳокимон худ бар раоё ҳамчу гурге дар рама,

Гӯиё ҳаргиз дар эшон раҳмату раъфат набуд.

Мунъимонро бар дари дил қуфли бухли устувор,

На забони лағв баста, на кушода дасти ҷуд.

Зоҳидонро рӯзрӯза ҳилаи дарюза аст,

Шаб барои сайди дилҳо доми эшон дар суҷуд.

Сӯфиён аз сер хӯрдан рӯйи дил карда сиёҳ,

Баҳри дунё сурх чашму тайласон карда кабуд[44, с.91].

Ансорӣ махсусан, хислатҳои риёкоронаи баъзе сӯфиёнеро, боша ниқоби дарвешӣ ба корҳои ношоям машғул мешаванд, мазаммат менамояд:

Кай бувад сӯфӣ касе, к-андар пайи сурат бувад,

Ситу ваҷду ном ҷӯяд, бар сараш бодо амуд.

Кай бувад сӯфӣ касе, к-ӯ нафсро бар ҳақ гузид,

Дӯстро аз баҳри душман бевафоиҳо намуд.

Кай бувад сӯфӣ касе, к-ӯ хуфта бошад то саҳар,

Оҳи дилсӯзе надорад ҳар дам аз шавқи вадуд.

Кай бувад сӯфӣ касе, к-ӯ дар раҳи ислому дин

Кизб гӯяд чун насоро, буғз дорад чун яҳуд [44, с.91-92].

Аз нигоҳи Ансорӣ сӯфӣ бояд дорои хислатҳои нек бошадва ҳатто нисбат ба бадӣ ҳам хубӣ кунад:

Сӯфии софӣ кӣ бошад? Он ки ӯро хулқи ҳусн,

Чун бадӣ дид аз бародар, дарҷазо некӣ фузуд.

Сӯфии софӣ кӣ бошад? Он ки бе дидори ёр

Гар ҳама дорулқарор аст, ӯ намехоҳад хулуд[44, с.92].

Дар ғазали дигар дарвешон тавсифу тамҷид мешаванд ва дар симои онҳо сӯфиёни асил зуҳур мекунанд:

Хуш он соат, ки дар хилват бувад дидори дарвешон,

Зи ёди ҳақ шавад хуррам хуҷаста кори дарвешон.

Гадоёни фалаксойро фақирони малаксират

Чу оби Кавсару Замзам бувад асрори дарвешон.

Бувад дидорашон неъмат, бувад гуфторашон раҳмат,

Ҳама илму адаб бошад яқин кирдори дарвешон.

Ҳузури он азизонро ғанимат дон, агар донӣ,

Зи нури маҳзи субҳонӣ бувад анвори дарвешон.

Чу Ансорӣ сухан гӯяд, шавад хушвақт сӯфия,

Чӣ хуш мурғест ансорӣ, ки шуд гулзори дарвешон[44, с.97].

В.А. Жуковский дар наср низ маҳорати баланди суханварӣ доштани Анвариро таъкид мекунад ва барои намуна порае аз рисолаи ӯро меорад, ки дар ҳақиқат хеле содаву равон буда, аз санъати саҷъ ба таври фаровон истифода кардааст: «Эй дарвеш, бидон, ки дунё ҷаҳони ғурур аст ва шаҳристони шурур аст, ғаддораи ғарпеша асту маккораи ғадрандеша аст, работест бе иқомату соботест дур аз истиқомат» [44, с.108].

Санъати саҷъ дар қисматҳои дигари пораи мансур низ моҳирона корбаст шудааст: «дарвешони поку азизони хок, ки дуои туро ҷӯёнанд ва ба забон гӯёнд, ки эй ҷавонони ғофилу пирони беҳосил, девонаед, ки чунин дар хобед ар бегонаед, ки дарнамеёбед, ки дар хоку хун хуфтаед ва

чеҳра дар никоб чун нуҳуфтаем ва ҳар якмоҳи дуҳафтаем ва нуҳуфта аз ёди шумо рафтаем» [44, с.189].

Ба ин минвол, В.А. Жуковский маҳорати баланди суханварии орифи бузург Абдуллоҳи Ансориро таъйид намуда, арзиши осори ӯро дар омӯзиши адабиёти давр нишон медиҳад.

В.А. Жуковский “Девон”-и Бобо Кӯҳиро дар солҳои охири ҳаёташ таҳқиқ ва нашр кардааст.Бояд зикр кард, ки вобаста ба ин масъала мақолаи ҷудогонаи А. Таҳирҷонов бо номи “Девон”-и Бобо Кӯҳӣ дар таҳқиқоти В.А. Жуковский” мавҷуд буда, муҳаққиқи тотор кӯшиш кардааст, ки чи гуна машғул шудани Жуковскийро ба нашру таҳқиқи девони Бобо Кӯҳӣ дар ин мақола баён созад. Мо дар ин бахш бештар ба ҳамин мақолаи А. Тоҳирҷонов такя кардем.

Бояд гуфт, ки масъалаҳои шеъри сӯфия диққати В. Жуковскийро ҳанӯз соли 1895 ба худ ҷалб карда, ӯ мақолаҳои “Суруди Пири Ҳирот (В. А. Жуковский. Песни Хератского старца. Восточные заметки, СПб., 1895, с.79-113), “Инсон ва маърифат аз назари сӯфиёни форсӣ” (В.А. Жуковский, Человек и познание у персидских мистиков. СПб., 1895), “Шарҳ ба рубоиёти Абӯсаид” ва “Рисолаи ҳурония”-и Убайдуллоҳ ибн Маҳмуд аш-Шоширо чоп карда буд. Чунони дар боло ишора шуд, ӯ дар ин замина мақолаи “Бобо Тоҳири Ҳамадонӣ” ва маъруза дар бораи китоби Ҷуллобӣ “Кашф-ул-маҳҷуб” низ баъдан навишт.

Аммо дар мавриди пажӯҳиши “Девон”-и Бобо Кӯҳӣ ӯ аз соли 1902 ҷиддӣ машғул шуда, дар навбати аввал матни девони шоир ва тарҷумаи онро ба забони русӣ ба нашр омода намуд. Чунонки дар ин маврид Абдураҳмон Тоҳирҷонов менависад: “Ӯ дар солҳои охири ҳаёти худ, ҳатто то рӯзи маргаш ба таҳияи матн ва омода намудани нашру тарҷумаи “Девон”-и Бобо Кӯҳӣ машғул буд” (А.Т. Тагирджанов. “Диван” Баба Кухи в иследования В.А. Жуковского. Очерки по истории русского востоковедения. Сборник 5. Памяти В.А. Жуковского. Академия наук СССР. Институт Востоковедения. –М.: Восточной литературы. –сс. 59-62. с. 59-60).

В. Жуковский дар таҳияи “Девон”-и Бобо Кӯҳӣ асосан аз ду нусхаи дастнавис истифода бурдааст. Нухсаи аввал дуснависи №1144 –и буда, дар китобхонаи факултаи Шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Ленинград, ки дар он ҷо 2 феврали соли 1915 сабти ном шудааст, нигаҳдорӣ мешавад. Номи котиби ин нусха Муҳаммад Ҳасан аш-Шерозӣ, ки тахаллуси адабии “Дабир” доштааст, буда. Матни ин нусха хулосеаст, ки бар асоси феҳрастҳо, ки солҳои 1169 ҳ. /1755-1756 м. ё 1189 ҳ./ 1775-1776 м.ҷамъоварӣ шудааст. Бояд гуфт, ки нусхаи ин девон тавассути олими рус В Иванов аз Шероз оварда шуда, яке аз нусхаҳои муътабари девони Бобо Кӯҳӣ ба ҳисоб меравад.

Тибқи маълумоти А. Тоҳирҷонов ин нусха дебочае дорад, ки дар навбаи худ боз ба чаҳор бахш тақсим мешавад: 1) пешгуфтори манзуме аз котибест, ки ба қитъаи шеър ба таърихи марги Бобо Кӯҳӣ ишора дорад ва шумори солҳое, ки аз рӯзи марг то истинтохи нусхаи девонро фаро мегирад. 2) Ду шеъри Мирзо Муҳаммад Хусайни Шуои Шерозӣ, ки дар хусуси бунёди оромгоҳи Бобо Кӯҳӣ аз ҷониби Мирзо Ҳабибуллоҳхон Солор ас-Султон ва Мирзомуҳаммад Алихон Насруддавла дар солҳои 1906-1907 баҳс мекунад. 3) зикри он бахш аз “Маҷмаъ-ул-фусаҳо” ва “Риёз-ул-орифин”-и Ризоқулихони Ҳидоят, ки ба Бобо Кӯҳӣ марбут аст ва 4) ёддоштҳои носих дар хусуси шумораи таҳияи феҳрист бар асоси нусхаи зикршуда.

Нусхаи мазкури “Девон”-и Бобо Кӯҳӣ аз 247 ғазал, як тарҷеъбанд, 4 қитъа ва 19 рубоӣ иборат аст. Дар охири китоб порае аз маснавии “Шерознома” ва иттилооти мухтасар дар бораи зиндагиномаи Бобо Кӯҳӣ зикр шудааст. Нусхаи аввал таҳти

Зикри ин нукта низ бамаврид аст, ки баъдтар академик В. В. Бартолд бори дигар дар муқоиса бо нусхаи дигари ашъори шоир “Девон”-и ӯро ба нашр омода кард.

Нусхаи дувум тавассути А.А. Ромаскевич харидорӣ шуда, андозаи он 21,8Х17,5 см.-ро ташкил медиҳад. Он аз 111 иборат аст, ки дар ҳар як саҳифа 11 сатр навишта шудааст. Андозаи матн 14Х10 аст. Варақи

дастнавис фабрикӣ буда, ранги кабуд дошт. Шеърҳои шоир дар ду сутун, ки маъмулан ашъори форсӣ чунин навишта мешаванд, сабт шудаанд. Хатти он настаъликӣ зебо буда, дар муқовааш пӯст якҷо бо матоъи рах-рах истифода шудааст.

# БОБИ III

## САҲМИ В.А. ЖУКОВСКИЙ ДАР ҶАМЪОВАРӢ, ТАСНИФ ВА ТАҲҚИҚИ ОСОРИ ШИФОҲИИ МАРДУМИ ЭРОН

В.А. Жуковский дар ҷамъоварӣ ва нашру таҳқиқи осори шифоҳии мардуми Эрон низ саҳми бузург гузоштааст. Ӯ аз аввалин муҳаққиқонест, ки ба ҷамъоварӣ ва таҳқиқи ҷиддии осори шифоҳии мардуми Эрон машғул шудаанд.

Дар ин росто, сафарҳои В.А. Жуковский ба Эрон нақши калон доранд. Пас аз хатми факултаи забонҳои Шарқи Донишгоҳи Петербург дар соли 1880 ва дарёфти дараҷаи магистрӣ дар соли 1883 ӯ ба Эрон барои такмили забондонӣ ва ҷамъоварии маводи шевашиносӣ барои рисолаи докторӣ фиристода шуд. Аз рӯзҳои аввали вуруд ба шаҳри Теҳрон В.А. Жуковский ба лаҳҷаҳо ва осори шифоҳии мардум таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамуд. Масалан, ӯ дар нома ба устодаш В. Розен, ки 5январи соли 1885 фиристодааст, аз ҷумла иттилоъ додааст,ки «кори тарҷумаи 1000 шеърро ба лаҳҷаи бахтиёрӣ ба итмом мерасонад. «Ба назари ман ин комилан кофист ҳам барои пайдо кардани тасаввуротидуруст дар бораи осори шифоҳии бахтиёриҳо ва ҳам барои шиносоӣ бо лаҳҷаи бахтиёрӣ» [24, с.122].

Аз номаҳои В.А. Жуковский ба устодаш бармеояд, ки ӯ омӯзиши лаҳҷаҳои эрониро пайваста бо осори шифоҳии онҳо анҷом медодааст. Ӯ на танҳо ба зарбулмасалу мақолҳо, ки дар гуфтори мардум хеле фаровон истифода мешавад, балки ба ҷанбаҳои иҷтимоиву сиёсии осори шифоҳӣ, ки хеле қавӣ ва ҷолибанд, таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Пас аз 15 моҳи сукунат дар Теҳрон В.А. Жуковский ҳамроҳи ҳамсараш Варвара Александровна ба Исфаҳон меравад ва ҷамъоварии маводро барои рисолаи докториаш идома медиҳад. Дар ҷамъоварии мавод, бахусус, аз занҳои маҳаллӣ ба В.А. Жуковский ҳамсараш, ки забони форсиро хеле хуб ёд гирифта буд, мадад мерасонд. Чи тавре ки худи В.А. Жуковский

иқрор мешавад, ӯ аввал фикр мекард, ки шояд маводи тозае пайдо накунад, вале баръакси ин пиндор ӯ ба дарёфти маводи зиёди ҷолибе ноил гашт ва ба хулосае омад, ки лаҳҷаҳои забони форсӣ «дорои қаъри тиллоие мебошанд, ки боз солҳои зиёд ба муҳаққиқон маводи тоза ва беинтиҳо хоҳанд дод» [37, с.1].

В.А. Жуковский ҳангоми сукунат дар шаҳрҳои Теҳрон, Исфаҳон, Шероз аз мардум маводи фаровоне ҷамъ овард ва дар чанд маҷмуа ба нашр расонд. Маҷмуаи аввал «Мавод барои омӯзиши лаҳҷаҳои форсӣ» буд, ки соли 1888 дар Петербург ба табъ расид.

Маҷмуаи дигар, ки маводи тозаи ҷамъовардаи В.А. Жуковскийро дар бар мегирифт, «Намунаҳои осори мардумии форсӣ» буд, ки соли 1902 нашр шуда, сурудҳои сарояндагону мутрибон, сурудҳои ҷашни арӯсӣ, сурудҳои алла, чистонҳо ва намунаҳои дигари гуногунро дар бар мегирифт. Китоб аз пешгуфтор, панҷ бахш ва иловаҳо иборат аст.

Дар пешгуфтор, пеш аз ҳама,муаллиф ёдовар мешавад, ки осори шифоҳии мардуми Эрон дуруст таҳқиқ нашудааст. Дар асари Ходзко «Намунаҳои назми мардумии Форс», ки қаблан дар Лондон чоп шудааст, унсурҳои эронӣ хеле кам буда, намунаҳо фақат дар тарҷума нақл шудаанд. Муаллиф қайд мекунад, ки дар китоб маводеро, ки солҳои 1883-1886 дар шаҳрҳои Теҳрон, Исфаҳон, Шероз ва деҳоти атрофи онҳо ҷамъоварӣ шудаанд ва соли 1899 дар натиҷаи сафари дувуми ӯ ба Теҳрон пурра гардидаанд, ҷой дода шудаанд.

Муаллиф дар бораи ҳадафу сохтори асараш сухан ронда, қайд мекунад, кимаводи ҷамъовардааш ба панҷ бахш тақсим мешаванд: «1) сурудҳои мутрибону сарояндагон; 2) сурудҳои базмӣ; 3)сурудҳои лолоӣ; 4) чистонҳо ва 5) намунаҳои дорои мазмунҳои гуногун; бахши шашум аз рӯйхати калимаҳоеро, ки дар фарҳангҳо ворид нашудаанд ва дар зимни сабти асарҳои халқӣ дучор омадаанд, иборат аст» [46, с.1].

Сипас барои раҳнамоии хонанда муҳимтарин хусусиятҳои намунаҳои дар китоб овардашуда ба қалам дода мешаванд. Пеш аз ҳама таъкид мешавад, ки мардуми форс ба ашъори шоирони классик

дилбастагии зиёд доранд. Аз ин рӯ, ба осори халқӣ чандон эътибор намедиҳанд ва ҳатто онро «бемаънӣ» ё «ҳарфи муфт» мешуморанд.

Ҳангоми сабти шеърҳо В.А. Жуковский ба душвориҳо дучор меомад. Гӯяндаҳо аксаран ба иштибоҳ роҳ медоданд, мисраъҳоро дарҳам мекарданд, суханҳоро фаромӯш менамуданд, маънии баъзе калимаҳоро шарҳ дода наметавонистанд. Бинобар ин, намунаҳои зиёдеро, ки ӯ дар ихтиёр доштааст, ба китоб дохил нашудаанд.

Дар китоб намунаҳо бештар аз маҳалҳои қисмати ҷанубии Эрон оварда шуда, аз дигар қисматҳо, бахусус, Теҳрон кам аст. Сабаби инро муаллиф аз он медонад, ки дар Теҳрон ӯ бештар ба омӯзиши забон машғул шудааст. Ҳангоми дар Исфаҳону Шероз будан бештар ба ҷамъоварии осори шифоҳии мардум таваҷҷуҳ намудааст.

В.А. Жуковский барои раҳнамоӣ ба хонанда баъзе хусусиятҳои забони гуфтугӯии форсӣ ва тарзи талаффузи калимаҳои ҷудогонаро шарҳу тавзеҳ медиҳад. Барои намуна чанде аз онҳоро зикр менамоем. Дар гӯйиши форсӣ овози **о** пас аз овозҳои **м** ва **н**ба тарзи **у** талаффуз мешавад (бодум, Теҳрун, ҳаммум, табассумкунун…). Овозҳои **м** ба **н** (бун), **р** ба **л** (халворӣ, шикол, занҷил…), **б** ба **в** (бебафо, савз…), **ф** ба **б** (лабз) табдил меёбанд. Бо дарназардошти хусусиятҳои мазкур баъзан чунин тарзи қофиябандӣ роиҷ аст: дандун – мардум, бодом – долон, савор – шикол, асирам - бубинам. Дар калимаи чӯб ба ҷои **бк** пайдо мешавад: чукӣ. Агар дар охири калима ду ҳамсадо паи ҳам оянд, овози охирин талаффуз намешавад: куҷос (бо Ҳиҷоз ҳам қофия), чаш (бо каш ҳам қофия), дасмол. Овозҳои **ст** дар мобайни калима ба **сс** табдил меёбанд: усто-уссо. Дар калимаи як аксаран **к** ба **й** табдил мегардад: йейло. Пасванди ҷамъи **ҳо** шакли **о**-ро мегирад: навкаро, ришдоро. Дар баъзе калимаҳо ҳамсадоҳо ҷои худро иваз мекунанд: қулф. Дар калимаи занкалон ду пасванди ҷамъ-курдӣ ва форсӣ истифода шудааст. Пасоянди **ро** баъзан ба **о** табдил меёбад: халило, мано (ба ҷои манро). Бандаки изофӣ аксаран ҳазф мешавад: баччашер. Ба феълҳое, ки бо **ш** тамом мешаванд, **т** илова мегардад: равишт, гардишт. Пасвандҳои ҷонишинӣ бо пасоянди **аз** (азт, азм) ва **ба** (баш, бам) пайваст

мешаванд. Дар феълҳо аксаран ду ҳиҷо дар талаффуз пайваст мешаванд: намеём, намедам, мешам, намехом меша, намешад, мерам. Феъли шахси сеюми шумораи танҳои замони ҳозира бо **а** тамом шуда, бо номҳо ҳамқофия мешавад: Бисӯза, бишкана, дора, Салима, Карима, месӯза-Фирӯза… Бо ёрии феъли **доштан** шакли хоссаи феъли замони оянда сохта мешавад: дора мерақса.

Пешояндҳо баъзан ҳазф мегарданд: бурданат асирӣ, меёд ҳаммум. Дар сурудҳое, ки дар Шероз сабт шудаанд, ба исмҳо пасванди **он**ҳамроҳ мешавад, ки дар забони адабии форсӣ дида намешавад.

Масалан:

Духтарон мастӣ ё на?
Шиша бар дастӣ ё на?
Ман мехоҳам шавҳар бидиҳам,
Ту розӣ ҳастӣ ё на?[46, с.VIII]

Дар пораҳое, ки аз сокини деҳаи Сивенд сабт шудааст, шаклҳои феъли бастат ба ҷои бастааст, мазанен ба ҷои мазанед ба кор рафтааст.

Дар бахши аввал, чунонки зикр шуд, сурудҳои мутрибону сарояндагон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. В.А. Жуковский пеш аз ҳама мафҳуми мутрибонро шарҳ дода, таҳти он мафҳум дар назар доштани сароянлагону раққосонро таъкид намуда, ба маънии он, яъне тараббахшу хушҳолкунанда ишора месозад. Дар баробари мутрибони мард вуҷуд доштани мутрибони зан ҳам таъйид мешавад.

Муаллиф дар баррасии худ бештар ба таври мухтасар дар бораи шаклу мундариҷаи сурудҳо ва вожаҳои сурудҳо таваққуф намудааст. Аз нигоҳи ӯ сурудро «тасниф» меноманд, ки офарандаи онҳо маълум нестанд. Таснифҳо одатан дар асоси байтҳои машҳури шоирони маъруф бо илова кардани мисраъҳои тоза сохта мешаванд. Ҳаҷми таснифҳо муайян нест. Базан таснифҳо аз насри мусаҷҷаъ иборатанд. Мавзуи асосии таснифҳо аз ишқ, васфи маъшуқ ва шароб, яъне ҳар чӣ ки инсонро хушҳол месозад, иборат аст.

В.А. Жуковский таъкид мекунад, ки беш аз ҳама таснифҳои Гелону Мозандарон шуҳрат доранд. Сабаби инро мардум аз он медонанд, ки занони ноҳияҳои мазкур рашки зиёд надоранд.

Муҳаққиқ дар таснифҳо ифода шудани мавзуъҳои муҳимми рӯзро мушоҳида намуда, онҳоро ба булварҳои Париж монанд месозад. Дар чунин таснифҳо назари мардум ба иваз шудани шаҳрдорон, кирдори сарватмандон, ситами пулисҳо, гаронии нархи колоҳо ва амсоли инҳо ифода ёфтаанд. Дар баъзе таснифҳо ҳаҷви тунди ҳодисаҳои иҷтимоӣ ба назар мерасад, аз ин ҷост, ки онҳо ба силоҳи тақлидчиён табдил ёфтаанд. Муқаллидон онҳоро бо оҳанги сурнай бо шӯхӣ замзама мекунанд. «Чунин таснифҳои муҳимми рӯзмарра, -менависад В.А. Жуковский, - ва ҳикояти муқаллидон ҳамчун маводи зинда, даҳонӣ, албатта, аз Эрон берун намераванд, вале чун «садои мардум» қобили таваҷҷуҳ мебошанд ва арзиши баланди таърихӣ доранд» [46,с.5].

Таснифе, ки дар он рафтори ношоистаи яке аз сарватмандон Муаййири Сонӣ фарзанди яке аз дарбориёни Носириддиншоҳ ва домоди шоҳ мазаммат мешавад, бо байте аз як ғазали Ҳофиз оғоз меёбад:

Акси рӯи ту чу дар ойинаи ҷом афтод,
Ориф аз хандаи май дар тамаи хом афтод.
Санами парданишин ҳурмати исмат нашинохт,
Эй ба фидоят Исмат[1].
Кӯси расвоии мо буд, ки аз бом афтод,
Равзанеро, ки дар ӯ мӯр намекард убур
Бо суъубату сахтӣ.
Бешае шуд, ки дар ӯ баччаи зарғом афтод
Бо камоли осонӣ
Дод аз ин мусулмонӣ,

[1]Исмат- Исматуддавла, номи зани Муаййири Сонӣ.

Эй, Муаййирии Сонӣ

Қадри худ намедонӣ.

Барзадӣ паҳн шалвори фанордори маро,

Кӯси расвоӣ маро дар сари бозор задӣ.

Фахри Тоҷи эронӣ,

Зарканда ту меҳмонӣ,

Гаҳвора меҷунбонӣ,

Эй Муаййирии Сонӣ,

Қадри худ намедонӣ.

Гуфт Муаййир ба хонум Фахри Тоҷ:

«Тухме, ки коштам, ту худ кун илоҷ».

Дасти ману домани ту қобила,

Ки аз падари худ шуд ҳомила.

Эй МуаййирииСонӣ,

Қадри худ намедонӣ[46, с.3-4].

Дар таснифи мазкур шахсони воқеӣ намояндагони табақаи ашроф – Муаййирии Сонӣ, ҳамсари ӯ Исматуддавла ва духтараш Фахри Тоҷ мавриди ҳаҷв қарор гирифтаанд. В.А. Жуковский таърихи суруда шудани таснифро баён намуда, шахсияти симоҳои мазкурро муайян кардааст.

Дар бахши аввал сурудҳои ишқӣ зиёд ба назар мерасад, ки яке аз онҳо ин аст:

Болои даргоҳ

Даромада моҳ.

Ёрамро дидам,

Алҳамдулиллоҳ.

Лайлӣ, Лайлиҷонам,

Ман туро қурбонам,

Ман бар ту меҳмонам.

Болои puштӣ,

Ошиқро куштӣ.

Аз хуни ошиқ

Нома навиштӣ.

Лайлӣ, Лайлиҷонам,
Ман туро қурбонам,
Ман бар ту меҳмонам[46, с.5-6].

Суруде, ки В.А. Жуковский соли 1899 дар Теҳрон сабт намудааст, дар асоси рубоии Умари Хайём бо афзудани пораҳо ба ҳар мисраъ эҷод шуааст:

Сармаст ба майхона гузар кардам дӯш,
Ҷонам, Лайлӣ.
Пире дидам масту сабӯе бар дӯш.
Эй дӯст, эй дӯст.
Гуфтам: «Зи Худо шарм надорӣ, эй пир?»
Ҷонам, Лайлӣ.
Гуфто: «Карам аз Худост, рав, бода бинӯш!»
Эй дӯст, эй дӯст [24,с.29].

Дар суруди дигар, ки соли1886 дар шаҳри Шероз сабт гардидааст, таъсири ғазали Мавлоноро ба таври равшан метавон эҳсос намуд:

Рафтам дари майхона,
Хӯрдам ду-се паймона.
Ман мастаму девона,
Мастро кӣ барад хона?
Бар ин биёбон зи нотавонӣ
Фитодам аз по, ҳар он чи донӣ.
Рӯят гули насрин аст,
Гуфтори ту ширин аст.
Бар ин биёбон зи нотавонӣ
Фитодам аз по, ҳар он чи донӣ. [37, с.31]

Дар яке аз сурудҳои бахши аввал тавсифи гурба ба назар мерасад:

Рӯйи ношуста се моҳаш нигарӣ,
Абрӯи пайваста камонаш нигарӣ,
Чашми бесурма сиёҳаш нигарӣ,

Гурба дорам чи бароқ чӣ бароқ.

Меравад шаҳри Ироқ,

Меёрад аспу Бурoқ.

Пишт- пишташ накунӣ, дӯст дорамаш, мемирам аз ғамаш,

Пешам биё,ба пешам,

Момолам ба ду бағалам.

Тавре ки В.А. Жуковский дар тавзеҳи суруд навиштааст, «Аҳли Исфаҳон, ба хусус занон ба гурбаҳо муҳаббати зиёд доранд, ки ин на танҳо шоирон, балки рассомонро низ илҳом бахшидааст».

Дар бахши Vаз забони пиразани қашшоқ шеъре сабт шудааст, ки ба воқеаи таърихии ба тахт нишастани Музаффариддиншоҳ бахшида шудааст. Дар ин шеър, чунонки В.А. Жуковский навиштааст, умеди мардум ба омадани Музаффариддиншоҳ, вале пас аз он ки беҳбуде дар мамлакат ба вуҷуд наомад, ноумед гаштани халқ тасвир шудааст:

Теҳрон шуд чи лавлав,

Шоҳи тоза шуду нав.

Гуфтем, ки шоҳи нав меёд,

Бӯйи баҳор хазон меёд.

Гуфтем об равон мешавад,

Гуло ҳама хазон мешавад.

Дари хазина во мешавад,

Ҷинсҳо ҳама арзон мешавад,

Балки Теҳрон обод мешавад.

Мулки Эрон обод мешавад.

Ҳар дам садои най меёд,

Овози пай дар пай меёд.

Ин шоҳи хуб пас кай меёд?

Як вақт меёд, ки вақт бошад,

Соя рӯи дарахт бошад.

Хиёбон обу ҷорӯ карданд,

Бозоро ро чароғборун карданд.

Гуфтанд, ки имрӯз шоҳ меёд,
Садои занги шутур меёд…
Вақте ки рафтанд саломаш бах-бах,
Диданд, ки обҷиш Музаффар омада,
Бо як бори туку хар омада,
Дастаи райҳон омада,
Мисоли ҳайвон омада,
Бори чағандар омада,
Мисли қаландар омада.
Чорқади арӯс гарон шуда,
Обҷӣ Музаффар омада пинҳон шуда.
Яке мегӯяд ҳол надорам,
Бирав, бо ту корнадорам,
Бо ту майлу сарукор надорам [46, с.6-7].

Сурудҳои ишқие, ки дар «Намунаҳо» оварда шудаанд, хеле самимиву сода буда, сӯзу гудози дили ошиқонро ифода менамоянд. Дар суруди зер, ки дар Шероз соли 1886 сабт шудааст, аз як тараф, ҳусну ҷамоли маъшуқа ва, аз тарафи дигар, дарди ишқи ошиқ, ки аз ҷудоӣ аз дилдодааш ранҷ мебарад, баён шудааст:

Ин зулфи мусалсалат барои дили ман,
Ин холи лабат уқдакушои дили ман.
Эй Худо, ҳабибам наёмад,
Мурдаму табибам наёмад.
Ман дил ба ту додаам барои дили ту,
Ту дил ба касе мадеҳ барои дили ман.
Эй Худо, ҳабибам наёмад,
Мурдаму табибам наёмад [46, с. 43].

Суруди кӯтоҳи дигаре, ки дар Исфаҳон сабт шудааст, ба суруди фавқ монанд буда,эҳсоси ошиқи ранҷурро хеле содаву самимӣ
баён месозад :

Дар фикри ту будам, ки яке ҳалқа ба дар зад,
Гуфтам: «Санамо, қибланамо балки ту бошӣ.
Шаҳо, балки ту бошӣ,
Маҳо, балки ту бошӣ».
Ранҷидани шоҳон зи гадо расми қадим аст,
Шоҳе, ки наранҷад зи гадо, балки ту бошӣ.
Шаҳо, балки ту бошӣ,
Маҳо, балки ту бошӣ [46, с. 44].

Дар сурудҳои ишқӣ ошиқ шахси содиқу вафодор буда, аз ҳеч душворӣ ҳарос надорад. Ҳарчанд модари маъшуқ ба васли ӯ монеъ аст ва маъшуқниз бонозу хитоб аз ӯ дурӣмеҷӯяд, вале ошиқи дилдода дар роҳи ишқ собиту устувор аст:

Офтоб ба сари дарахти нор бандон аст,
Ошиқ бенаво миёни кӯча саргардон аст.
Сесад гули сурху як гули насронӣ,
Эй модари қаҳба маро аз сар буридан метарсонӣ.
Агар ман аз сар буридан метарсидам,
Бар кӯчаи ошиқон намегардидам.
Эй Худо, ҳабибам наёмад,
Эй Худо, табибам наёмад,
Эй Худо, дилбарам наёмад,
Эй Худо, сарварам наёмад.
Эй то туро дидам, надодам дил ба кас,
Эй Худо, ошиқам кардӣ, ба фарёдам бирас![46,с.67]

Фасли баҳору зебоиҳои нотакрори он дили ошиқро ба ваҷд меорад ва муҳаббати ӯро ба дилбар ва зиндагӣ афзун месозад:

Мужда ба булбул диҳед, фасли баҳор омада,
Гул ба ҳама рангу бӯ ҳамраҳи хор омада,
Эй ҷонам, эй лувлам, мехомат дилбар чӣ созам.
Намеоӣӣ, қаҳр мекунам азат,
Ариза ба шаҳр мекунам азат,

Шоҳон хабар мекунам азат[46,с.67].

Дар баъзе сурудҳо панду насиҳат ва масъалаҳои ахлоқӣ матраҳ шудааст. Аз ҷумла, дар суруди кӯтоҳи зер садоқату вафодорӣ дар ишқ талқин мешавад:

Дило, бо касе ошноӣ макун

В-агар мекунӣ, бевафоӣ макун.

Ҷонам, Лайлӣ, оҳ!

Ба ҳар кас ки лофи муҳаббат задӣ,

Аз ӯ то қиёмат ҷудоӣ макун.

Ҷонам, Лайлӣ, оҳ! [46, с. 50]

Дар суруди дигар оҳанги насиҳату андарз қавитару баландтар садо медиҳад ва пандҳои Аттору Саъдиро ба ёд меорад:

Ҳар дӯст, ки бевафост, душман беҳ аз ӯст,

Ҳар нуқра ки камбаҳост, оҳан беҳ аз ӯст.

Эй Худо, то кай бинолам, биноламу нанолам,

Шом шуд, то кай бисӯзам, бисӯзаму насӯзам.

Ҳар кас ки намак хӯрду намакдон шиканад,

Дар мазҳаби риндони ҷаҳон саг беҳ аз ӯст.

Эй Худо, то кай бинолам, биноламу нанолам,

Шом шуд, то кай бисӯзам, бисӯзаму насӯзам [46, с. 63].

Сурудҳо мавзуъ ва масъалаҳои мухталифи марбут ба табақаҳои гуногуни мардуми Эронро дар бар мегиранд. Масалан, дар суруде, ки соли 1885 дар Исфаҳон сабт шудааст, лаҳзаҳои зиндагии талабагони мадраса тасвир ёфтааст:

Мо алимавлоем,

Дар мадрасаи шоем.

Ҳар субҳе, ки бархезем,

Ҳуҷраро тарҳ резем[46, с.65].

Дар сурудҳои мардумӣ байту мисраъҳои маъруфи шоирони классик зиёд истифода мешаванд, ки чанде аз онҳо ёд мешавад:

Ба ҷаҳон хуррам аз онам, ки ҷаҳон хуррам аз ӯст,

Ошиқам бар ҳама олам, ки ҳама олам аз ӯст.
Борҳо доштам аз кунҷи лабонат ҳавасе,
Мурдам аз ҳасрату иброз накардам ба касе[46, с.70].

***

Имшаб ба бари ман аст ин мояи ноз,
Ё Раб, ту калиди субҳ дар чоҳ андоз.
Маҷнун наям, Лайлӣ девонаи ишқам[46, с.76].

***

Рӯзе ба тифле гуфтам, ки моилам шуморо,
Дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро…[46,с.77].

Дар байни сурудҳои мардумӣ ҳаҷвияҳо ҳам ба назар мерасанд. Дар ҳаҷвияи зер, ки соли 1886 дар Исфаҳон сабт шудааст, Лайло мавриди мазаммат қарор гирифтааст. Аз тавзеҳи ба ин суруд навиштаи В.А. Жуковский равшан мегардад, ки Носириддиншоҳ соли 1879 пас аз сафари Аврупо дар Теҳрон идораи пулисро таъсис дода, Граф де Монтефортеро раиси он идора таъйин кардааст. Граф барои ба тартиб даровардани пойтахт, барҳам додани фисқу фасод аксари фоҳишахонаҳоро баста, танҳо ду-се торо мисли «Чои Сайлобӣ» ё «Гувдии Сайлобӣ» боқӣ гузошта, низоми қатъӣ ҷорӣ намудааст. Ҳамчунин ӯ ба фарзандони худ либоси эронӣ пӯшонида, ба онҳо номи эронӣ додааст. Аз ҷумла, яке аз духтаронашро Лайлӣ ном ниҳодааст.

Мардум дар бораи ин духтари Граф ҳаҷвия эҷод кардаанд ва он худ ба шаҳрҳои дигари Эрон мисли Шерозу Исфаҳон паҳн мегардад. Ҳаҷвия тӯлонӣ буда, банди аввали он ин аст:

Лайлоро бурданд Чоли Сайлобӣ,
Бахшааш оварданд нону серобӣ.
Лайлоро бурданд Дарвозаи Дулоб,
Барояш хариданд урсиву ҷӯроб.
Лайлоро бурданд ҳаммоми Гулшан,
Кунти беғайрат, чашми ту равшан.
Филфили тундам, Лайло,

Духтари Кунтам, Лайло,

Лайло молус аст,

Шаҳаш арӯс аст,

Оғош  дайюс аст…[46,с.80].

Ба духтари Граф Лайло ҳаҷвияи дигаре низ дар Исфаҳон сабт шудааст, ки ба ҳамин сабк иншо шуда, мавриди ҳаҷви дурушт қарор гирифтааст, ки бо зикри чанд байти он иктифо мешавад:

Ба Теҳрони хароб афтода корам, Лайло,

Ба бозори касод афтода борам, Лайло.

Ними заръ боло кун, Лайло,

Моро ризо кун, Лайло…[46,с.83].

Дар таснифе, ки дар Теҳрон соли 1899 сабт шудааст, хонуми олимақоми эронӣ, ки пас аз таваллуди фарзанд ба бемории занона гирифтор шуда, ба табиби аврупоӣ барои муояна муроҷиат кардааст, хеле дурушту тунд мазаммат гардидааст. Тасниф бо мисраи зер оғоз меёбад:

Бонжур мусю ман ҳакими урусам…[46, с.84]

Таснифи дигаре ба ҳамин сабк дар «Намунаҳо» мавҷуданд, ки аз номи хонуми рус гуфта шудааст:

Бонжур мусю, ман аз занони урусам…[46, с.86]

Як идда таснифҳои бахши аввали «Намунаҳо» ҷанбаи сиёсӣ дошта, ба воқеаҳои таърихии давр бахшида шудаанд. Яке аз чунин воқеаҳои таърихӣ вафоти Носириддиншоҳ ва ба тахт нишастани Музаффариддиншоҳ мебошад. Ба ин воқеаи таърихӣ чанд тасниф бахшида шудааст. Дар таснифе, ки соли 1899 дар Теҳрон сабтшудааст, аввалан ғаму ғусса аз вафоти Носириддиншоҳ баён мегардад:

Ахтар аз гардиш намемонӣ чаро?

Эй фалак, то чанд ҷафо?

Сонияи ҷудоӣ аз маъшуқи камонабрӯ ва васфи зебоии рӯю мӯйи ӯ бо эҳсоси пуршӯри ошиқона иброз мешавад:

Солҳо будӣ надидам рӯи ту

Фидои мӯи ту.

Ҷигарам хун шуд барои мӯи ту,
Фидои рӯи ту…

Дар қисмати сеюми тасниф омадани шоҳи нав (Музаффариддиншоҳ) аз Табрез ба Теҳрон, шодиву тараб аз ташрифи шоҳ ва барқарор шудани низом дар пойтахт тасвир шудааст:

Шоҳи нав, боз моҳи нав,
Шоҳи дин, боз моҳи дин.
Омада ба Теҳрон.
Ҳоло биё, то май хӯрем,
Шароб аз моли ғайр хӯрем.
Шоҳи Табрез, шоҳи хунрез,
Шоҳ Музаффар, тахти позар
Омада баТеҳрон[46,с.88].

Дар таснифи дигар, ки он ҳам дар Теҳрон соли 1899 сабт шудааст, пас аз вафоти Носириддиншоҳ ба пойтахт омадани Музаффариддиншоҳ ва шодиву хушҳолии мардум аз он тасвир шудааст:

Нигори носозгорам, чаро бо ман соз намеша?
Шароби нохушгуворам, чаро бо ман соз намеша?
Шоҳи нав боз моҳи нав омада ба Теҳрон.
Ҳоло биё, то май хӯрем,
Шароби мулки Рай хӯрем,
Ҳоло нахӯрем пас кай хӯрем? [46, с.90]

Тавре ки мебинем, таснифи мазкур бо таснифи қаблӣ на танҳо ҳаммаъно аст, балки баъзе мисраъҳо айнан такрор шудаанд. Аз таснифҳои ба ин ҳодисаи таърихӣ бахшидашуда маълум мегардад, ки мардум дар воқеъ аз омадани шоҳи нав хушҳол будаанд.

Дар чанд тасниф вазъи дарбориёни дигари қоҷорӣ ба тарзи гуногун тасвир шудааст. Дар таснифи зер ҳолати ногувори Султон Масъуд Мирзо писари  Носириддиншоҳ, ки аз сарватмандони маъруф буда, волигии Исфаҳон, Форс, Луристон, Курдистон, Кирмоншоҳ, Язд, Буруҷард, Бахтиёрӣ, Гулпойгон, Хонсор Маҳаллот ва ғайраро ба уҳда

доштааст, тасвир шудааст. Носириддиншоҳ бо маслиҳати садри аъзам Аминуссултон аз ӯ ҳамаи вилоятҳои дар тасарруфи ӯ бударо, ба ғайр аз Исфаҳон, ки дар он ҷо зиндагӣ мекард, мегирад. Ин воқеаро мардум дар тасниф аз забони худи ӯ баён кардаанд, ки хеле ҷолиб мебошад:

Гории амирзода ку?
Ҷоми пур аз бода ку?
Он бачаҳои сода ку?
Шоҳзодаҷон, хуб кардӣ рафтӣ,
Қочи зин бигир, наяфтӣ.
Ку Исфаҳон пойтахти ман ?
Ку тӯпчӣ, ку тахти ман?
Ку ҳукмҳои сахти ман?
Эй Худо, бубин ин бахти ман.
Шоҳбобо, гуноҳи ман чӣ буд?
Ин рӯзи сиёҳи ман чӣ буд?...[ 46,с.92]

Таснифи дигар аз номи яке аз занони Зисултон гуфта шуда, шикояти ӯро аз зани нав гирифтани шоҳзода дар бар мегирад:

Шоҳзода чаро зан гирифтӣ?
Магар беҳтар аз ман гирифтӣ?
Қанди урусият надодам?
Қур зери курсит надодам?
Ҳалвои ардат надодам?
Қур пушти пардат надодам?...[46, с.95]

Дар таснифи зер аз Шероз рафтани ҳокими собиқи Форс Фарҳод Мирзо тасвир шудааст:

Ҳаво бад-ин пурнамӣ,
Шероз бад-ин хуррамӣ.
Шоҳзода чаро меравӣ,
Ёри маро бо худ мебарӣ?....[46,с.99]

Дар таснифе, ки он ҳам дар Шероз сабт шудааст, эътирози мардум аз нархҳоро гарон кардани Соҳибдевон ифода ёфтааст:

Сабилсиёҳ рафт- ту диди̅?

Чодар ҳаво рафт -ту диди̅?

Қурбаға роҳ рафт-ту диди̅?

Муш ту сурох рафт-ту диди̅?

Соҳибдевон хари ту бурун,

Чи̅ кор дори̅ ба нархи нун?[46, с.101]

Дар охири асри XIX дар Эрон кишту хариду фурӯши тарёк хеле ривоҷ пайдо карда буд ва он яке аз сарчашмаҳои даромади як гурӯҳ аҳоли̅ ба шумор мерафт. Аз тарафи дигар, ин боиси бадбахтии одамони зиёд мегардид. Мардум аз ин офат низ нороҳат шуда, садои эътироз баланд намудаанд. Дар «Намунаҳо» аз забони муқаллиде нақли тӯлони̅ оварда шудааст, ки дар он ба гармии бозори тарёк дар шаҳру деҳоти зиёд ишора шудааст. Дар тавзеҳе, ки ба ин нақл В.А. Жуковский додааст, бо далелҳо ривоҷи истеҳсоли тарёк дар солҳои охири асри XIX бо рақамҳо нишон дода шуда, таъкид мешавад, ки «дар баъзе маҳалҳо кишти гандум, биринҷ ва дигар маҳсулоти заруриро тарк намуданд, ки ин баъзан боиси нарасидани нон, гоҳе қаҳтии сахт мегардид» [46, с.102].

Нақли муқаллид аз ҳикояти мансур ва пораҳои манзум иборат аст. Дар пораи манзуму мансури зер аз тарёк сарватманд шудани тоифаҳои гуногун тасвир шудааст:

Эй дил, дилбари ҷаҳон тарёк,

Ту нутқи маҷлиси раъиятон тарёк.

Худоё, ҳар касро тарёк доди̅, зӯру бозу бар ӯ бинмуди̅.

Булбули нутқи шоирон тарёк.

Амоназтарёк, фиғоназтарёк. Ӯрӯзоазгушнаги̅мемурданд, ҳолоазсери̅.

Кисаи раъиятон пур аз зар шуд,

Килку топу чу сатовор шуд,

Булбули нутқи шоирон тарёк[46, с.104].

Вале ин вазъ дер давом намекунад ва пас аз муддате аксари он сарватмандон муфлис мешаванд ва муқаллид ҳам дар охир лаб ба шикоят мекушояд:

Доштам улоғи куррадор,
Бурдам фурӯхтам панҷ ҳазор,
Додам ба пули хастанӣ,
Як даст хонаро фурӯхтам,
Гузоштаму гурӯхтам.

Валлоҳу биллоҳ, тарёкам нашуд, заифа, хиҷолатам надеҳ[46, с.108].

Ба ин минвол, дар бахши аввали «Намунаҳо» 79 суруд оварда шудаанд, ки мавзуъҳои мухталифи ишқиву иҷтимоиро дар бар мегиранд ва воқеияти замонро таҷассум менамоянд.

Бахши дуюми «Намунаҳо» сурудҳои арӯсиро дар бар мегирад. Дар пешгуфтори ин бахш В.А. Жуковский менависад, ки ин навъи сурудҳо бештар дар қисмати ҷанубии Эрон маъмул буда, дар қисматҳои дигар ба назар намерасад. 103 суруде, ки дар бахши дуюм ҷой дода шудаанд, соли 1886 дар деҳаи Севанди наздикии Шероз сабт гаштаанд. Муҳаққиқ таъкид менамояд, ки сурудҳои арӯсиро одатан мутрибону сарояндагон иҷро менамоянд ва баъзан мардум ҳамовозӣ мекунанд. Сурудҳо кӯтоҳ буда, бештар аз як байт иборатанд ва ба мавзуъҳои гуногун бахшида шудаанд. Дар суруди зер зиракӯбии духтар тасвир шудааст:

Зира кӯфтам, зира бехтам, гарди зира бам нишаст,
Хум ба хум ҳайрон бимондам, ё Алӣ, дастам гирифт[46, с.119].

Аксари сурудҳо ба домод ва сифатҳои ӯ бахшида шудаанд. Суруди зер аз арӯси хубе пайдо кардани домод башорат медиҳад:

Домод ҷойе рафта буд, дастмоли заре ёфта буд,
Хоҳар ҷалуш рафта буд, сад боракаллоҳ гуфта буд [46,с.120].

Дар чанд суруд сухан аз интихобу хостгории арӯс меравад:

Мо бекем, бекзодаем, бо бекон ҳамсодаем,
Зан ба кокои мо бидиҳед, мо калонтарзодаем [ 46, с.121].

В.А. Жуковский ба маросими ақди никоҳ ишора намуда, дар ин маврид бастани аҳдро зарур медонад ва намунаеро аз он аҳднома айнан меорад, ки рӯзи панҷшанбеи 9-уми рабеъуссонии соли 1261 байни Алӣ Муҳаммад ва Ҳалима хотун баста шудааст.

Дар чанд суруд ба хуб гузаштани маросими ақди никоҳ ишора мегардад:

Бод омад, борон гирифту об омад, долон гирифт,

Шера домод ғам махӯр, ки кори ту анҷом гирифт[ 46, с.123].

Яке аз расмҳои арӯсӣ додани ширбаҳо ба падару модари арӯс аст, ки дар ин бора чандин суруд гуфта шудаанд:

Ин шутурҳо буру бар мебаранд харҷи арӯс,

Шоҳзода, манзур бидор, мебарем сӣ наварӯс[46, с.124].

***

Аспи сӯзи зинтило, даври сунбаш ҳам тило,

Шера домод манзур бидор, мебарем сӣ ширбаҳо[46, с.124].

***

Аз ин ҷо то ба Шероз мебарем дурру бароқ,

Хони Шероз пешкаш кун, мебарем сӣ ширбаҳо [46, с.125].

Аз суруди зер бармеояд, ки баъзан домод ширбаҳо(бошлоқ) намедодааст:

Найи тило найи чит тилову банди найи читаш тило,

Хум бигардам гирди домод, зан гирифт, бошлоқ надод[46, с.126].

Одатан,қабл аз ақди никоҳ домод бо дӯстонаш ба ҳаммом рафта, ба қалёнкашиву ишрат машғул мешудааст, ки дар ин бора дар чанд суруд ишора шудааст:

Эй ҳаммомӣ, эй ҳаммомӣ, кокоҷон меёд ҳаммум,

Қалёнаш омода кун, оби хазина тоза кун[46,с.128].

Арӯсро низ дугонаҳо ба ҳаммом мебаранд ва маросими ҳинобандонро ба ҷо меоранд, яъне нохуну мӯйҳои ӯро ба ҳино ранг мекунанд:

Имшаб ҳино мебандем, ба дасту по мебандем,

Агар ҳино набошад, тавқи тило мебандем[46, с.135-136].

Дар сурудҳои зиёде домод ситоиш карда мешавад. Ӯро шоҳ ва ҷои нишасташро тахт меноманд:

Шера домод ту даромад, тоҷи шоҳӣ бар сараш,

Ки бигардад даври тоҷаш хоҳари кӯчактараш.

***

Беди боло беди поин, беди боло беҳтар аст,

Шера домод зераш нишаста аз калонтар беҳтар аст[46, с.132].

Дугонаҳои арӯс ӯро ситоиш мекунанд ва шоҳдухтар меноманд:

Ту духтари фулон хонӣ, ту тилои беғашӣ,

Мулки Шероз пешкашат, фулон хон, ки нозкашат[46, с.138].

Барои бурдани арӯс дӯстону хешовандони домод бо дастовезҳо ба деҳаи арӯс меоянд ва суруд мехонанд:

Омадем, мо бибарем, мо гули сафеди пунбаро,

Мӯниси дили нанаву шабчароғи хиҷларо[46,с.141].

Ҳангоми бурдани арӯс ӯ аввал саркашӣ карда, ба тарки хонаи падарӣ розӣ намешавад, вале ӯро маҷбурӣ ба рафтан водор мекунанд:

«Гул, вохез, чодар ба сар кун, ҳоло вақти рафтан аст».

«Ман намерам, ман намерам, хонаи бобом беҳтар аст,

Нони бобом мехӯрам, сояи коком мешинам,

Хонаи бобом нону писта, хонаи шавҳарам нону ғусса» [46, с.143].

Арӯсро бо шукӯҳу тантанаи зиёд ба асп савор карда, бо рақсу суруд ба хонаи домод мебаранд:

Бибӣ арӯс, хонум арӯс духтари фалон хон, о

Духтари фалон хон шуд савори аспи тило[46, с.144].

Дар сурудҳо ҳамчунин муносибатҳои маҳрамонаи домоду арӯс дар шаби арӯсӣ тасвир шудааст:

Остони лоҷувардӣ доирабозӣ мекунад,

Шера домод бо хонумарӯс бӯсабозӣ мекунад[46, с.146].

Муносибати хубу муомилоти хуши заношӯии арӯсу домод дар як идда аз сурудҳо тасвир шудааст:

Хонумарӯс, ҷонам арӯс ту азизи хунамӣ,

Сари синат гул бирезам, як бута роҷунае.

***

Шерадомод рафта шикор, ин шикори ҳафташ аст,

Бибӣ арӯс ҷо биёндоз, шера домод хаста аст[46, с.151-152].

Чунонки зикр шуд, сурудҳои базми арӯсиро В.А. Жуковский асосан дар Шероз сабт намудааст. Дар ин бахш банудрат сурудҳое ба назар мерасанд, ки аз забони сокинони яҳудии Теҳрон китобат шудаанд:

Хошам ба ту бошад бовар,

Ки ту бошӣ сару сарвар.

Бубинад хайри ту модар

Миёни ҷамъи Исроил.

***

Шудӣ домод, муборак бо!

Худо пушту паноҳат бо!

Бимонӣ солҳои бисёр миёни қавми Исроил![46, с.134]

Сурудҳои арӯсӣ хушоҳангу фараҳафзо буда, лаҳзаҳои тарабангези зиндагии мардуми Эронро ба ҷилва меоранд.

Бахши сеюми «Намунаҳо» сурудҳои лолоии мардуми Эронро дар бар мегирад. Дар пешгуфтори мухтасари ин бахш В.А. Жуковский ба маънои луғавии калимаи лолоӣ ишора намуда, онро муродифи «баю-бай»-и русӣ медонад, ки ҳангоми хобонидани тифл занҳо ба забон меоранд. Сипас дар бораи тарзи иҷрои сурудҳои лолоӣ таваққуф намуда, аввал аз навҳаи насрӣ шуруъ шудан ва тадриҷан ба байтҳои мавзун гузаштанро нишон медиҳад. Баъзан оҳанги мусиқӣ доштани ин сурудҳо таъкид мешавад. Барои маълумоти бештар муаллиф ба хонандагон мақолаашро, ки таҳти унвони «Сурудҳои лолойӣва навҳасароии мардуми бумӣ ва кӯчии Форс», ки дар маҷаллаи Вазорати маорифи халқ чоп шудааст, тавсия менамояд.

Бахши сеюм бо лолоии зер шуруъ мешавад, ки соли 1886 дар Шероз сабт шудааст:

Нана, лолот бикунам шабҳои зимистон,

Нана, лолот бикунам чи булбул дар гулистон.

Нана, лоло, рудам лоло, ҷонам лоло![46, с.156]

Дар сурудҳои лолоӣ беш аз ҳама орзуи сиҳҳату солим ба воя расидани тифл ифода меёбад:

Лоло-лоло, гулам бошӣ,
Бимонӣ, мӯнисам бошӣ.

***

Лоло-лоло, гули насронӣ,
Илоҳо, ҳамеша зинда бошӣ[46, с.157].

Модар дар лолоии худ ба фарзандаш бахту саодат орзу мекунад ва аз фалак мадад мечӯяд:

Нана, лолойи ту бошад, гул ба балои ту бошад,
Шамсу фалаку се ситора ҳамроҳи ту бошад.
Рудам лоло, ҷонам, лоло, азизи дилам, лоло![ 46,с.158]

Модар умед дорад, ки фарзандаш дар ҳангоми пирӣ мададгори ӯ хоҳад шуд:

Лолоият мекунам, хобат намеёд,
Бузургат мекунам, ёдат намеёд [46, с.162].

Дар сурудҳои лолоӣ занҳо ба дарду мушкилоти зиндагии худ ишора мекунанд. Аз ҷумла, дар сурудҳои зер зан аз фироқи шавҳараш ёд мекунад:

Лоло-лоло гули гирду,
Бобот рафта туи урду.
Лоло-лоло гули писта,
Бобот рафта сари қисса.
Лоло-лоло гули финдуқ,
Бобот рафта сари сандуқ[46, с.164].

***

Шабо номад, ки ёрам бознаёмад,
Нишастам то саҳар, хобам наёмад[46, с.165].

Аз суруде, ки соли 1886 дар Шероз сабт шудааст, зан ғуссаашро аз фавти шавҳар баён мекунад:

Гуле аз даст бирафту хор мондаст,
Ба ман ҷабру ҷафои ёр мондаст.

Ба дастам монда тифли ширхоре,

Маро ин ёдгори ёр мондаст [46, с.169].

Дар чанд суруди лолойӣ лаҳзаҳои ишқварзиву саргузашти занҳо тасвир шудааст. Аз суруди зер бармеояд, ки занро дуздон ба Ҳиндустон бурда, ба шавҳар додаанд ва ӯ бо шахсе ба модараш паём мерасонад:

Лоло-лоло, Бобо Мансун,

Дуо ба модарам бирасун.

Талаб кардам ман як нуне,

Ту даст кардӣ ба як ҷӯе.

Сабад додӣ зи об рафтам,

Сари ҷӯе зи хоб рафтам.

Дуто турки ба Туркистон

Моро бурданд ба Ҳиндустон,

Шавҳар доданд ба даҳ ҷозе,

Гузар кардам бо сад нозе[46, с.169-170].

Дар 38 суруди лолоӣ, ки В.А. Жуковский дар Шероз, Теҳрон, Исфаҳон, Бушаҳр, Сиванд сабт кардааст, орзуву умедва лаҳзаҳои ҳассоси зиндагии занони эронӣ бозтоб ёфтааст.

Дар бахши чаҳоруми «Намунаҳо» чистонҳо ҷой дода шудаанд. Тавре ки дар пешгуфтори хеле мухтасари бахш В.А. Жуковский қайд кардааст, чистон шакли маъмул дар забони адабӣ буда, дар гӯйишҳои ҷанубии Форс «вогӯшак» ва «верверонак» номида мешудааст. Ҳамаи 95 чистони ин бахш дар Шероз ва деҳаи Сиванд асосан аз забони занҳо сабт шудаанд.

Чистонҳо дорои мавзуъ ва масъалаҳои гуногун буда, ба ашёи мухталифи рӯзгор ва унсурҳои гуногуни табиат бахшида шудаанд. Аксари чистонҳо хеле кӯтоҳу ихчам мебошанд:

Меравад, охир бармегардад.

***

То нарезӣ, ғунд накунӣ.

***

Мехӯраду мерезаду мегардад.

***

Ҳар чи мехӯрад, сер намешавад.

***

Сар дорад, ҷон надорад [46, с.176-190].

Тавре ки В.А. Жуковский ишора мекунад, шакли чистонҳо гуногун буда, ба тарзи насри одӣ, насри мусаҷҷаъ ва назм ифода шудаанд.

Чистонҳои зерин насри одианд:

Чаҳорто коко ақиби ҳамдигар меравандˆ[46, с.176].

То туяш накунӣ, хобаш намеояд [46, с.176].

Як мор ту дуто сулола(сӯрох) сар мекунад[46, с.176].

То турш накунӣ, туяш намеояд [46, с.177].

Ту намехӯрӣ ӯро, ӯ туро мехӯрад [46, с.179].

Паси дарича яке мегӯяд ҳу [46, с.178].

Сандуқдори хонаи Худо [46, с.182].

Осмони кӯча барф мерезад [56, с.180].

Дар чистонҳои зер саҷъ истифода шудааст:

Дукони аввалӣ тофтафурӯшӣ, дукони дувумӣ ордфурӯшӣ, дукони севумӣ ҳимафурӯшӣ [46, с.177].

Тар меояд, хушк дармеояд [46, с.180].

Мехӯраду мерезаду мегардад [46, с.180].

Сар дорад, ҷон надорад [46, с.189].

Сандуқе ҳаст дарбаста, пур аз хонум рӯбаста [46, с.191].

То шаб наравад, рӯз ба ҷое нарасад [46, с.191].

Чистонҳои манзум:

Аҷаб санъате дидам дар ин дашт,

Ба ҷон чаҳор, ба тан панҷ, ба по ҳашт [46, с.175].

***

Долони дарозу тангу торик,

Оқо хобида дарозу борик [46, с.189].

***

Ёқуту бурҷи зарнигор аст,

Рӯ карда зумурради савор аст.
Эй луъбатаки чунин мушавваш
Мурғи саҳар дар интизор аст [46, с.192].

Дар охир В.А. Жуковский ҷавоби чистонҳоро ба форсӣ ва русӣ сабт кардааст.

Бахши панҷуми «Намунаҳо» сурудҳои гуногунро дар бар мегирад. Аксари сурудҳои ин бахш ба мавзуъҳои ошиқона бахшида шудаанд. Дар як гурӯҳ рубоиву дубайтиҳо зебоии маъшуқу ишқи пурсӯзу самимии ошиқ, шодиву тараби васлу ғаму дарди ҷудоӣ ва амсоли инҳо баён шудаанд.

Ошиқ ба ду дилбар дил бастааст, ки ҳар ду зебову дилкашанд:

Дуто ёре гирифтам ногаҳонӣ,
Яке раштӣ, яке мозандаронӣ.
Ма қурбони сари раштӣ бигардам,
Дилу дас(т) мебарад мозандаронӣ[46, с.235].

Васл ба ошиқ ба осонӣ муяссар мегардад:

Он шаб, ки борун омад,
Ёрам лаби бун омад.
Рафтам лабаш бибӯсам,
Нозук буду хун омад[46, с.237].

Ошиқи дигар аз фироқу бевафоии маъшуқ шикоят менамояд:

Баландболо, надидам коме аз ту,
Кашидам солҳо бадномӣ аз ту.
Кашидам солҳо дар кунҷи хона,
Наёмад бевафо пайғоме аз ту[46, с.232].

Дар чанд суруд воқеаҳои сиёсиву иҷтимоӣ тасвир шудаанд. Аз ҷумла, ба воқеаи кушта шудани Носириддиншоҳ аз ҷониби Ризо Кирмонӣ дар се суруд батафсил сухан рафтааст. Дар он сурудҳо Носириддиншоҳ тавсиф шуда, Ризои Кирмонӣ мазаммат мегардад. Суруде, ки бо матлаи зер оғоз меёбад, аз 50 байт иборат буда, аз забони зани кошонӣ гуфта шудааст:

Нависам яке нома бо дарду ғам,
Ки ҳам нома гирён шавад, ҳам қалам [46, с.256].

Сурудҳои мазкур илова бар арзиши баланди бадеӣ аҳаммияти таърихӣ низ доранд ва барои арзёбии вазъи сиёсии Эрон дар он даврон низ муҳим мебошанд.

Бахши шашуми «Намунаҳо» номгӯи калимаҳоеро, ки хоси гӯйишҳои эронӣ буда, аксари онҳо дар фарҳангҳо сабт нашудаанд, дар бар мегирад. Дарвоқеъ вожаву ибораҳои «о» (кӯтоҳшудаи оғо), «по шудан» (бархостан), «талхак» (зебо дар гӯйиши шерозӣ), «тия» (чашм), «хушгил» (зебо), «доӣ» (модар), «топӣ» (сабзӣ), «ғурӣ» (чойник), «қуруша» (сабӯс), «қашанг» (зебо), «горӣ» (ароба), «миса» (зарфи мисӣ), «воса» (барои), «вил» (гул) ва амсоли онҳо танҳо хоси гӯйишҳои шаҳру ноҳияҳои Эрон мебошанд ва дар забони адабии форсӣ ва гӯйишҳои дигари забонҳои эронӣ маъмул нестанд.

Тавре ки А.А. Ромаскевич дуруст таъкид кардааст, «Намунаҳои осори мардумии форс» «аввалин кӯшиши ба таври муназзам ҷамъ овардан ва баррасӣ намудани осори мардумии Форс на танҳо чун маводи ёрирасон барои ҳалли ин ё он масоили забоншиносии филологияи Эрон, балки ҳамчун осори каломи форсӣ, ки дар он хусусиятҳои хоси рӯзгор ва афкори халқи форс, хусусиятҳое, ки дар осори бадеии Форс ҷустани онҳо беҳуда аст, бозтоб ёфтааст» [87, с.415].

Намунаҳои ҷамъовардаи В.А. Жуковский ганҷинаи пурбаҳо буда, арзиши баланди бадеъӣ дошта, завқу дарки амиқи зебошинохтии мардуми Эронро нишон медиҳанд. Ҳамчунин онҳо дорои арзиши зиёди забоншиносӣ ва мардумшиносӣ мебошанд. Тавассути ин намунаҳо метавон бо расму оинҳои зиёди мардуми Эрон шинос шуд. Ба аҳаммияти калони намунаҳои мазкур дар омӯзиши фолклори мардуми Эрон А.А. Ромаскевич ишора намуда, таъкид мекунад, ки В.А. Жуковский «аввалин шуда ба ин соҳаи каломи мардумии форсӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, муроқиби сарнавишти он буд» [87,с.419].

Ба осори фолклоршиносии В.А. Жуковский донишмандони зиёде баҳои баланд додаанд. Академик С.Ф. Олденбург хидматҳои ӯро ёдовар шуда, таъкид менамояд, ки «бар таърихи омӯзиши Форс, ки вай (В.А. Жуковский) умри худро бахшидааст, номи ӯ ҳамеша ҷойгоҳи шоиставу

намоёнро ишғол менамояд; аз осори ӯ мутахассисон ба муддати тӯлонӣ истифода хоҳанд кард, аз китобҳои ӯ пайравонаш таълим хоҳанд гирифт» [82, с.2068].

Хидмати В.А. Жуковский дар ҷамъоварӣ ва таҳқиқи осори шифоҳии мардуми Эрон дар воқеъ хеле бузург аст. Вале ӯ орзу дошт, ки дар ин росто корҳои бештар анҷом диҳад. Дар ин бора академик Бартолд навиштааст: «Арзиши илмии ин корҳо ва ба хусус маҷмуаи «Намунаҳои осори мардумии форсӣ», ки В.А. Жуковский дар соли 1902 ба табъ расондааст ва дар асоси тақризи С.Ф. Олденбург бо медали тиллои Анҷумани Ҷуғрофии Рус тақдир шудааст, дар суханронии ҷудогона арзёбӣ хоҳад шуд. Дар ин маврид ҳам В.А. Жуковский натавонист ҳамаи он чиро ба нақша гирифта буд, иҷро намояд; аз ҷумла маҷмуаи сурудҳои форсиро аз бойгонии Н.В. Хаников, ки дар Китобхонаи оммавӣ нигаҳдорӣ мешавад ва ӯ мехост чоп кунад, рӯйи нашрро надид» [10, с.409-410].

Бо вуҷуди ин, асарҳои ба осори шифоҳии мардуми Эрон бахшидаи В.А. Жуковский дар таърихи эроншиносии рус ва олам ҷойгоҳу арзиши баланди илмии худро нигоҳ медоранд.

## 3.1. Масъалаҳои адабиёт дар пажуҳишҳои таърихшиносии В.А. Жуковский

Тавре ки зикр шуд, фаъолияти илмии В.А. Жуковский ҳанӯз дар замони донишҷӯияш бо таҳқиқи сарчашмаи таърихии солномаи нависандаи турки усмонӣ Алӣ-афандӣ «Куюнглу-л-ахбор»шуруъ шудааст, ки он ҳам сазовори медали тилло гаштааст.

Бояд гуфт, ки омӯзиши шаҳрҳои Осиёи Миёна баъди пайвастани губернияи Туркистон ба Русия оғоз шуд. Роҳбарии ин корро созмони илмии марказӣ -Комиссияи бостоншиносии назди Ҷамъияти бостоншиносии Русия ба уҳда гирифт. Соли 1867 бо супориши ин ташкилот П.И. Лерх ба шаҳрҳои «биёбоншуда» ва «мавҷуда»-и ҳавзаи Сирдарё, хусусан, Хаҷанд ва Уротеппа сафар кард. Соли 1885 Н. И. Веселовский ба омӯзиши водиҳои Зарафшон ва Фарғона бо дастури ҳамин ҷамъият сафарбар шуд. Ӯ шаҳри Оқсу (дар Фарғона) дар минтақаи «Афросиёб» (дар наздикии Самарқанд) ба ҳафриёт пардохт. Ӯ нахустин шуда тарҳи топографии шаҳраки Афросиёбро таҳия кард.

Ҳамин гуна сафари илмиро соли 1890 В.А. Жуковский бо супориши Комиссияи бостоншиносии Анҷумани бостоншиносии Русия дар ҳайати бостоншиносон ба шаҳри Марв анҷом дод, то ки ин маҳалро омӯхта, ёдгориҳои бостонии он ҷойро аксбардорӣ намояд ва ба таҳқиқи ҳарҷонибаи он пардозад. Сафари ӯ се моҳро дарбар мегирифт.

Анҷумани бостоншиносии Русия ба Жуковский, супориш дод, ки таваҷҷуҳи худро, пеш аз ҳама, ба таҳқиқи дақиқи харобаҳои маҳаллӣ ва навоҳии наздиктарин ба онҳо, хусусан, ду соҳили Мурғоб тамаркуз диҳад. Илова ба ин, Комиссияи бостоншиносӣ аз В.А. Жуковский дархост кард, ки дар сурати имкон ҳамаи тарҳҳо осори куҳанро, ки ба илми бостоншиносӣ робита дошта бошад, хусусан, нақшу нигораҳои меъмориро аксбардорӣ намояд, то низоми ботартиби дар ҳавзаи омӯзиши илми бостоншиносии минтақа фароҳам ояд. Баъди баргаштан, 28 ноябри соли 1890 Жуковский дар ҷаласаи Шуъбаи шарқии ҷамъияти бостоншиносии

Руссия дар бораи корҳои гузаронидашуда дар ин минтақа гузориш дод. Натиҷаҳои семоҳаи сафар ва бозёфтҳои илмии ӯ дар асари маъруфаш «Осори қадими кишвари соҳили Каспий. Харобаҳои Марв» ҷамъбаст мешаванд.

В.А. Жуковский пеш аз ҳама ба омӯхтани таърихи Марв дар асоси сарчашмаҳомашғул шуда, корҳои омодагӣ ба ҳафриёти бостоншиносиро анҷом медиҳад. Дар бахши аввали асар таърихи Марв аз замонҳои қадим баррасӣ мешавад. Муаллиф аз сарчашмаҳои зиёди таърихиву адабӣ аз «Авесто» шуруъ намуда, то солномаҳои асрҳои охир маводи фаровоне ҷамъ меоварад. Ӯ махсусан, аз нусхаҳои хаттии осори Ибни Хурдодбеҳ, Яъқубӣ, Ибни Фақеҳ, Истахрӣ, Аҳмади Тӯсӣ, Ибни Ҳавқал, Муқаддасӣ, Ёқут, Закариёи Қазвинӣ, Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ, Ҳофизи Абрӯ, Абдурраззоқи Самарқандӣ, Исфизорӣ, Ҳоҷӣ Халифа, Муҳаммад Миралии Бухороӣ ва дигарон, ки дар китобхонаҳои Санкт-Петербург маҳфузанд, самаранок истифода кардааст.

Дар бахши дувуми асари мазкур «Харобаҳои Марви куҳан» В.А. Жуковский ёдгориҳои боқимондаи ин шаҳрро тасвир намудааст. Ӯ бо далелҳои фаровон аҳаммияти таърихиву фарҳангии Марвро дар аҳди бостон ба қалам дода, таваҷҷуҳи аҳли илмро ба таҳқиқи осори бостонии шаҳрҳои куҳан ҷалб менамояд.

Ба асари В.А. Жуковский муҳаққиқон баҳои хеле баланд дода, онро беҳтарин таҳқиқот роҷеъ ба шаҳрҳои Осиёи Миёна медонанд. Донишмандоне чун В.Г. Тизенгаузен, В.В. Бартолд, И.А. Харузин, С.Ф. Олденбург ва дигарон аҳаммияти махсусии асари мазкурро таъкид кардаанд. Тавре ки академик В.В. Бартолд менависад: «Дар бораи ягон шаҳри эронӣ чунин асари барҷаста нест, ки дар он ахбори нусхаҳои хаттӣ дар бораи гузашта ва осори боқимонда дар рӯйи замин аз ин осори гузашта таҳқиқ шуда бошад» [8, с.120].

В.В. Бартолд дар зимни баррасии сарчашмаҳо осори таҳқиқотии давраи истилои муғулҳо низ ба асари мазкур баҳои баланд дода, онро намунаи ибрат барои муҳаққиқони дигар медонад: «Аз рисолаҳои ашхос

танҳо як асари профессор В.А. Жуковский дар бораи Марв талаботи илми муосирро қонеъ месозад, хуб мешуд, ки мисли ин асар таърих ва осори қадими шаҳрҳои калони Осиёи Миёна, бахусус, Бухоро, Самарқанд, Балх таҳқиқ мегардиданд» [11, с.113].

Аз сарчашмаҳои таърихӣ самаранок истифода кардани В.А. Жуковскийро дар асари мазкур академик С.Ф. Олденбург ва дигар донишмандони маъруф низ таъкид намудаанд. Аз ҷумла, ховаршиноси маъруф В.Г. Тизенгаузен ба ин ҷанбаи таҳқиқоти В.А. Жуковский баҳои баланд дода, навиштааст: «Таърихи Марви мусулмониро муаллиф на танҳо дар асоси осори қаблан чопшудаи Ибни Асир, Мирхонд ва Хондамир, балки маълумоти аз нусхаҳои қадимии форсии Исфизорӣ, Ҳофизи Абрӯ, Абдурраззоқи Самарқандӣ, Ҳофизи Таниш, Амин Аҳмади Розӣ, Искандари Муншӣ Абдулкарим, Муҳаммад Миралии Бухороӣ ва дигарон гирифтааст» [81, с.186].

Аз ин ҷост, ки асари «Осори қадими кишвари соҳили Каспий. Харобаҳои Марви куҳан» ҳамчун беҳтарин таҳқиқоти илмӣ дар бораи шаҳрҳои Осиёи Миёна бо медали тиллои Анҷумани бостоншиносии Русия сазовор гардид.

Асари мазкур ва осори дигари ба таъриху бостоншиносӣ бахшидаи В.А. Жуковский илова бар аҳаммияти калони таърихӣ дорои арзиши баланди адабиву фарҳангӣ низ мебошанд. Аввалан ӯ аз сарчашмаҳои адабӣ чун «Авесто» ва осори адибони асрҳои гунонгун истифода кардааст. Сониян дар асар баробари нишон додани таърихи Марв ба ҳодисаҳои фарҳангиву адабии он низ ишораҳои зиёд кардааст. Баъзе мушоҳидаву мулоҳизаҳои В.А. Жуковский барои равшан намудани масъалаҳои адабиёти форсӣ аҳаммияти калон доранд. Аз ҷумла, ӯ дар бораи таърихи бостонии Марв сухан ронда, яке аз марказҳои муҳимми адабиёту фарҳанги халқҳои эронӣ будани онро таъкид менамояд: «бо номи Марв ҳолати дар назар арзиши хос надошта, дар ҳаёти маънавии Форс, вале дорои аҳаммияти дараҷаи аввал вобаста аст: дар Марв аз даҳони марвӣ бори аввал пас аз танаффуси тӯлонӣ, ки бар асари истилои арабҳо ба вуҷуд

омад, шеъри форсӣ садо дод, ин аз эҳёи адабиёти форсӣ мужда медод» [35, с.10].

Ин ишораи В.А. Жуковский барои омӯхтани таърихи шеъри форсӣ хеле арзишманд аст. Бинобар ин,таҳқиқи масъалаҳои фарҳангиву адабӣ дар осори таърихшиносии ӯ хеле муҳим буда, метавонад дар ҳалли масъалаҳои зиёд мусоидат намояд. Аз ин рӯ, ба ин масъала таваҷҷуҳи хос зоҳир мегардад.

Тавре зикр шуд, баҳори соли 1890 бо супориши Комиссияи бостоншиносии Академияи илмҳои Русия В.А. Жуковский ба таҳқиқи бостоншиносии кишвари соҳили Каспий сафарбар мегардад. Ба ӯ вазифаи баррасии амиқи харобаҳои Марви куҳан вогузор мешавад. В.А. Жуковский, ки то ин вақт ба кори бостншиносӣ машғул нашуда буд, бо мадади ҳамкорону дӯстон ба иҷрои вазифа шуруъ менамояд ва моҳҳои июн, июл ва август соли 1890 ба таҳқиқи харобаҳои Марв мепардозад.

Қабл аз он ки ба таҳқиқи харобаҳо шуруъ кунад, ӯ тасмим мегирад, ки аввал дар бораи ин шаҳри бостонӣ маълумот ба даст оварад. Бинобар ин,ба ҷустуҷӯ ва омӯхтани сарчашмаҳои таърихӣ мепардозад. Зеро ӯ тасаввур мекард, ки замоне дар ҷойи ин харобазори кунунӣ «ҳаёти пурҷӯши сиёсиву тиҷоратӣ ҷорӣ буд, ба ҷойи қалъаҳои хомӯши кунунӣ, хишттӯдаҳо, пойдевору сутуни иморатҳо шаҳру деҳоти пуродаму шукуфон доман паҳн карда буданд» [35, с.1].

В.А. Жуковский аз захираҳои китобхонаҳои оммавии Петербург, Музейи Осиёи АИ Русия, Донишгоҳи Петербург сарчашмаҳои зиёдеро дар бораи таърихи Марв пайдо менамояд. Вале, мутаассифона, як силсила таърихномаҳо, ки бевосита ба Марв бахшида шудаанд, ба ӯ дастрас намегарданд.

Асари В.А. Жуковский бо зикри таърихи Марв аз замонҳои бостон шуруъ мешавад. Муаллиф қайд мекунад, ки қадимтарин сарчашма дар бораи Марв китоби муқаддаси Авесто мебошад, ки дар он ба Марв ҳамчун маҳалли зисти хушобу ҳаво ва муқаддаси Ҳурмуз ишора шудааст.

Ҳамчунин дар катибаҳои Бесутуну Доро ишораҳо ба ин сарзамини паҳновар ба назар мерасад.

Дар бораи сарзамини Марв таърихномаҳои Риму Юнони қадим низ маълумот додаанд. Масалан, донишманди юнонӣ Страбон Марвро сарзамини паҳновари ҳосилхезе дар байни биёбон донистааст. Таърихшиносону ҷуғрофиядонони бостон махсусан, ангурҳои он ҷойро ситоиш кардаанд.

Марв дар аҳди бостон яке аз маҳалҳои муҳимме будааст, ки шоҳроҳи абрешим аз Чин аз он ҷо мегузаштааст, ки дар ин бора таърихномаҳои чинӣ маълумот додаанд.

Фоҷиаи сарнагун шудани давлати Сосониён низ маҳз дар Марв ба вуқуъ пайвастааст. Охирин шоҳи сосонӣ Яздигурди III пас аз шикаст хӯрдан дар муҳориба бо арабҳо ба Марв мегурезад ва дар осиёбе пинҳон мешавад ва оқибат аз тарафи он осиёбон кушта мегардад.

Пас аз истилои арабҳо Марв ба як ҷузъи хилофат ва ҳатто пойгоҳи он дар Хуросон табдил меёбад. Исёнгари маъруф Абумуслими Хуросонӣ низ фаъолияти сиёсии худро дар Марв шуруъ намуда, ба ҳукумат мерасад.

Писари Ҳорунаррашид Маъмун сарлашкари вафодори худ Тоҳир ибни Ҳусейнро ҳокими Хуросон таъйин менамояд. Дар аҳди Тоҳириён ҳарчанд пойтахт ба Нишопур мекӯчад, вале Марв ҳанӯз аз марказҳои муҳимми иқтисодиву фарҳангӣ ба шумор мерафт. Тавре зикр шуд, В.А. Жуковский ба як падидаи муҳимми адабии ин давра, ки ба Марв марбут аст, ишора менамояд, ки ин «бори аввал аз даҳони марвӣ» садо додани шеъри форсист, ки дар ин бора дар фасли ҷудогона баҳс хоҳад шуд.

Пас аз Тоҳириён сарзамини Хуросон дар қаламрави давлатҳои Саффориён, Сомониён, Ғазнавиён ва Салҷуқиён қарор мегирад.

Дар бораи вазъи Марв дар асрҳои миёна дар сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла асарҳои сайёҳону ҷуғрофиядонони араб маълумоти зиёд дода шудааст, ки чанде аз онҳоро В.А. Жуковский мавриди баррасӣ қарор додааст. Зимнан дар он маълумот ба масоили фарҳангӣ низ ишораҳои зиёд шудааст.

Ибни Хурдодбеҳ зебоиҳои шаҳри Марвро тасвир намуда, дар бораи дар сари роҳи Бағдод қарор доштани он, масофаашро бо шаҳрҳои дигар, пешрафтҳои иқтисодиву дороии шаҳр маълумоти дақиқ додааст. Яъқубӣ дар китоби «Масолик-ул-мамолик» Марвро бузургтарин шаҳри Хуросон дониста, дар бораи аҳолии он маълумот медиҳад ва таъкид мекунад, ки дар ин шаҳр асосан деҳқонони форс ва намояндагони баъзе қабилаҳои араб зиндагӣ мекунанд.

Ибни Фақеҳ дар бораи бунёди шаҳри Марв аз ҷониби Искандари Зулқарнайн ва қалъаи он аз тарафи Таҳмурас ривоятҳо оварда, бо харбузаву оби сард ва пахтаи маҳиннах машҳур будани шаҳрро таъкид кардааст.

Дар асари Истахрӣ роҷеъ ба масҷиду бозорҳои Марв, рӯдхонаву дарвозаҳои шаҳр ва дигар сарватҳои он маълумот дода шудааст. Истахрӣ ҳамчунин таъкид кардааст, ки Марв илова бар сарватҳои табиӣ дорои донишмандону суханварони маъруф, сарлашкарону вазирони машҳур ҳам будааст. Мардуми шаҳр бо саводнокиву истеъдоди худшуҳрат доштанд. Табиби машҳур Бария, муғаннии номӣ Борбад аз ҳамин шаҳр сабзидаанд.

В.А. Жуковский зимнан дар бораи баъзе сарчашмаҳои ба забони форсӣ навишта шуда низ маълумот медиҳад. Аз ҷумла, ӯ маълумоти дар бораи Марв додаи китоби «Ҳудуд-ул-олам»-ро нақл менамояд, ки дар он шаҳр чунин тасвир шудааст: «Марв шаҳри бузург аст ва андар қадим нишасти мири Хуросон он ҷо будӣ ва акнун ба Бухоро нишинанд ва ҷое бонеъмат аст ва хуррам ва ӯро куҳандиз аст ва онро Таҳмурас кардааст. Ва андар вай кушкҳои бисёр аст ва он ҷойи хусравон будааст. Ва андар ҳама Хуросон шаҳре нест аз ниҳоди бозори вай некӯ ва хироҷашон бар об аст. Ва аз вай пунбаи нек, уштурғоз ва фалота ва сирка ва обкома ва ҷомаҳои қазин ва мулҳам хезад…» [35,с.21].

Ба ин минвол, В.А. Жуковский маълумоти сайёҳону ҷуғрофиядонони араб Ибни Ҳавқал ва Муқаддасиро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Махсусан, маълумоти Муқаддасӣ хеле муфассал буда, вазъи Марвро дар он замон ба таври дақиқ нишон медиҳад. Муқаддасӣ дар баробари шаҳри

зебову шукуфон, дорои мардуми наҷибу фақеҳони доно, масҷиду бозорҳо, ҳаммомҳои калон будан, ба доштани пунба, меваҳои гуногун мисли ангуру харбуза, асал, ғизои ҳариса ва ғайра ишора менамояд.

Дар аҳди салтанати Салҷуқиён Марв аз нав рӯ ба рушд мениҳад ва пойтахти ин давлат мегардад. Махсусан, дар замони ҳукмронии Султон Санҷар Марв ба шаҳри шукуфону пешрафта табдил меёбад. Санҷар сарватҳоеро, ки аз тасарруфи кишварҳои дигар, бахусус, сарзамини Ғазнавиён ба даст оварда буд, барои ободонии Марв сарф менамояд. Вале дере нагузашта ба Марв ғузҳо ҳамла мекунанд ва ҳамаи сарватҳои ҷамъовардаи Санҷарро ба ғорат мебаранд. Ҳамлаи ғоратгаронаи ғузҳоро муаррих Ҳофизи Абрӯ ба қалам дода, навиштааст, ки ғузҳо ҳатто мардумро дучори шиканҷаи сахт намуда, сарватҳои пинҳонкардаи онҳоро ҳам тасарруф кардаанд.

Пас аз шикасти Салҷуқиён Марв ба тобеияти Хоразмшоҳиён мегузарад. Роҷеъ ба вазъи Марв дар аҳди Хоразмшоҳиён дар «Аҷоиб-ул-махлуқот»-и Аҳмади Тӯсӣ ва «Муъҷам-ул-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ маълумот дода шудааст. Аҳмади Тӯсӣ аҳолии Марвро «мардуми покдин» ва «аҳли дин» номида таъкид мекунад, ки «шаҳри Марвро қуббаи ислом хонанд дар вилояти Хуросон» [35, с.32].

Дар бораи Марв маълумоти Ёқути Ҳамавӣ низ хеле муфассал ва ҷолиб аст. Ӯ аз ҷумла ба ҳаёти фарҳангии шаҳр таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аз ҷумла ишора мекунад, ки «ягон шаҳр наметавонад бо пайдоиши миқдори зиёди донишмандону ҳар навъ одамони машҳуру муҳим фахр кунад» [35,с.34]. Дар бораи китобхонаҳои бузурги ин шаҳр, ки худи ӯ дар онҳо кор карда асарашро таълиф кардааст, батафсил нақл менамояд. Аз ҷумла ӯ менависад: «Марв ҳангоми рафтани ман даҳ китобхонаи вақф дошт, ки нисбат ба китобхонаҳои дигар осори баргузида ва ғанӣ буд. Ман ду захираи китобҳоро, ки ба масҷиди ҷомеъ тааллуқ дошт, зикр менамоям: яке «Азизия» ном дошт, ки ба номи бунёдгузори он Азизуддин Абубакр Отик ал-Занҷонӣ (Райҳонӣ) ё Отик ибни Абубакр гузошта шудааст, ки дастархондори султон Санҷар будааст. Ин шахс, ки аз фурӯши меваҳо ва

гиёҳҳои хушбӯй дар бозор шуруъ карда буд, ба дараҷаи дастархончии аввали султон расида, дар дарбор соҳиби иззату икром шуд. Ин китобхона тақрибан дувоздаҳ ҳазор ҷилд китоб дошт. Дигаре «Камолия» буд, ки пайдоиши ин ном ба ман маълум нест. Китобхонаи Шарафулмулк, Муставфӣ Абусаид Муҳаммад ибни Мансур дар мадрасаи ӯ; ин Муставфӣ дар соли 1100 даргузашт ва аз аҳли мазҳаби ҳанифӣ буд. Китобхонаи Низомулмулк ал-Ҳасан ибни Исҳоқ дар мадрасае, ки ӯ сохта буд. Ду китобхона ба хонаводаи Самъонӣ тааллуқ дошт. Китобхона дар мадраса бо унвони «Амидия» (Умария) Китобхонаи Маҷдулмулк яке аз вазирони замони баъд. Китобхонаи «Хотуния» (Хонумия) дар мадрасаи дорои ҳамин ном. Ниҳоят китобхонаи «Думайрия» дар яке аз дайрҳо, аз он ба осонӣ метавон китоб гирифт: дар хонаи ман аз он ҷо 200 ҷилд аз он ҳам бештар китоб буд бидуни замонате ба арзиши 200 динор. Дар ин китобхонаҳои гуногун ман тақрибан ҳамаи вақти худро мегузаронидам, дар ширинии ҷустуҷӯйҳо ватану хонаводаи худро фаромӯш мекардам: он ҷой ман қариб ҳамаи маводро барои мураттаб кардани ин китоб ва навиштаҳои дигари худ ҷамъ овардам…» [35, с.34-35].

Дар ибтидои асри XIII Марв низ мисли шаҳрҳои дигари Хуросон ба фоҷиаидаҳшатангез дучор шуд. Муғулҳо бо сардории писари Чингизхон Тулихон бо 80 ҳазор сипоҳӣ лашкар кашида, Марвро ба хок яксон карданд ва беш аз 700 ҳазор аҳолиро қир намуданд. «Зери зарбаи кӯчиёни ваҳшӣ Марв садсолаҳо нопадид гашт; ва бояд эътироф кард, ки ба вазниниву қуввати муғулҳо ба дараҷае таҳлукаи умумӣ қабл аз урдуҳои ваҳшӣ, ҳарисии шахсии мансабдорон, дасисаву кашмакашҳои гурӯҳҳо, адами якпорчагиву нақшаи ба таври ҷиддӣ андешидаи муҳофизат мусоидат намуданд» [ 35, с.48].

Ҳодисаи мазкурро Атомалики Ҷувайнӣ дар «Таърихи Ҷаҳонкушо» ба таври муфассал ва воқеӣ ба қалам додааст. В.Жуковский маълумоти Ҷувайниро нақл намуда, таъкид мекунад, ки «дар замони омадани муғулҳо Марв бузургтарин, ғанитарин, шукуфотарин шаҳр буд ва зарбае, ки ба он расид чунон вазнин буд, ки ба зудӣ наметавонист аз он раҳо шавад; эҳёи

Марв аз хокистару харобаҳо пас аз тақрибан 200 сол ба вуқуъ пайваст» [ 35, с.53].

Танҳо дар замони ҳукмронии писари Темур Шоҳрух, ки соли 1336 ҳокими Хуросон таъйин шуд, Марв аз нав эҳё гардид. Дар бораи эҳёву бозсозии шаҳр дар он замон Ҳофизи Абрӯ дар асари таърихиву ҷуғрофии худ хеле батафсил сухан рондааст. Тавре ӯ навиштааст: «Ҳоло ки таърихи ҳиҷрӣ ба ҳаштсаду бисту як расидааст, шаҳри Марв маъмур шудааст. Маъмурии он рӯй дар зиёдатӣ дорад. Боғоту бӯстони зиёд бунёд карданд ва масҷиду мадорис ва хавониқу работу ҳаммомот ва асвоқ ва баъзе нотамом расида ва баъзе мерасад» [35, с.68].

Ҳамин тариқ, В.А. Жуковский дар асоси маълумоти таърихномаҳо вазъи Марвро дар давраи ҳукмронии Шайбониҳову Сафавиҳо, Қоҷориҳову Манғитиҳо, ки борҳо ба тороҷу ғоратгариҳо дучор шуда, хароб мегардад ва ниҳоят ба сабаби вайрон шудани сарбанд ба хушксолӣ гирифтор шуда, ҷойи худро иваз мекунад, ба қалам додааст.

Қисмати дувуми китоб «Харобаҳои Марви куҳан» бо нақли маълумоти сайёҳони аврупоӣ дар бораи Марв шуруъ мешавад. Сайёҳони аврупоӣ Фрезер, Бернс, Аббота, Волф, Донован, А.Комаров ва дигарон, ки дар асри XIX аз харобаҳои Марви куҳан дидан кардаанд, дар бораи ёдгориҳои ин шаҳр маълумот додаанд. Сипас В.А. Жуковский ҳафриёту бозёфтҳои худро аз харобаҳо батафсил шарҳ дода, ҳар маҳаллу ёдгориро дар қиёс бо маълумоти сарчашмаҳо баррасӣ менамояд. Ӯ ҳамчунин ривоятҳоро, ки мардум дар бораи баъзе маҳалҳо бофтаанд, нақл мекунад. В.А. Жуковский ба катибаҳои гуногуни санги рӯи қабрҳо низ таваҷҷуҳ намуда, ҳатталимкон қисмате аз онҳоро мехонад, ки дар ин бора дар фасли оянда тавзеҳи бештар хоҳем дод.

Тавре ки мебинем, асари В.А. Жуковский «Осори қадими кишвари соҳили Каспий. Харобаҳои Марви куҳан» на танҳо таърихи шаҳрро аз замонҳои бостон то асри XIX дар бар мегирад, балки дар бораи фарҳанги бою бостонии ин шаҳр низ маълумоти фаровон медиҳад.

Дар номаҳои В.А. Жуковский, ки ҳанӯз ба табъ нарасидаанд ва пораҳое аз онҳо дар мақолаҳои гуногун нақл шудаанд, маълумоти зиёдеро дар бораи вазъи ҳаёти фарҳангии Эрон мисли ҳолати китобхонаҳо ва тарзи кори онҳо, китобфурӯшиву китобхонӣ дар Эрон пайдо кардан мумкин аст. Аз ҷумла, дар номаҳои худ ба устодаш Розен дар бораи сохта шудани китобхонаи бузург дар назди масҷиди Теҳрон аз ҳисоби маблағҳои сипаҳсолор Мирзо Ҳусейнхон, ки 8 ҳазор нусха китобро дар бар мегирифт, китобхонаи Санеъу-д-давла-ношири рӯзномаи «Эрон» муфассал нақл намудааст.

Номаҳои шогирдони В.А. Жуковский, ки дар Эрон зиндагӣ ва кор мекарданд, ба ӯ низ дар бораи вазъи китобфурӯшиву китобдорӣ дар он ҷо ва дигар масъалаҳои ҳаёти фарҳангии кишвар маълумот медиҳанд. Дар ин бора Ю.Е. Боршевский чунин изҳори ақида дорад: «номаҳои шогирдони Жуковский ҳамчунин маълумотро оид ба бозори китоб дар Эрон, дар бораи асарҳои оммавии адабӣ, тавсифи арбоби намоёни сиёсиву фарҳангии он замонро дарбар мегирад. Мавод роҷеъ ба матбуоти даврии Эрон, қайдҳо дар бораи лаҳҷаҳо, маълумот оид ба фирқаи дарвешон, асарҳои ҳаҷвии халқӣ, ки дар онҳо ҳокимони золим мавриди мазаммат қарор мегиранд, хеле мароқовар аст.

Номаҳои А.Р. Барановский, Г.Д. Батюшков, Д.Д. Беляев, Н.З. Бравин, М.М. Гирс, Н. Дубровин, А.Я. Миллер ва В.П. Никитин аҳаммияти бештар доранд» [35, с.27-28].

В.А. Жуковский дар ҷамъовариву омӯзиши нусхаҳои хаттии шарқӣ хидмати шоиста карда, сарчашмаҳои зиёдеро ба доираи таҳқиқ ворид намудааст. Дар ин бора адабиётшинос ва мунаққиди рус Б.В. Лунин баҳси батафсил намуда, саҳми калони В.А. Жуковскийро дар омӯзиши нусхаҳое, ки дар Санкт-Петербург ва китобхонаҳои Осиёи Миёна маҳфузанд, нишон додааст, ки аксари онҳо арзиши баланди фарҳангиву адабӣ доранд[81, с.121].

Дар асари муҳимми таърихшиносии В.А. Жуковский «Осори қадими кишвари соҳили Каспий. Харобаҳои Марви куҳан» чунонки зикр шуд,

маълумоти зиёде дар бораи падидаҳои адабии Марв дар давраҳои гуногуни таърихӣ мавҷуд аст. В.А. Жуковский дар зимни баррасии вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Марв дар ҳар давру замон ба ҳаёти адабии он низ ишораҳо кардааст, ки баъзе аз онҳо барои омӯхтани раванди адабӣ хеле муҳим мебошанд.

Яке аз муҳимтарин ишораҳои В.А. Жуковский, ки арзиши баланд дорад ва барои ҳалли як масъалаи баҳснок мадад мерасонад, масъалаи пайдоиши шеъри форсист. Дар ин мавзуъ асрҳост, ки баҳси доманадоре сурат гирифтааст, вале то ҳол ҳал нагардидааст. Дар сарчашмаҳо ва асарҳои таҳқиқотӣ дар ин бора андешаҳои мухталиф баён шудаанд.

Тавре ки аз сарчашмаҳо маълум мегардад, то истилои арабҳо дар Эронзамин чандин забон мисли забонҳои паҳлавӣ, суғдӣ, хоразмӣ, форсӣ, дарӣ, хузӣ ва ғайра вуҷуд доштанд. Илова ба он, лаҳҷаҳои зиёде низ амал мекарданд, ки аз баъзе аз онҳо осори адабӣ ҳам боқӣ мондаанд. Аз ҷумла, бо лаҳҷаи забони дарӣ «Суруди оташкадаи Каркӯй», шеъри Язид ибни Муфаррағ (Обасту набиз аст…), шеъри балхиён, ки ба шикасти лашкари Асад ибни Абдулло дар Хатлон бахшида шудааст (Аз Хуталон омадия…), шеъри Абулянбағӣ дар таассуф аз харобии Самарқанд (Самарқанди кандманд…) ва ғайра боқӣ мондаанд, ки ҳама дорои қофия ва вазни ҳиҷоӣ мебошанд. Ин ҳама далели он аст, ки дар давраи Сосониён ва аз он ҳам пештар ба забону лаҳҷаҳои форсӣ асарҳо офарида мешуданд.

Дар сарчашмаҳо дар бораи аввалин касе, ки ба форсӣ шеър гуфтааст, низ баъзе маълумот ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар «Таърихи Систон» омадааст, ки пас аз футуҳоти Хуросон дар ситоиши Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ шоирон ба забони арабӣ дар мадҳи ӯ қасида мегӯянд. Яъқуб, ки забони арабиро намедонист, мегӯяд: «Чизе, ки ман андар наёбам чаро бояд гуфт? Муҳаммад Васифи Сагзӣ пас шеъри порсӣ гуфтан гирифт ва аввал шеъри порсӣ андар Аҷам ӯ гуфт ва пеш аз ӯ касе нагуфта буд, ки то порсиён буданд, сухан пеши эшон ба рӯд бозгуфтандӣ бар тариқи хусравонӣ» [133, с.168]. Сипас қасидаи Муҳаммад ибни Васиф нақл мешавад, ки бо матлаи зер оғоз меёбад:

Эй амире, ки амирони ҷаҳон хосаву ом,

Бандаву чокару мавлою сагбанду ғулом…

Муаллифи «Таърихи Систон» ҳамчунин ба шеър гуфтани Бассоми Курд, Муҳаммад ибни Мухаллад дар он замон ишора кардааст.

Муҳаммад Авфӣ дар «Лубоб-ул-албоб» дар ин мавзуъ навиштааст: «Аввал касе, ки шеъри порсӣ гуфт, Баҳроми Гӯр буд» [ 133, с.169].

Авфӣ дар бораи сурудҳои Борбад таваққуф карда, онҳоро аз вазну қофия дур мешуморад ва шуруъи шеъри форсиро дар аҳди ислом медонад: «Ва дар он вақт, ки рояти давлати Маъмун разиаллоҳу анҳу ба Марв омад, дар санаи салоса тисъин ва миа дар шаҳри Марв хоҷазодае буд ном Аббос бо фазле беқиёс, дар силки шеър ӯро маҳорате комил ва дар дақоиқи ҳар ду луғат ӯро басорате шомил. Дар мадҳи Амирулмуъминин Маъмун ба порсӣ шеър гуфта буд ва матлаи он қасида ин аст. Шеър:

Эй расонида ба давлат фарқи худ то фарқадайн,

Густаронида ба ҷуду фазл дар олам ба ядайн.

Мар хилофатро ту шоиста чу мардум дидаро

Дини яздонро ту боиста чу рухро ҳар ду айн.

Ва дар аснои ин қасида мегӯяд :

Кас бар ин минвол пеш аз ман чунин шеъре нагуфт,

Мар забони порсиро ҳаст то ин навъ байн.

Лек з-он гуфтам ман ин мидҳат туро то ин луғат

Гирад аз мадҳу санои ҳазрати ту зебу зайн.

Чун ин қасида дар ҳазрати хилофат ривоят карданд, Амирулмуъминин ӯро бинавохт ва ҳазор динори айн вайро сила фармуд ва ба мазиди иноят ва отифати махсус гардонид ва чун фузало он бididанд, ҳар кас табиат бар ӯ баргумошт ва ба қалами баён бар сафҳаи замон нақши фазеъе нигошт. Баъд аз вай касе шеъри порсӣ нагуфт то дар навбати Оли Тоҳир ва Оли Лайс шоире чанд маъдуд хостанд ва чун навбати давлати Оли Сомон даромад, рояти сухан боло гирифт ва шуарои бузург падид омаданд ва бисоти фозилиро басит карданд ва олами назмро низом доданд ва шоириро шиор сохтанд» [133, с.177].

Қасидаи мазкур ҳамон шеърест, ки В.А. Жуковский «аввалин шеъри форсӣ» дониста, 4 байти онро дар тарҷумаи русӣ дар асараш сабт кардааст.

Шамс Қайси Розӣ низ дар «Ал-муъҷам» ба аввалин шоири форсигӯй ишора кардааст: «Ва ҳамчунин ибтидои шеъри порсӣ ба Баҳроми Гӯр нисбат мекунанд» [86, с.171]. Ва каме пас ба ин мавзуъ бармегардад ваҷунин менависад: «Ва баъзе мегӯянд, ки аввал шеъри порсӣ Абуҳафси Ҳаким ибни Аҳваси Суғдӣ гуфтааст аз Самарқанд» [87, с.172].

Алоуддини Дада дар китоби «Муҳозират-ул-авоил ва муомират-ул-авохир фӣ табақот-ил-Аҷам» Абулаббоси Марвазиро аввалин шоир медонад.

Ризоқулихон Ҳидоят низ Баҳроми Гӯр ва Абуҳафси Суғдиро аввалин касоне медонад, ки ба форсӣ шеър гуфтаанд. Сипас дар бораи замони хилофат менависад: «Машҳур аст, ки тамоми кутуб ва таворихи аҷамиёнро аъроб сӯхтанд. Боз фузало ва булағо таҷдиди шеъру шоирӣ карданд, чунонки дар замони хилофати Маъмун дар Хуросон фузало ӯро мадоеҳ гуфтандӣ ва силаҳо гирифтандӣ, аз ҷумла Хоҷа Абулаббоси Марвазӣ дар санаи яксаду ҳафтоду се аз ҳиҷрат шеъри форсӣ омехта ба арабӣ ба мадҳи Маъмун бар ӯ бихонд ва Маъмунро хуш омад ва маблағи як ҳазор динори зари айн ба ҷиҳати хоҷа вазифа муқаррар кард. Гуфтаанд, ки пас аз Баҳром ва Абуҳафси Ҳакими Суғдии Самарқандӣ дар назми форсӣ касе бар хоҷаи мазкур тақаддум надошта ва баъд аз вай дар рӯзгори давлати Оли Тоҳир ва Оли Лайс Ҳаким Ҳанзалаи Бодғисӣ ва Абушакури Балхӣ ва Фирӯзи Машриқӣ ва ҷамоае дигар аз фузало ба гуфтани шеъри форсӣ мубодират ҷустанд» [133, с.176].

Тавре ки мебинем, дар аксари сарчашмаҳо Аббоси Марвазӣ аз ҷумлаи аввалин шоирони форсигӯй дониста шудааст. Вале Забеҳуллоҳ Сафо пас аз нақли маълумоти сарчашмаҳо онҳоро арзёбӣ намуда менависад: «Аббоси Марвазӣ ё Абулаббоси Марвазӣ ё Абулаббос ибни Ҳануд ал-Марвазӣ ба ривояти Суютӣ марде фақеҳ ва муҳаддис ва шайхи тасаввуф дар замони худ буд ва ба соли 300 ҳ. даргузашт. Агар ривояти Суютӣ ва ҳамчунин ривояти ҳамаи касоне, ки қасидаи «Эй расида»-ро ба ӯ

мансуб донистаанд, дуруст бошад, бояд ин қасида дар авоили қарни севум суруда шуда бошад ва бинобар ин Абулаббос наметавонад нахустин шоири форсӣ бошад. Қабули ривояти Авфӣ ва ривояти Ҳидоят, ки ӯ ин қасидаро дар соли 193 ҳ. ё 173ҳ.ё 170 ҳ. ҳангоми хилофати Маъмун сохтаст, ҳам бо сойири ривоёти таърихӣ мубойинат дорад. Зеро ин ҳар ду сол муқаддам бар давраи хилофати Маъмун аст. Илова бар ин,бино бар ҳеч як аз ин ривоёт наметавон қасидаи мансуб ба Абулаббосро асливу ғайримаҷъул донист. Зеро ин қасида бо сабки сухану саноеъи шеърӣ аз қабили тарсеъ ва мумосила ва таркиби пухта ва комилиёри худ наметавонад шеъри қарни дувуму севум бошад ва ҳатто дар қарни чаҳорум ва панҷуми ҳиҷрӣ ҳам як шоири хуросонӣ ва мовароуннаҳрӣ ин гуна шеър намесохт ва нисбат додани ин қасида ба қарни шашум хеле оқилонатар аст аз он ки онро мутааллиқ ба қарни дувум ё севум бидонем ва агар тасаввур кунем, ки Аббос ё Абулаббос номе дар қарни дувум шеъре сохта ва дар он Маъмунро мадҳ карда бошад, шеъри ӯ ғайр аз ин ва аз қабили шеъри Абулянбағӣ ва шеъри кӯдакони Балх ва амсоли он буда бошад» [133, с.178].

Ҳамин тариқ,донишманди номии эронӣ Забеҳуллоҳи Сафо қасидаи Аббоси Марвазиро ҳамчун намунаи яке аз аввалин шеърҳои форсӣ намепазирад ва аз лиҳози сабк онро ба асри XII мансуб медонад. Вале бояд тазаккур дод, ки пухтагии шеър, истифодаи санъатҳои гуногуни бадеӣ мисли тарсеъу тамсил далел барои радди дар асрҳои VIII-IX суруда шудани он наметавонад бошад. Зеро тавре аз қасида бармеояд, он дар заминаи қасидаҳои арабӣ, ки он замон хеле рушд пайдо карда буд, эҷод шудааст. Бинобар ин,таъсири қасидаи арабӣ дар сабки баёни шеър ҳувайдост. Сабаби ба Маъмун хуш омадани мадҳияи Аббоси Марвазӣ ҳам дар он бояд бошад, ки ба қасидаҳои арабӣ хеле монанд аст. Ҳамин тарзи баёну сабки расоро мо метавонем дар қасидаи Муҳаммад ибни Васиф, ки муаллифи «Таърихи Систон» онро аввалин шеъри форсӣ донистааст, мушоҳида кунем. Зеро он қасида ҳам дар замина ва пайравии қасидаҳои арабӣ навишта шудааст. Яъне, ин қасидаҳо ба таври ҳирфаӣ навишта шудаанд ва онҳоро бо шеърҳои шифоҳии мардумӣ қиёс кардан нашояд.

Далели қотеъи дар асрҳои VIII-IX навишта шудани қасидаи Аббоси Марвазӣ он аст, ки дар замони Маъмун ва дар мадҳи ӯ эҷод гардидааст. Зеро Муҳаммад ибни Васиф, Мухаллад ва дигарон дар аҳди Саффориён зиндагӣ ва эҷод кардаанд. Бинобар ин, ҳам дар асоси санадҳои мавҷуда ва ҳам ишораи сареҳи Муҳаммад Авфӣ ва худи Аббоси Марвазӣ метавон дурустии фарзияи В.А.Жуковскийро тасдиқ намуд. Қасидаи Аббоси Марвазӣ бар хилофи ашъори Абуҳафси Суғдӣ ва Абулянбағӣ, ки дар оҳанги сурудҳои мардумӣ эҷод гардидаанд, дар пайравӣ ва таъсири қасидаҳои арабӣ навишта шудааст. Ин матлабро муқоясаи сабки он шеърҳо тақвият медиҳад. Дар байти Абуҳафси Суғдӣ ва қитъаи Абулянбағӣ ягон калимаи арабӣ истифода нашудааст ва ҳар ду ҳам дар вазни ҳиҷоӣ гуфта шудаанд. Вале қасидаи Аббоси Марвазӣ бо вазни арӯз ва истифодаи зиёди калимаҳои арабӣ навишта шудааст.

Арзиши баланди адабии асари В.А. Жуковский боз дар он аст, ки ӯ ҳангоми ковишҳо ва баррасии мақбараву гӯристонҳои Марви куҳан ба катибаҳои рӯи санги мазорҳо таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, ҳатталимкон онҳоро хондааст ва дар асараш овардааст. Он катибаҳо бештар ба забони форсӣ буда, ба тариқи манзум навишта шудаанд. Чанде аз онҳоро ҳамчун намуна зикр менамоем:

«Кавкаби афлок бирехт хуноба зи дида».

***

«Омад ба ҷаҳон дардеву ба зери хок ниҳон кард».

***

«В-аз гулшани фироқи ту бар дида хор монд».

***

«Аз ғунча бурун омаду дархок монд».

***

«Рӯз он бе ту надидӣ чашмам. Эй манам бар сари хоки ту, ки хокам бар сар Рафтиву дарди ҳаҷри туам».

***

Чунин сатрҳои манзум дар катибаҳои дигар низ ба назар мерасанд. Дар катибаи санги мазори Мизробшоҳ сабт шудааст:

«Такбир мефиристам ҳар дам ба рӯҳи покат»

Дар сангҳои мазор ба В.А. Жуковский хондани чанд пораи дигари манзум муяссар мегардад:

«Ё раб, қароргоҳи ту доруссалом бод,
Аз мо ба рӯҳи поки ту ҳар дам салом бод.
Ҳарчанд аз наъими ҷаҳон мунқатеъ шудӣ,
Аз ҳақ туро ҳазор-ҳазор эҳтиром бод».

***

«Агар сад сол монӣ, дар яке рӯз
Бибояд рафт аз ин кох…»

***

«Кош он рӯз, ки дар пойи ту шуд хори аҷал,
Дасти гетӣ бизадӣ теғи ҳалокам бар сар.
То бад-ин рӯз ҷаҳон бе ту надидӣ чашми ман,
Эй манам бар сари хоки ту, ки хокам бар сар».

***

Дар санги мазори Момо Хадича Султон бинти Муртазо, ки соли 1503 дар ҷавонӣ фавтидааст, сабт шудааст:

«Дареғи ҷони ҷавони гулизор дареғ,
На як дареғ, ки ҳар дам ҳазор дареғ».

***

«Аз ҷонгудоз дунё рафтӣ ба сӯи ҷаннат,
Эй орзуи чашмам рӯят ба хоб дидан.
Такбир мефиристам ҳар дам ба рӯҳи покат,
То вақти он бошад моро ба ҳам расидан».

***

«Бо ҳар ки иноятҳи ту ҳамроҳӣ кард,
Ӯ бар сари шоҳони ҷаҳон шоҳӣ кард.
Кардӣ ту дар ин ҷаҳон басе лутфу карам,

Донам, ки дар он ҷаҳон ҳамин хоҳӣ кард».

***

«Бар сари турбатам, эй дӯст, замоне биншин…

Коми ҷонам, ки чунин талх шуд аз заҳри фироқ…»

***

«Эй ҷони ҷаҳон, куштаи афлок шудӣ,

Меҳмони азизи хокии пок шудӣ.

Гулҳо ҳама аз хок бурун меояд,

Ё Раб, ту чӣ гул будӣ, ки дар хок шудӣ».

***

«Ҳамаро оқибати кор ҳамин хоҳад буд…» [133, с.196-197].

Заҳмати семоҳаи худро дар ҳафриёту ҷустуҷӯйҳои бостоншиносии Марви куҳан ҷамъбаст намуда, В.А. Жуковский аз хеле дер сурат гирифтани ин сафар афсӯс мехӯрад. Зеро ёдгориҳои зиёди он нобуду хароб шудаанд. Ӯ дар назди бостоншиносон вазифа мегузорад, ки ҳар як ёдгории боқимондаро ҳифз намуда, мавриди омӯзиш қарор диҳанд.

Ишораву мулоҳизаҳо ба масъалаҳои адабиёти форсӣ дар осори дигари таърихшиносии В.А. Жуковский низ зиёданд. Ӯ ривояти таърихиро дар бораи Темур ва Носири Хусрав, ки бо унвони «Темурнома» маъруф аст, тарҷума карда, ба он муқаддима менависад. Ӯ пеш аз ҳама муаллифи он асар будани Абдурраҳмони Сиратро муайян менамояд.

Ю.Е. Боршевский, ки муҳаққиқи бойгонии В.А. Жуковский мебошад, дар ин маврид ақидаеро пеш меронад:«дар муқаддимаи нотамом ба тарҷумаи худ Жуковский навиштааст, ки ин асар ҳамчун сарчашмаи таърихӣ арзиш надорад, вале чун «ривояти адабӣ» маънии зиёд дорад» [18, с.12].

Дар асарҳои ба таҳқиқи таърихи шаҳрҳои Машҳад, Тӯс, Нисо, Абевард, Майхона ва ғайра бахшидаи В.А. Жуковский низ ишораҳо ба масъалаҳои фарҳангиву адабии он шаҳрҳо мавҷуданд. Аз ҷумла, дар мақолае, ки ба тавсифи шаҳри Тӯс бахшида шудааст, вазъи ногувори мақбараи шоири бузург Абулқосими Фирдавсиро ба қалам дода, аз

беэътиноии эрониён ба мақбараи ин суханвари беназир изҳори таассуф мекунад[40, с.308-314].

В.А. Жуковский дар асарҳо ва суханрониҳои худ роҷеъ ба ҷунбиши динии бобҳо, дарвешҳо ва дигар падидаҳои иҷтимоӣ низ зимнан ба масъалаҳои адабӣ ишора мекунад. Аз ҷумла, ӯ дар бораи сарчашмаҳои муҳимми тасаввуф будани «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҷуллобӣ ва «Нур-ул улум»-и Абулҳасани Харақонӣ сухан ронда, зарурати тарҷума ва нашри онҳоро ба миён мегузорад.

Ишора ба рӯйдодҳои адабӣ, масъалаҳои гуногуни назму наср дар сафарномаву гузоришҳои В.А. Жуковский низ ба назар мерасанд. Дар «Гузориш аз будубош дар Форс» ишораҳои зиёде ба масъалаҳои адабиро метавон мушоҳида кард. В.А. Жуковский сафари худро ба Эрон ба қалам дода, хабар медиҳад, ки ӯ, пеш аз ҳама, он ҷо ба мутолиаи «Мантиқ-ут-тайр»-и Фаридуддини Аттор машғул шуда, ҳамроҳи дӯстони эрониаш ба муқоясаи тарҷумаи ин асар бо аслаш пардохтааст ва норасоиҳои зиёди онро ошкор намудааст.

Ҳамчунин дар зимни ин сафар ба мутолиаи девони Носири Хусрав машғул шуда, дарёфтааст, ки «Носири Хусрав панднавис, файласуф ва фақеҳ буда, дар баъзе мавридҳо сарбаста ба назар мерасад, ки бо шуҷоат дар баёни андешаҳо ва таъбирҳо аз дурдонаҳои Умари Хайём камӣ надоранд» [16, с.38].

Дар гузориши мазкур оид ба масъалаи вазъи адабиёти бачаҳо дар Эрон низ таваққуф шудааст. В.А. Жуковский таъкид мекунад, ки дар Эрон ба адабиёти кӯдакон ва наврасон таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Наврасони эронӣ пас аз шиносоӣ бо Қуръон ба хондани «Мушу гурба»-и Убайди Зоконӣ барин асарҳои бадеӣ мегузаранд. Маснавии «Мушу гурба» дар Эрон хеле маъмул буда, қариб ҳамаи бачагон онро медонанд.

Тавре ки зикр шуд, В.А. Жуковский солҳои охири умр ба тарҷумаи ривоёту асарҳои таърихӣ машғул шудааст, ки аксари онҳо то ҳол чоп нашудаанд. Ривоят дар бораи Темур аз «Темурнома»-и Абдурраҳмони Сират, «Ҳикоят дар бораи Муқаннаъ», ривоят аз «Қандия» ва ғайра аз

ҳамон ҷумлаанд, ки дар бораи онҳо Ю.Е. Боршевский маълумот дода, арзиши баланди бадеии онҳоро таъкид кардааст[20,с.21].

Ҷамъоварӣ ва нашри номаҳои В.А. Жуковский ва номаҳои шогирдону ҳамкоронаш ба ӯ хеле арзишманд буда, бешубҳа ба омӯхтани ҳаёти фарҳангиву адабии Эрон дар охири асри XIX ва равшан кардани масъалаҳои зиёди адабӣ низ мусоидат хоҳад кард.

## 3.2. Арзиши илмии таҳқиқоти осори забоншиносии В.А. Жуковский

Чунонки зикр шуд, омӯзиш ва таҳқиқи забон ва гӯйишҳои эронӣ аз самтҳои асосии фаъолияти илмиву таълимии В.А. Жуковский ба шумор меравад. Дар сафари авали худ ба Эрон ҳам ҳадафи асосии ӯ, пеш аз ҳама, аз худ кардани забони форсӣ будааст. Дар ин бора ӯ дар номааш ба В. Розен навиштааст: «Нимсолаи авали буду боши ман дар Форс замони корҳои омодагӣ буд. Бо барории машғулиятҳои ман аз озод ёд гирифтани забони гуфтугӯии форсӣ вобастааст, ман барои худ тасмим гирифтам, ки аввал тамоми таваҷҷуҳамро то ҷое, ки ба ман дахл дорад ва имкон дорам, ба он ҷалб намоям» [25, с.7].

В.А. Жуковский барои омӯзиши амиқи забони форсӣ ва нозукиҳои гӯйишҳои он аз пайи пайдо кардани омӯзгор мешавад. Аз номаҳояш бармеояд, ки ӯ дар интихоби омӯзгор ба касоне мурочиат кардааст, ки дар баробари донистани забону гӯйишҳо аз адабиёт низ огоҳии хуб доштаанд. Яке аз чунин омӯзгорон Иброҳими Мозандаронӣ аст, ки пайрави Ҷалолуддини Балхӣ ва марди хеле бо маърифат буда, «Маснавии маънавӣ»-ро хуб медонистааст. Тавре ки П.П. Бушев навиштааст: «Бо ин омӯзгор В.А. Жуковский муддати тӯлонӣ машғул шудааст» [25, с.117]. Ба ин тартиб, ӯ омӯзиши забонро пайваста бо осори адибон идома дода, аз ҷумла ашъори Фаридуддини Аттор ва Носири Хусравро мутолиа мекард ва ҳаловат мебурд.

В.А. Жуковский ҳангоми тадрис дар донишгоҳ низ ҳамеша аз ашъори шоирон суҳбат мекардааст. Яке аз шогирдони ӯ И.И. Умняков дар хотироти худ нақл мекунад, ки В.А. Жуковский «дар суханрониҳояш ашъори манзуми Саъдӣ, Фирдавсӣ ва Ҳофиз, рубоиҳои Умари Хайём, шайх Абусаиди Майхонаиро мехонд» [94,с.184].

Кӯшишу талошҳои В.А. Жуковский самараи хуб доданд ва ӯ на танҳо забон ва гӯйишҳои форсиро хуб аз худ намуд, балки маводи фаровон ҳам ҷамъ овард. Дар сафари дуюмаш ба Эрон низ ӯ маводи зиёдеро аз

гӯйишҳои гуногуни форсӣ ба даст овард ва дар натиҷа дар асоси онҳо рисолаи доктoриро таълиф ва дифоъ намуд. Дар ҷамъоварии мавод ба В.А. Жуковский, тавре ки қаблан зикр шуд, ҳамсари ӯ Варвара Ивановна Карлошева, ки ӯ ҳам забони форсиро хуб аз худ карда буд, мадади зиёд мерасонад.

Натиҷаи сафарҳои илмии В.А. Жуковский ва маводи фаровони ҷамъовардаи ӯ дар китоби «Мавод барои омӯзиши гӯйишҳои форсӣ» соли 1888 дар Санкт Петербург ба табъ мерасад. Ҷилди аввали асар маводи лаҳҷаҳои минтақаи Кошонро, аз ҷумла лаҳҷаҳои Вонишун, Коҳрӯд, Кеше, Зефреро дар бар мегирад. Дар пешгуфтори мухтасар В.А. Жуковский қайд менамояд, ки маводи китоб дар сафари ӯ, ки соли 1883 сурат гирифтааст, ҷамъоварӣ шудааст. Сипас, дар бораи лаҳҷаҳои минтақаи Кошон маълумоти мухтасар медиҳад. Дар қисмати «Матнҳо» ҷумлаҳо дар ҳар лаҳҷаи мазкур сабт шудаанд. Масалан, ҷумлаи «Худо намемирад» ба лаҳҷаҳои мазкур ба ин тарз оварда шудааст: Худо натмеру. Худо намирӣ. Худо намура. Худо неумуру [94, с.134-135].

Дар бахши «Тарҷумаи пораҳои манзум аз кишоварзони форс» намунаҳои зиёди ашъори гуногун оварда шудаанд. Аз ҷумла, шеъри аввал, ки ба лаҳҷаи Бохру сабт шудааст, ғазалест, ки дорои вазну қофия ва радифи марғуб мебошад:

Рафтему ёрро ба рағибун гузоштем,
Маҷнун шудему сар ба биёбун гузоштем.
Дасти тамаъ дароз накардем дар чаман,
Гулро барои зинати бустун гузоштем.
То боғ сабз бувад, манаш боғбун будам,
Вақте ки беша шуд, ба рағибун гузоштем[ 37,с.2].

Сипас тарҷумаи русӣ ва тарзи лаҳҷавии шеър оварда мешавад. Ба ҳамин тартиб аз лахҷаи Кеше 45 пора ва аз лаҳҷаи Зефре 10 пораи манзум нақл шудааст, ки ба мавзуъҳои гуногун амсоли ишқ,васфи занон, панд, тасвири гирифторӣ ба вабо, лолой, ҳаҷв бахшида шудаанд.

Дар байни пораҳои манзум баъзан шеърҳои машҳури шоирони классик низ ба назар мерасанд, Масалан,шеъри зерини мансуб ба Ҷалолуддини Балхӣ ба ин тарз сабт шудааст:

Даст бар сулоло дора, аз мор андеша кун,

Пой бар гил мениҳӣ, аз захми хор андеша кун.

Гар шиновар нестӣ, бар мавҷи дарё по манеҳ,

Гар миёни ғарқ гардӣ, аз канор андеша кун[37,с.24].

Дар баъзе пораҳои манзум танқиди ҳокимону мансабдорон ба назар мерасад. Дар манзумае, кибо банди зерин шуруъ мешавад, ҳатто ба таври мушаххас номи вазире, ки мавриди танқиди сахт қарор гирифтааст, зикр гардидааст:

Мирзо Ҳасан вазир шуд,

Нун ба танур хамир шуд.

Бевазанон бинолед,

Гӯҳ ба ришаш бимолед.

Эй сол барнагардӣ…[ 37,с.44]

Бахши сеюми асар ба сарфу наҳви забони форсӣ ихтисос дода шудааст. Дар ин бахш дар бораи шумораи ҷамъ, падежҳо, сифат, шумора ҷонишин, феъл, пешванду пасвандҳо, сиға ва дигар категорияҳои сарфу наҳви забони форсӣ маълумот дода шудааст. Дар ин бахш низ пораҳои манзумро мисли байти зерин дидан мумкин аст:

Қурбон меравам равишти мурғобиро,

Ин ҳавзи булӯри гардишти моҳиро [37, с.46].

В.А. Жуковский дар зимни овардани намунаҳо назари худро дар бораи муаллифи онҳо баён кардааст. Аз ҷумла, шеъри Бобо Тоҳири Урёнро зикр намуда, ӯро «шоири шевагии Эрон» меномад ва таъкид мекунад, ки шеъри ин шоирро аҳли ҳар шева мисли курд, лурӣ, бахтиёрӣ ба таври худ мехонанд. Бинобар ин,ӯ зарурати нашри илмии ашъори шоирро дар асоси нусхаҳои қадимӣ ба миён мегузорад [37, с.218].

Ҷилди дувуми «Мавод барои омӯзиши гӯйишҳои форсӣ»-и В.А. Жуковский, ки маводи лаҳҷаҳои Сангисеру Шумурзоди Симнон, Сада, Газ,

Кафрони Исфаҳон, Сивенду Абдуи Шероз, Талахедешки Гургон, лаҳҷаи яҳудиёни Кошон ва лаҳҷаи Таҷришро дар бар мегирад, пас аз вафоти муаллиф дар соли 1922 дар Петроград ба табъ мерасад. Дар сарсухани хеле кӯтоҳ В.А. Жуковский қайд менамояд, ки ҷилди аввали китоб соли 1888 чоп шуда буд, вале ба сабаби ба корҳои дигар машғул шудан таҳияи ҷилди дувум ба таъхир афтод.

Дар пешгуфтори асар академик С. Олденбург ба хидмати профессор В.А. Жуковский баҳои баланд дода менависад: «Мавод барои омӯзиши гӯйишҳои форсӣ»-и В.А. Жуковский то ба нашр расидани он, ки ӯ надид, ҳамеша ҷойи намоёнро дар таърихи филологияи Эрон ишғол менамояд, зеро В.А. Жуковский аввалин касест, ки ба ҷамъоварии васеи мавод аз гӯйишҳои Форс машғул шуда, дар муқаддимаи ҷилди аввали мавод аввалин бор кӯшиши ҷиддӣ намуд, ки таснифи гӯйишҳои форсиро ҳамон тавре ки эроншиноси маъруф В. Гейгер кардааст, анҷом диҳад» [37, с.V].

Дар матни китоб намунаҳои осори манзум хеле зиёданд, ки ба тарзи талаффузи лаҳҷаҳо сабт шудаанд. Дар байни ин пораҳои манзум ашъори машҳури шоирон низ ба назар мерасад, ки ба чанде аз онҳо В.А. Жуковский ишора кардааст. Масалан, аз деҳаи Сада ду таронаи дар асоси ашъори Бобо Тоҳир эҷодгардида сабт шудааст:

Саре дорон зи ишқут гипу бипу,
Муже бар ҳам жинон селобе рижу.
Дили ошиқ мисоли чӯби тар бу:
Сери сӯзу сери хунобе рижу[39,с.2].

***

Зи беси дидеу дил ҳар ду фарёд,
Ки ҳар чи дида вену, дил кару ёд.
Бесозон ханҷаре нешаш зи пӯлод
Инон бар диде, то дил ессу озод[ 39,с.32].

Дар байни пораҳои манзум шеърҳои Ҳофиз ва ҳофизона низ ба назар мерасанд, ки аз интишору шуҳрати ашъори ӯ миёни мардум шаҳодат медиҳад.

Дар бахши «Иловаҳо» мавод аз гӯиши яҳудиёни Кошон ва деҳаи Тачриш бо тарҷумааш ҷой дода шудааст.

Ҷилди сеюми «Мавод барои омӯзиши гӯйишҳои форсӣ»-и В.А. Жуковский, ки маводи лаҳҷаҳои бахтиёрӣ, чаҳорланг ва ҳафтлангро бар бар мегирад, низ пас аз вафоти муаллиф дар соли 1922 нашр мешавад. Китоб бе пешгуфтор бо матн ва тарҷумаи русӣ шуруъ мегардад. Ин ҷилд аз ҷилдҳои дигар, пеш аз ҳама, бо он фарқ мекунад, ки ашъору пораҳои манзум хеле зиёданд. Асар бо суруди «Моли гармсер» (суруд дар бораи зимистон) оғоз меёбад, ки аз 59 байт иборат аст ва бо ин байтҳо шуруъ мешавад:

Шуштаре барф игира,
Деспила борун.
Дер бе римуи нигунен
Дервозедорун[39, с.32].

Сипас сурудҳо «Дар бораи малах» (иборат аз 13 байт), Саҳад (21 б.), Гафал (8 б.), Оқо Ризо (7 б.), Амир (5 б.), Балохун (8 б.), Амунуллохон (15 б.), Муҳаммад Ёр (14 б.), Алӣ Оғохон (10 б.), Барот (22 б.), Парвизхон (10 б.), Валӣ (55 б.), Ҳасан Искандарӣ (8 б.), Абдул (14 б.), Ҳоҷӣ Мирзо (10 б.), Фаридун (14 б.), Нумдорхон (15 б.), Меҳробхон (12 б.), Ҳоҷӣ Козим (23 б.), Расул (13 б.), Сабу Ҳошим (13 б.), Абдулло (12 б.), Ҳасан Оғо (18 б.), Алидод (2 б.), Дарвешхон (8 б.), Хусравбек (14 б.), Иброҳим (14 б.), Ғуломхон (14 б.), Мулло Тоҳир (4 б.), Нозири довталаб (14 б.), бародарони сайёд (27 б.), сартип (24 б.), Шелала (14 б.) мурдани певун (72 б.), Каҷкӯл (17 б.), Элхонӣ (12 б.), Париҷун (127 б.), ошиқӣ (21 б.), арӯсӣ (99 б.), лолоӣ (99 б.) паи ҳам бо тарҷумаи русӣ оварда шудаанд. Дар воқеъ, асар ба баёзи ашъор монанд гаштааст. Зеро тақрибан 900 байтро дар бар мегирад. Тавре ки аз унвони шеърҳо бармеояд, аксари онҳо ба шахсони воқеӣ бахшида шудаанд. Аз ин рӯ, ҷилди мазкур илова бар арзиши баланди шевашиносиву забоншиносӣ доштан барои омӯхтани фолклори мардуми Эрон ва шинохти воқеаҳои таърихии давр низ хеле судманд аст.

Намунаҳои ҷамъовардаи В.А. Жуковский бо ҳаёти мардум, расму оин ва маросимҳои гуногуни он марбут мебошанд. Аз ин рӯ, онҳо ҳам арзиши баланди зистшиносиву фарҳангшиносӣ доранд. Аз ин ҷост, ки А.А. Ромаскевич осори В.А. Жуковскийро «аввалин кӯшиши ба таври муназзам ҷамъ овардан ва баррасӣ намудани осори мардуми Форс на танҳо чун маводи ёрирасон барои ҳалли ин ё он масоили забоншиноси Эрон, балки ҳамчун осори каломи форсӣ, ки дар он хусусиятҳои хоси рӯзгор ва афкори халқи форс, хусусиятҳое, ки дар осори бадеии Форс ҷустани онҳо беҳуда аст, бозтоб ёфтааст» [87, с.415].

Асари дигари забоншиносии В.А. Жуковский, ки ҳамроҳи эроншиноси маъруф К.Г. Залеман таълиф кардааст, «Сарфу наҳви мухтасари забони нави форсӣ бо иловаи вазн, библиография» мебошад, ки соли 1890 ба нашр расидааст. В.А. Жуковский ва К.Г. Залеман ин асарро аввал ба забони олмонӣ дар Берлин соли 1889 ба нашр расонда буданд[ 39, с.3]. Ин асар дар Аврупо шуҳрат ёфта, борҳо ҳамчун китоби таълимӣнашр шудааст.

Дар пешгуфтори мухтасари асар сабабу ҳадафи таълифи асар баён мешавад, ки пеш аз ҳама таваҷҷуҳи зиёди мардум ба забони форсӣ мебошад. Дар асар таваҷҷуҳ бештар ба забони зиндаи форсӣ ҷалб шудааст. Асар аз бобҳои зерин иборат аст:

Боби 1. Дар бораи хат ва овозҳо.

Боби 2. Дар бораи ҳиссаҳои нутқ ва пешванду пасвандҳо.

Боби 3. Калимасозӣ.

Китоб дорои мулҳақот мебошад, ки дар он дар бораи вазн, қофия, навъҳои шеър маълумоти мухтасар дода шудааст.

Муаллифони асар барои баёни матлаб бештар ба осори шоирони маъруф таваҷҷуҳ намудаанд. Дар ин бора онҳо навиштаанд: «Мо саъй намудем тибқи нақша нуктаҳои муҳимро дар асоси (осори) Фирдавсӣ (асосан), Умари Хайём, Хоқонӣ, Анварӣ, Саъдӣ ва дигарон баён намоем» [ 92, с.308].

Маълумоте, ки дар бораи навъҳои шеър дода шудааст, хеле кӯтоҳ буда, дар асоси маълумоти сарчашмаҳо баён шудаанд Аз ин рӯ, дар онҳо баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд. Масалан, муаллифон навъи шеърии қитъаро, ки дар адабиёти форсу тоҷик як навъи мустақили шеър мебошад,чунин шарҳ додаанд: «Қитъаро ғазали бематлаъ (шоҳбайт) меноманд» ва тарзи қофиябандиашро **аб, сб, дб**…медонанд[92, с.11].

Дар ҳоле ки дар осори Рӯдакӣ ва муосиронаш ва шоирони асрҳои баъдина қитъаҳои дорои матлаъ хеле зиёданд.

Ҳамчунин дар байни рубоӣ ва дубайтӣ, ки навъҳои ҷудогонаи шеъранд, фарқ гузошта нашудааст. Дар байни мардум шуҳрат доштани рубоиро таъкид намуда, шеърҳои зеринро мисол овардаанд:

Дуто ёрем, ки марг аз ҳам набинем,
Гулҳо хирман кунем, солим нишинем.
Гулҳо хирман кунем соя надорад,
Ки дарди ошиқӣ чора надорад[92, с.83].

***

Ту дар болову ман дар пои бумам,
Ту султуниву ман банда ғулумам.
Ту он сарвӣ, ки дар бустун нишинӣ,
Ман он обам, ки дар поят равунам[92, с.83].

Асари мазкур низ барои омӯхтани адабиёти форсӣ мадад мерасонад. Зеро дар он дар мавридҳои гуногун 42 шеър бо тарҷумаи русӣ оварда шудаанд.

Хидмати В.А. Жуковский дар ташаккулу такомули шевашиносии Эрон хеле бузург аст. Ӯ на танҳо шеваю лаҳҷаҳои гуногуни Эронро омӯхт ва маводи фаровонро ҷамъ овард, балки равишҳои илмии ин соҳаи забоншиносиро муайян кард ва муҳаққиқони дигарро ба таҳқиқи ҷиддии шеваю лаҳҷаҳо ҳидоят намуд. В.А. Жуковский Эронро «захираи бузурги шеваю лаҳҷаҳо медонад, ки дар қаъри тиллоии он солҳои зиёд муҳаққиқон ҳамеша маводи тоза хоҳад дод» [92, с.83].

Ба осори шевашиносии В.А. Жуковский баҳои баланд дода, М.Н. Боголюбов таъкид мекунад, ки ӯ бо осори худ омӯзиши гӯйишҳои зиндаи Эрон асос гузошт. «Мавод» ва «Намунаҳо»-и ӯ бори аввал матнҳои асили зиёди форсиро ба гардиши илмӣ ворид намуданд. Дар «Очерки шаклҳои сарфу наҳв», ки ба қисми аввали «Мавод» илова шудааст, дар «Сарфу наҳви забони форсӣ ва дар «Намунаҳо» низ бори аввал асосҳои сохти наҳвии забони зиндаи форсӣ, луғат ва маънии муосираш дар фарҳанги «Мавод» ва шарҳи «Намунаҳо» баён шудаанд» [37, с.11].

Ҳамчунин М.Н. Боголюбов таъкид мекунад, ки В.А. Жуковский масъалаҳои забоншиносӣ ва шевашиносиро пайваста бо осори адабиёти классики тоҷику форс мавриди баррасӣ қарор медод. Масалан, ӯ ишора мекунад, ки дар «Сарфу наҳви забони нави форсӣ» ба забони Фирдавсӣ такя намудааст ва бо ин ба мураттаб кардани сарфу наҳви асосноки забони форсӣ асос гузошт» [16, с.47].

Шарқшиноси барҷастаи рус И.М. Оранский дар мавриди "«Сарфу наҳви забони нави форсӣ» чунин мулоҳиза меронад: "Омӯзиши сохтории дастури забони тоҷикӣ ва форсии адабиёти классикӣ барои навиштани китобҳои беҳтарини сарфу навҳи форсӣ, ки Г. Залеман бо ҳаммуаллифии В.А. Жуковский замина фароҳам овард"[84, с.148].

Аз асарҳои ба таҳқиқи масъалаҳои забоншиносӣ бахшидаи В.А. Жуковский ва аз асарҳои дигари ӯ бармеояд, ки ин муҳаққиқи рус ба забони форсӣ ва гӯйишҳои он дилбастагиву муҳаббати зиёд доштааст. Инро на танҳо дар таҳқиқи дақиқи нозукиҳои забон ва гӯйишҳо, ки дар саросари асарҳои ӯ ба назар мерасад, балки дар истифодаи калимаву мафҳумҳои форсӣ ва дохил кардани онҳо ба гардиши илмӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, ӯ дар зимни асарҳои илмӣ ва номаву гузоришҳояш калимаву истилоҳоти форсии китобхона, муаллим, китобфурӯшӣ, фарангӣ, сипаҳсолор, тасниф ва амсоли инҳоро борҳо истифода кардааст, ҳол он ки аксари ин калимаҳо муродифи русӣ доранд.

Вежагии муҳимми таҳқиқоти В.А. Жуковский он буд, ки ӯ ба масъалаҳои гуногуни таъриху фарҳанг ба таври ҷомеъ машғул мешуд, ки ба ин дониши васеи ӯ аз соҳаҳои гуногуни илм имкон медод.

И.М. Оранский таърихи омӯзиши забонҳои тоҷикиву форсиро дар Русия мавриди баррасӣ қарор дода, ба хидматҳои В.А. Жуковский низ баҳои баланд медиҳад ва ба ҳамин равиши ҷомеи ӯ дар таҳқиқоти илмиаш ишора мекунад: «В.А. Жуковский ҳарчанд муҳаққиқи таърихи забон набуда, вале бо вуҷуди ин,зарурати дар робита бо ёдгориҳои қадими забонҳои эронӣ гузоштани маводи шеваҳоро амиқ дарк мекард. Матнҳои интиқодии нашркардаи ӯ аз ёдгориҳои асримиёнагӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ на танҳо барои омӯхтани таърихи адабиёт ва таърихи фарҳанг, балки ҷиҳати омӯхтани таърихи забон низ арзишманд аст. Дар пешгуфторҳои муфассал дар ин нашрияҳо В.А. Жуковский хусусиятҳои забони муаллиф ва имлои котибонро қайд намудааст» [84,с.151].

Дар ҳақиқат, асарҳои забоншиносии В.А. Жуковский соҳаҳои гуногуни забони адабӣ ва бахусус, гӯйишҳои шифоҳии форсиро фаро гирифта, маводи дар ин замина ҷамъовардаи ӯ ганҷинаи пурбаҳое башумор меравад. Осори В.А. Жуковский дар эроншиносии рус, махсусан, дар шевашиносӣ марҳалаи тозаеро оғоз намуд ва кори ӯро муҳаққиқони зиёде дар Русияву Тоҷикистон, Эрон ва кишварҳои дигар босамар идома медиҳанд. Тавре М.Н. Боголюбов таъкид кардааст: «осори В.А. Жуковский дар шевашиносии Эрон дар замони худ ба эроншиносии ватанӣ шуҳрат овард. Бахусус, қайд кардан зарур аст, ки ин асарҳо на танҳо марҳалае ва ё давраи муайяне дар илм гаштанд, балки ба рушди он таъсири мустақим ва бевосита расонданд» [84, с.48].

В.А. Жуковский масъалаҳои забоншиносиро пайваста бо масъалаҳои таърихшиносиву мардумшиносӣ ва дар заминаи адабиёт таҳқиқ намудааст, ки ин равиши илмии ӯ қобили пайравӣ мебошад.

Тавре ки И.М. Оранский дуруст таъкид кардааст, В.А. Жуковский ва устодони дигари Донишгоҳи Петербург омӯзиши ҷомеи таърихиву филологии Шаркро усули кори худ қарор дода, онҳо «ҳамзамон муаррих,

бостоншинос, мардумшинос, сиккашинос, адабиётшинос, фолулоршинос ва ғайра буданд» [84, с.141]. Ӯ ҳамчунин таъкид мекунад, ки В.А. Жуковский ҳарчанд мутахассиси таърихи забон набуд, вале бо вуҷуди ин маводи шеваҳоро дар муқояса бо маводи ёдгориҳои қадим таҳқиқ мекард. Матнҳои зиёде, ки ӯ нашр намудааст, барои омӯхтани таърихи забон хеле судманданд. Аз ин ҷост, ки осори В.А. Жуковскийро барҳақ марҳилаи тозае дар омӯзиши фарҳанги омма ва гӯйишҳои мардуми Эрон донистаанд.

# ХУЛОСА

Шарқшиносӣ дар асри XIX дар Русия хеле рушд пайдо карда, дар соҳаҳои гуногун ба дастовардҳои муҳим соҳиб гардид. Эроншиносӣ, ки яке аз соҳаҳои муҳимми он ба шумор меравад, дар ин давра тавсеа ёфта, соҳиби шуҳрати ҷаҳонӣ гардид ва як зумра донишмандони маъруфро ба майдон овард. Яке аз чунин донишмандони маъруф В.А. Жуковский мебошад, ки дар пешрафти соҳаҳои гуногуни эроншиносии олам саҳми бузург гузоштааст.

В.А. Жуковский дар хонаводаи шахси маърифатдӯсте ба дунё омада, аз хурдӣ ба омӯзиши илму дониш, бахусус, омӯзиши Шарқи куҳан таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуд. Шарқ барои толибилми ҷавон сарчашмаи тамаддуни башарӣ буд. Аз ин ҷост, ки ӯ ҳанӯз аз замони таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Петербург ба омӯзиши таърихи Шарқ машғул шуд ва аввалин рисолаҳои илмии ӯ ба баҳои баланди устодон ва дарёфти медали тиллоӣ сазовор дониста шуд.

Пас аз хатми донишгоҳ В.А. Жуковский тақдири худро ба эроншиносӣ пайваст ва то охири умр дар ин соҳаҳо содиқона хидмат кард. Доираи фаъолияти илмии В.А. Жуковский хеле васеъ буда, шохаҳои гуногуни эроншиносӣ чун забоншиносӣ, таърих, адабиёт, фолклор, мардумшиносӣ ва амсоли инҳоро дар бар мегирифт. Дар ҳар соҳа ӯ асарҳои пурарзиш офарида, шуҳрати эроншиносии русро дар сатҳи ҷаҳонӣ баланд бардоштааст.

Хидматҳои В.А. Жуковский дар ҷамъоварӣ ва таҳқиқи маводи шевашиносӣ беназир аст. Ӯ шеваю лаҳҷаҳои зиёди Эронро дар тӯли сафарҳои худ ҷамъ оварда, мавриди омӯзиши ҳарҷониба қарор додааст.

1. Забоншиносӣ яке аз паҳлуҳои таҳқиқоти серпаҳлуи В.А. Жуковскийро ташкил медиҳад. Ин донишманд дар таҳқиқи маводи лаҳҷаҳо равиши тозаеро пеш гирифта, дар таснифи лаҳҷаҳои эронӣ тағйироти ҷиддӣ ворид менамояд ва беасос будани таснифоти шарқшиносони Ғарбро ба субут мерасонад.«Мавод барои омӯзиши

гӯйишҳои форсӣ», ки дар сеҷилд омода менамояд, дастоварди муҳимми эроншиносии рус шуморида мешавад». Илова бамаводи забоншиносӣ В.А. Жуковский маводи фаровони адабиёти омиёнаи Эронро низ ҷамъоварӣ менамояд ва дар китоби «Намунаҳои эҷодиёти халқии форсӣ» (с.1902) ба табъ мерасонад. Бояд гуфт, ки ин ду китоби В.А. Жуковский солҳои тӯлонӣ ҳамчун маводи асосии донишҷӯёни бахши форсии Донишгоҳи Санкт-Петербург мавриди истифода қарор гирифтааст [7-М; 10-М].

2. Адабиётшиносӣ яке аз меҳварҳои асосии таҳқиқоти В. А. Жуковский ба ҳисоб меравад. В.А. Жуковский махсусан, дар таҳқиқи масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷику форс хидмати арзанда ба ҷой гузоштааст. Рисолаи давраи магистрии ӯ «Алӣ Авҳадуддин Анварӣ. Мавод барои шарҳи ҳол ва тавсифи ӯ» аввалин таҳқиқот дар бораи аҳволу осори шоири маъруф мебошад, ки то имрӯз арзиши илмии худро гум накардааст ва беҳтарин таҳқиқот дар бораи ин шоири тавоно ба шумор меравад. В.А. Жуковский муносибати якҷонибаи муҳаққиқони хориҷиро ба осори Анварӣ ҳамчун шоири мадеҳасаро нишон дода, ҷанбаҳои гуногуни осори шоирро баррасӣ менамояд ва дар зери таъсири сиёсати дарбор қарор доштани осори шоир ва умуман адабиёти даврро таъкид менамояд. В.А. Жуковский дар рисола ба масъалаҳои гуногуни осори шоир, робитаи ӯ бо шоирони гузашта ва муосир, шарҳҳо ба осори шоир, забону сохтори ашъораш ва ғайра таваҷҷуҳ зоҳир шуда, мавқеи ӯ дар адабиёти давр муайян гардидааст [3-М; 8-М; 9-М].

Асари дигари В.А. Жуковский, ки шуҳрати ӯро афзуд, мақолаи «Умари Хайём ва рубоиҳои «сайёр» мебошад, ки соли 1897 омода ва чоп шудааст. Дар мақола масъалаи муҳим ва баҳсноки марбут ба осори донишманди бузург матраҳ шуда буд. В.А. Жуковский масъалаи ба Умари Хайём нисбат дода шудани рубоиҳои зиёдро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Ӯ пеш аз ҳама маълумоти сарчашмаҳоро дар бораи аҳволу осори Умари Хайём мавриди баррасӣ қарор дода, дар асоси онҳо шарҳи ҳоли ҳакимро барқарор менамояд ва шахсияти ӯро ҳамчун донишманду ҳаким ба қалам медиҳад. Сипас ба таҳқиқи рубоиҳои мансуб ба Умари Хайём

пардохта, аз рӯи маҷмӯае, ки Николас нашр кардааст, 82 рубоии «сайёр»-ро, ки дар тазкираҳову маҷмуаҳои гуногун ба 39 шоир нисбат дода шудаанд, муайян менамояд. Ин иқдоми В.А. Жуковский марҳилаи тозаеро дар хайёмшиносӣ боз менамояд ва мавриди пайравӣ қарор мегирад. Донишмандони маъруф А. Кристенсен, Денисон Росс, Ф. Розен, К. Ремпис, Елвел Сотен, Э. Фитсҷералд, Ҷалолуддини Ҳумоӣ, Содиқ Ҳидоят, Свами Говинда Тиртҳа, Фурӯғӣ, Рашиди Ёсамӣ, Маҳдии Фӯлодванд, Ҳасани Донишфар, Алии Даштӣ ва дигарон кори ӯро идома дода, барои муайян кардани рубоиҳои асили Умари Хайём кӯшишҳо ба харҷ додаанд. Мақолаи В. А. Жуковский то имрӯз роҳнамои муҳаққиқон дар шинохти рубоиҳои Умари Хайём мебошад.

Дар бораи пешрафти сареъи адабиёту фарҳанг дар давраи Сомониён ва сабабҳои он асарҳои зиёде таълиф шудааст. Аксари муҳаққиқон сиёсати фарҳангии Сомониён ва таваҷҷуҳи зиёди онҳо ба адабиёту фарҳангро омили ин пешрафтҳо донистаанд. Яке аз аввалин муҳаққиқоне, ки ин масъаларо таъкид кардааст, В.А. Жуковский мебошад. Ӯдар китобхонаи Донишгоҳи Санкт-Петербург маҷмуаи рисолотеро таҳти унвони «Ҷунг дар тасаввуф» пайдо мекунад. Яке аз он рисолаҳо «Эътиқодоти ҳазрати Хоҷа Муҳаммади Порсо» таваҷҷуҳи ӯро бештар ҷалб менамояд ва ба таҳқиқи он мепардозад. В.А. Жуковский ба натиҷае мерасад, ки маҳз таваҷҷуҳи зиёди Сомониён ба урфу одати мардум ва забони онҳо омили офарида шудани асари мазкур шудааст, ки ин бори дигар аз фарҳангдӯстии онҳо гувоҳӣ медиҳад [2-М].

3. Адабиёти шифоҳӣ ё фолклор низ аз самтҳои дигари пажӯҳишҳои В.А. Жуковский буда, мавсуф аз зумраи аввалин донишмандонест, ки ба таври ҷиддӣ ба ҷамъовариву таҳқиқи осори шифоҳии мардуми Эрон машғул шудаанд. Ӯ дар зимни сафарҳояш ба Эрон аз шаҳру деҳоти гуногуни мамлакат дар баробари омӯхтани забону шеваҳо ба ҷамъоварии осори шифоҳии мардум пардохта, онҳоро дар асарҳои «Мавод барои омӯзиши лаҳҷаҳои форсӣ» ва «Намунаҳои осори мардумии форсӣ» ба нашр расондааст. Дар китоби «Намунаҳои осори мардумии форсӣ», ки аз панҷ

бахш иборат аст, В.А. Жуковский сурудҳои мутрибону сарояндагон; сурудҳои базмӣ; сурудҳои лолоӣ; чистонҳо ва намунаҳои дорои мазмунҳои гуногунро, ки зимни сабти асарҳои халқӣ дучор омадаанд, овардааст. Тавре муҳаққиқон таъкид кардаанд, асари мазкур «аввалин кӯшиши ба таври муназзам ҷамъ овардан ва баррасӣ намудани осори мардумии Форс на танҳо чун маводи ёрирасон барои ҳалли ин ё он масоили забоншиносии филологияи Эрон, балки ҳамчун осори каломи форсӣ, ки дар он хусусиятҳои хоси рӯзгор ва афкори халқи форс, хусусиятҳое, ки дар осори бадеии Форс ҷустани онҳо беҳуда аст, бозтоб ёфтааст» Намунаҳои ҷамъовардаи В.А. Жуковский ганҷинаи пурбаҳо буда, арзиши баланди бадеӣ дошта, завқу дарки амиқи зебоишинохтии мардуми Эронро нишон медиҳанд. Ҳамчунин онҳо дорои арзиши зиёди забоншиносӣ ва мардумшиносӣ мебошанд. Тавассути ин намунаҳо метавон бо расму оинҳои зиёди мардуми Эрон шинос гардид [8-М; 10-М].

4. Лаҳҷашиносӣ низ дар доираи таҳқиқоти В.А. Жуковский шомил буда, ӯ китобе бо номи «Мавод барои омӯзиши гӯйишҳои форсӣ» мураттаб сохт, ки беш аз ним аср дар донишгоҳи Санкт-Петербург ҳамчун дастури таълимӣ мавриди истифода қарор дошт. Дар таҳқиқоти мазкури ӯ бештар ба омузиши лаҳҷаҳои эронии кеша, коҳрӯдӣ, рӯдаштӣ, зефра, бахтиёрӣ ва чаҳорлангу ҳафтланг таваҷҷуҳ шудааст. Хусусан, равиши таҳқиқоти ӯро дар мавриди лаҳҷашиносии тоҷикӣ метавон истифода кард [9-М].

5. Таърихшиносӣ аз самтҳои дигар ва асосии фаъолияти илмии В.А. Жуковский ба шумор меравад. Ӯ фаъолияти илмиро бо омӯзиши таърихи мардуми Шарқ шуруъ намуда, ба таҳқиқи масъалаҳои гуногуни таърихиву бостоншиносӣ асарҳои мондагорро эҷод кардааст. «Осори бостон дар кишвари Соҳили Каспий. Харобаҳои Марви куҳан»-и В.А. Жуковский беҳтарин таҳқиқот дар бораи таърихи шаҳрҳои Эрон шинохта шудааст. Ин асари донишманди номиро муҳаққиқон беҳтарин асари таърихӣ дар бораи шаҳрҳои Эрон донистаанд. Дар асарҳои таърихшиносии В.А. Жуковский ба вазъи фарҳанг дар давраҳои гуногуни тахрихии шаҳрҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир шудааст. Дар асари мазкур доир ба шукуфоии фарҳанг дар Марв дар

аҳди бостон, китобхонаҳои бузурги шаҳр, мадрасаву масҷидҳои он маълумоти сарчашмаҳо оварда шудааст.

Дар асарҳои таърихшиносии В.А. Жуковский ба масъалаҳои ҳаёти адабии мамлакатҳо низ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Аз ҷумла, дар «Осори қадими кишвари соҳили Каспий. Харобаҳои Марви куҳан» ба масъалаи бисёр муҳимми адабӣ ишора шудааст, ки он масъалаи пайдоиши шеъри форсӣ мебошад. Дар бораи аввалин шеъри форсӣ дар сарчашмаҳо маълумоти мухталиф мавҷуданд. В.А. Жуковский маҳз дар Марв аз забони як сокини ин шаҳр садо додани шеъри форсиро дар аҳди Тоҳириён ба қалам додааст. Ин ишораи донишманд барои муайян кардани намунаи аввалини шеъри форсӣ арзишманд аст.

В.А. Жуковский ҳангоми ҳафриёти харобаҳои Марв ба катибаҳои зиёди санги мазорҳо дучор меояд. Ӯ саъй менамояд, ки он катибаҳоро бо вуҷуди хароб шуданашон хонад. Аксари он катибаҳо ба забони форсӣ буда, ба таври манзум навишта шудаанд ва дорои арзиши бадеӣ мебошанд. Дар асарҳои дигари таърихшиносии ӯ масъалаҳои мухталифи бостоншиносӣ, ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мардуми Эронро дар давраҳои гуногун, бахусус, замони нав дар бар мегиранд [1-М; 4-М; 5-М].

6. Тасаввуф низ диққати ин донишмандро ба худ ҷалб карда буд. Адабиёти халқҳои эронизабон дар асрҳои миёна бо тасаввуф робитаву пайвастагии зич дорад. Инро В.А. Жуковский дар ҷавонӣ пай бурда, ба омӯзиши решаҳо ва хусусиятҳои тасаввуф мепардозад. Суханронии ӯ 8-уми феврали соли 1895 дар ҷаласаи солонаи Донишгоҳи императории Санкт-Петербург дар мавзуи «Инсон ва маърифат аз назари сӯфиёни форсӣ» натиҷаи ҷустӯҷӯҳои чандинсола мебошад. В.А. Жуковский моҳияти тасаввуфро мавриди таҳқиқ қарор дода, махсусан, арзишҳои маънавию ахлоқии онро таъкид менамояд. Дар асарҳои дигари ба таҳқиқи аҳволу осори шайхони маъруфи тасаввуф Абдуллоҳи Ансорӣ Абусаид Фазлуллоҳ ибни Абулхайр Муҳаммад ибни Мунаввар бахшидаи В.А. Жуковский низ бештар ба ҳамин ҷанба таваҷҷуҳ шудааст [10-М].

7. Таълифоти китобҳои дарсиро низ метавон ба доираи таҳқиқоти В.А. Жуковский илова кард. Нуктаи бисёр муҳим он аст, ки В.А. Жуковский, ки забони форсиро дар сатҳи ниҳоят хуб балад буд, барои донишҷӯёни Донишгоҳи Санкт-Петербург бо ҳаммуаллифии забоншиноси машҳури рус К.Г. Залеман китоби дарсии «Сарфу наҳви мухтасари забони нави форсӣ бо иловаи вазн, библиография» таълиф кард, ки то ҳанӯз яке аз беҳтарин китобҳои омӯзиши забони форсӣ мебошад. Ин донишмандон барои омӯзиши забон пораҳои манзум ва ашъори омиёнаро хеле фаровон истифода кардаанд, то омӯзандаи забон ба умқ ва моҳияти усулии забон бирасанд [8-М].

8. Тарҷумаҳо низ яке аз самтҳои дигари фаъолияти ин ховаршиноси мумтозро ташкил медиҳад. Хидмати В.А. Жуковский дар омӯхтани дину оини халқҳои эронӣ низ хеле бузург аст. Ӯдар бораи ҷараёнҳои динии Эрон, вазъи габрҳо, фаъолияти дарвешон,ҷунбиши бобҳо ва амсоли инҳо асарҳо таълиф карда, бахусус, дар таҳқиқи аҳволу осори шайхони маъруфи тасаввуф саҳми арзанда гузошта, осори муҳимми тасаввуфиро мисли «Кашф-ул-маҳҷуб» ва девони Бобо Кӯҳии Шерозӣ тарҷума ва таҳқиқ кардааст [10-М].

9. Гирдоварӣ, таҳқиқ ва нашри китобҳои форсӣ. Хидмати В.А. Жуковскийдар таҳқиқу тарҷумаи осори муҳимми тасаввуфӣ низ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Аз ҷумла, китобҳои «Ҳолот ва суханони шайх Абусаид Фазлуллоҳ ибни Абулхайр ал-Мейҳанӣ» ва «Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомоти шайх Абусаид»-и Муҳаммад ибни Мунаввар, ки асарҳои бисёр муҳимми ҷараёни тасаввуфи эрониро ба нашр омода карда, аҳли илмро бо ин сарчашмаҳои муҳим ошно намуд [1-М].

10. Тарғиб ва муаррифии асарҳои кӯдакона. Аз ҷумла, дар яке аз гузоришҳои худ В.А. Жуковский ба адабиёти бачагон дар Эрон ишора намуда, таъкид мекунад ки дар ин кишвар ба адабиёти бачаҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мешавад. Ҳар бачаи эронӣ бо қиссаи «Мушу гурба»-и Убайди Зоконӣ ошноӣ дорад ва ба ҳамин васила мехоҳад, ки кӯдакони рус ҳам бо ин гуна шоҳкорҳои адабии форсӣ ошноӣ пайдо кунанд [8-М].

11. Сафарномаҳои В.А. Жуковский низ бисёр ҷолиб мебошанд. Ӯ дар ин гуна навиштаҳояш дар баробари манзараҳое, ки ба чашм дидааст, хусусан, шаҳрҳо, масҷидҳо, донишгоҳҳои Эрон, шахсиятҳои алоҳида, инчунин расму оинҳои мардуми таваҷҷуҳ карда, дар бораи онҳо қиссаҳои мароқангезе нақл мекунад. Вале бо ин ҳама, дар бештари ҳолатҳо риштаи суханро ба масъалаҳои адабӣ ва адабиётшиносӣ , умуман ба ҳаёти адабии Эрон боз мегардонад, ки онҳоро сафарномаҳои адабӣ низ метавон номзад кард [8-М].

12. Номаҳои В.А. Жуковский низ барои кушудани бисёр лаҳзаҳои рӯзгор ва эҷодиёти ӯ нақши муҳимро мебозанд. Ӯ дар доираи фаъолияти илмияш аз Эрон ба устодонаш, ки дар Санкт-Петурбург буданд номаҳо менависад ва аз онҳо посух мегирад. Ин номаҳо дар бойгонии таърихии давлатии Петербург маҳфузанд, фақат аз онҳо фақат якчанд намуна чоп шудааст. Бинобар ин, мо дар оянда ният дорем, ки ба таҳқиқ ва чопи онҳо шуруъ намоем [4-М; 7-М].

Умуман, мавод оид ба масъалаҳои адабиро дар навиштаҳои зиёди В.А. Жуковский, ки дар бойгониҳои гуногун нигаҳдорӣ мешаванд ва ҳанӯз чоп нашудаанд, дучор омадан мумкин аст. Захираи ғании маводи марбут ба В.А. Жуковский дар бойгонии таърихии давлатии Петербург, бойгонии Академияи илмҳои Русия, Институти Шарқшиносии Русия ва ғайра маҳфузанд, бояд ҳарҷониба таҳқиқ гардида, ба нашр расонда шаванд. Ҳоло зарурати ҷамъоварии осори парешони В.А. Жуковский, ки асосан дар асри XIX чоп шуда, имрӯз дар дастраси муҳаққиқону хонандагон нестанд ва нашри онҳо ба миён омадааст. Зеро осори эроншиносии ин донишманди варзида арзиши баланди илмӣ доранд ва метавонанд барои пешрафти соҳаҳои гуногуни эроншиносӣ мусоидат намоянд.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз таҳқиқи мавзуъ ва масъалаҳои баррасигардида бармеояд, ки рӯзгор ва осори шарқшиноси номии рус В.А. Жуковский то кунун ба таври комил омӯхта нашуда, таҳқиқи монографӣ ба вуҷуд наомадаанд. Доираи мавзуи таҳқиқи осори эроншиносии рус доманадор буда, перомуни осори адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, таърихшиносӣ, бостоншиносӣ, тасаввуф, шевашиносӣ, фолклори мардуми эронӣ чандин таҳқиқи монографӣ анҷом дод. Дар диссертатсия саъй карда шудааст, ки рӯзгор ва осори марбут ба адабиёти форсии тоҷикӣ таълиф кардари В.А. Жуковский мавриди баррасию омӯзиши амиқ қарор дода шавад. Дар канори ин, бо натиҷагирӣ аз таҳқиқи мавзуъ барои истифодаи амалии он чунин тавсияҳо дода мешаванд:

1. Диссертатсия ба унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ва муҳаққиқони баъдӣ дар омӯзиш ва таҳқиқи вижагиҳои рушду такомули шарқшиносӣ дар асри XIX дар Русия ва муайян кардани ҷанбаҳои эроншисонӣ мусоидат карда метавонад.

2. Дар диссертатсияи алоҳида мавриди омӯзиши амиққарор додани зиндагинома ва таълифоти илмии В.А. Жуковский барои муайян кардани ҷойгоҳи ӯ дар рушди эроншиносӣ дар Русия, аз ҷумла дар таҳқиқ ва баррасии масъалаҳое чун эроншиносӣ чун забоншиносӣ, шевашиносӣ, таърих, адабиёт, фолклор, мардумшиносӣ муҳим шуморида мешавад.

3. В.А. Жуковский дар адабиётшиносии рус бори аввал бо номи «Алӣ Авҳадуддин Анварии Абевардӣ» рисола навишта, аҳволу осори ин шоири маъруфро ба хонандаи рус муаррифӣ намуд, ки имрӯз низ дар таҳқиқи осори Анварӣ арзиши илмии худро ҳифз карда меояд ва ҳамчун яке аз манбаъҳои аслии рӯзгор ва осори Анварӣ ба ҳисоб меравад.

4. Саҳми В.А. Жуковский дар таҳқиқи рӯзгору осори Умари Хайём низ дар шарқшиносии рус хеле бузург аст. Ӯ яке аз аввалин донишмандони

рус аст, ки симои Умари Хайёмро чун ҳакиму донишманд ва суханвари бузург муайян кард ва масъалаи шинохти рубоиёти аслии ӯро ба миён гузошта, дар ин масъалаи хеле душвори илмӣ мушоҳидаву мулоҳизаҳои муқаддимотиро баён намуд, ки минбаъд дар осори муҳаққиқони дигар такомул ёфт.

5. Таҳқиқоти В.А. Жуковский дар ҳаёт ва осори Абуабдуллоҳи Ансорӣ ва Бобо Тоҳири Урён, ки намояндагони адабиёти сӯфия мебошанд, низ назаррас буда, дар омӯхтани ин бахши адабиёт метавонад ҳамчун дастури раҳнамо хидмат намояд.

6. Китобҳои «Мавод барои омӯзиши лаҳҷаҳои форсӣ», «Намунаҳои осори мардумии форсӣ» ва «Мавод барои омӯзиши гӯйишҳои форсӣ» дар самти таҳқиқи осори шифоҳӣ ва забоншиносии эронӣ арзишманд буда, дар омӯзиши минбаъдаи ин соҳаҳо мусоидат кардааст. Албатта, дар доираи диссертатсияи номзадӣ баррасӣ ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи эҷодиёти ин ё он адиб имкон надорад. Аз ин рӯ, таҳқиқи густарда ва фарогири самтҳои дигари фаъолияти илмии В.А. Жуковский аз ҷумлаи мавзуъ ва масъалаҳои илми эроншиносӣ дар оянда ба ҳисоб меравад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. Ба забони русӣ


1. Абдуллаева, Ф. Жуковский Валентин Алексеевич [Текст] / Ф. Абдуллаева. – М: Энциклопедия Иранистика, 2009. – С. 43-54.
2. Артур Арберӣ. Умари Хайём. 19 мақола дар бораи ҳаким Умари Хайём. [Матн] / Артур Арберӣ. – Теҳрон, 1390. – С. 75.
3. Авдиев, В.И. Историко-археологическое изучение Средней Азии [Текст] / В.И. Авдиев // Двадцать пять лет исторической науки в СССР. – М. – Л., 1942. – С. 65-77.
4. Алиев, С., Дорри, Ж. Иранский фонд / С. Алиев., Ж. Дорри [Текст] // Востоковедные фонды крупнейших библиотек Советского Союза. // – М.: ИВЛ. – 1963. –С. 68-70.
5. Базиянц, А.П. Лазаревский институт восточных языков [Текст] / А.П. Базиянц. – М., 1959; Бартольд, В.В. Восток и русская наука // Бартольд В.В. Сочинения. Т. 9. – М., 1977. – С. 534-545.
6. Бартольд, В.В. История изучения Востока в Европе и России [Текст] / В.В. Бартольд. – Ленинград, 1925. – 318 с.
7. Бартольд, В.В. Историко-географический обзор Ирана [Текст] / В.В. Бартольд. – СПб., 1903. – С. 34-545.
8. Бартольд, В.В. Иран. Исторический обзор [Текст] / В.В. Бартольд. – Ташкент, 1926. – С. 53-75.
9. Бартольд, В.В. Обзор деятельности факультета восточных языков // Бартольд В.В. Сочинения. Т. 9 / В.В. Бартольд. – М., 1977. – С. 23-198.
10. Бартольд, В.В. Памяти В.А. Жуковскаго [Текст] / В.В. Бартольд. – М.: ЗВОРАО. Т. XXV. – 1919-1920, 1921. – С. 399-414.
11. Бартольд, В.В. Сочинения. Т. 1 [Текст] / В.В. Бартольд. – М., 1963. – 759 с.
12. Бертельс, Е.Э. Избранные труды. Суфизм и суфийская литература [Текст] / Е.Э. Бертельс. – М., 1965. – 524 с.

13. Бертельс, Е.Э. История персидско-таджикской литературы [Текст] / Е.Э. Бертельс –М., 1960. –556 с.
14. Бертельс, Е.Э. Очерк истории персидской литературы [Текст] / Е.Э. Бертельс. – Ленинград., 1928.– С. 204.
15. Биографический словарь профессоров и преподавателей [Текст] / С-Петербургского университета и его существования. – 1869-1894. Т. 1., СПб., – 1896. – С. 254-256.
16. Боголюбов, М.Н. В.А. Жуковский как языковед. Очерки по истории русского востоковедения [Текст] / М.Н. Боголюбов / / Сборник V.–М., – 1960. – С. 45-49.
17. Болдырев, А.Н. Персидская литература с VIII по начало XIX века Краткая история литератур Ирана, Афганистана и Турции [Текст] / А.Н. Болдырев / / – Ленинград. – 1971. – С. 54-56.
18. Борщевский, Ю.Е. К характеристике рукописного наследия В.А.Жуковского. Очерки по истории русского востоковедения [Текст] / Ю.Е. Борщевский // Сб., IV, М.: ИВЛ, – 1960. –С. 544.
19. Борщевский, Ю.Е. «Тарих-и мухтасар-и сахих-и би-дуруг» Али-хана Каджара Захир од-доуле Сафи Али-шаха [Текст] / Ю.Е. Борщевский // Очерки по истории русского востоковедения. Сб. IV, М. ИВЛ. – 1960. – С. 63-114.
20. Брагинский, И. С. Из истории таджикской и персидской литературы [Текст] / И. С. Брагинский. –М., – 1972. – 523 с.
21. Брагинский, И. С. Очерки по истории таджикской литературы [Текст] / И. С. Брагинский. – Сталинабад, – 1957. –С.127.
22. Брагинский, И.С., Кузнецова Н.А., Кулагина Л.М. Иранистика. БСЭ, Т. 10. [Текст] / И. С. Брагинский., Н.А. Кузнецова., Л.М. Кулагина. – Москва: – 1972. – С. 1264.
23. Бушев, П.П. К вопросу о первой поездке В.А. Жуковского в Иран .(1883-1886). Очерки по истории русского востоковедения. [Текст] / П.П. Бушев //– М.: ИВЛ. – 1960. – С. 115-124.

24. Бушев, П.П. Жизнь и деятельность В.А. Жуковского. Очерки по истории русского востоковедения. Сб,. IV [Текст] / П.П. Бушев. – М.: ИВЛ. – 1960. – С. 126-136.
25. Ворожейкина, З.Н. Исфаханская школа поэтов и литературная жизнь Ирана в предмонгольское время. (XII–начало XIII в.) [Текст] / З.Н. Ворожейкина. –М.: ИВЛ. – 1984. – С. 268.
26. Гафуров, Б. Г. История таджикского народа в кратком изложении. Т. 1. изд. 2-е [Текст] / Б. Г. Гафуров // – М., – 1952. – С. 234.
27. Григорьев, В. В. О скифском народе саках. [Текст] / В.В. Григорьев. – СПб. – 1871.
28. Горохова, Г.С. История востоковедения в Ленинградском университете в 1917–1930 гг. Филология и история стран зарубежной Азии и Африки. / Г.С. Горохова // Тезисы докладов.– ЛГУ, – 1965. –С. 54–56.
29. Гуляев, Н.А. Теория литературы [Текст] / Н.А. Гуляев //–Москва: – 1977. – С. 278.
30. Густерин, П.В. Иранист Валентин Алексеевич Жуковский. Энсиклопедия Иранистика [Текст] / П.В. Густерин // Т 3. – Спбу: – 2017. – С. 85-86.
31. Густерин, П. В. Первый российский востоковед Дмитрий Кантемир [Текст] / П.В. Густерин,. – Москва. – 2008.
32. Жирмунский, В.М. Теория литературы. Поэтика [Текст] / В.М. Жирмунский // Стилистика –Ленинград. – 1977. – С. 406.
33. Жуковский, В.А. Али Аухадэддин Энвери. Материалы для его биографии и характеристики [Текст] / В.А. Жуковский. – Санкт Петербург. – 1883.
34. Жуковский, В.А. Древности Закаспийского края. Развалины старого Мерва [Текст] / В.А. Жуковский. – СПб. – 1894. – С.216.
35. Жуковский, В.А. Жизнь и речи старца Абу-саида Мейхенейского. [Текст] / В.А. Жуковский // СПб., – 1899. –С. 90.

36. Жуковский, В.А. Материалы для изучения персидских наречий [Текст] /В.А. Жуковский// ч. I, СПб. – 1888. –С. 23.
37. Жуковский, В.А. Материалы для изучения персидских наречий [Текст] /В.А. Жуковский// Ч. II, вып. 1, –Петроград. – 1922. – 432 с.
38. Жуковский, В.А. Материалы для изучения персидских наречий [Текст] /В.А. Жуковский// Ч. III, –Петроград. – 1922. –205 с.
39. Жуковский, В.А. Могила Фирдоуси [Текст] /В.А. Жуковский// ЗВОРАО, Т.. VI, – 1891. –С. 308-314.
40. Жуковскій, В.А. Омаръ Хайямъ и «странствущія» четверостишія \\ «المظفريه». Сборникъ статей учениковъ профессора Барона Виктора Романовича Розена ко дню двадцатипятилетія его первой лекціи [Текст] / В.А. Жуковскій. – СПб.,. – 1897 – С. 326 -363.
41. Жуковский, В.А. О положении гебров в Персии [Текст] /В.А. Жуковский// ЖМНП, ч. 237, – 1895.
42. Жуковский, В.А. «Раскрытие скрытого за завесой («Кяшф-аль-Махджуб»), [Текст] /В.А. Жуковский. – Ленинград, – 1926. –С. 607.
43. Жуковский, В.А. Человек и познание у персидских мистиков. Речь, читанная на годичном акте Императорского С.-Петербургского университете 8 февраля 1895 г. [Текст] / В.А. Жуковский. – СПб. – 1895. –С.32.
44. Жуковский, В.А. جمجمهنامه Легенда об Иисусе и череп в персидском стихотворном сказе Аттора. ЗВОРАО, Т. VII, [Текст] / В.А. Жуковский // – 1892. – С. 65-69.
45. Жуковский, В.А. Песни Хератского стара (Восточные заметки) [Текст] / В.А. Жуковский. – СПб. – 1895. –С. 79-113.
46. Жуковский, В.А. Образцы персидского народного творчества. Песни перцов-музыкантов, песни свадебные, песни колыбельные, загадки, образцы разного содержания. [Текст] / В.А. Жуковский. – СПб., – 1902. –С. IX-281.

47. Жуковский, В.А. О чертах современного положения в Перции в ее литературных произведениях [Текст] /В.А. Жуковский // ЗВОРАО. Т. XVI. вып. 1, – 1904. –С. XVI.
48. Жуковский, В.А. Спор чашки с кальяном [Текст] /В.А. Жуковский // – Спб. –1887-1901. – С. 56. персидского текста. – словарь, второе издание. –С. 64.
49. Жуковский, В.А., Зелеман, К.Г.Краткая грамматика новоперсидского языка с приложением метрики и библиографии [Текст] /В.А. Жуковский., К.Г. Зелеман // –СПб. – 1890. – 100 с.
50. Жуковский, В.А. Предварительные заметки о некоторрых персидских наречиях [Текст]. / В.А. Жуковский // ЗВОРАО, т. 1. вып. 1. – 1886. – С. 23-27.
51. Жуковский, В.А. Образчик персидского юмора [Текст]. / В.А. Жуковский // ЗВОРАЮ, т. 1. Вып. 4. – 1887. – С. 316-318.
52. Жуковский, В. А. Секта «Людей истины» (Аҳли ҳақ) – в Персии». [Текст]. / В.А. Жуковский // ЗВОРАО. Т. II. вып. 1-2. – 1887. –С.1-24.
53. Жуковский, В. А. Толкование притчи в сатире Фирдоуси [Текст]. / В.А. Жуковский // ЗВОРАО, т.II, вып. 3-4. – 1888. –С. 263-266.
54. Жуковский, В. А. Песнь Насири-Хосрава [Текст]. / В.А. Жуковский // ЗВОРАО, т. IV. вып. 3-4. – 1890. –С. 386-393.
55. Жуковский, В. А. Персидский шах Наср-эддин – писатель (газ. Новое время) [Текст]. / В.А. Жуковский // –Спб. – 1889. №4741.
56. Жуковский, В.А. Юмор персидско-индийский [Текст]. /В.А. Жуковский // ЗВОРАО. т. V, вып. 1. – 1890, –С.111-112.
57. Жуковский, В. А. Мусульманство Рустема Дастановича. жур. Живая старина [Текст]. / В.А. Жуковский // Вып. IV. –СПб. – 1891. –С. 109-117.
58. Жуковский, В.А. Соловей и Муравей [Текст]. / В.А. Жуковский // ЗВОРАО. т. XI. вып. 1-4. – 1899. –С.304-307.
59. Жуковский, В. А. К истории персидской литературы при Саманидах [Текст]. / В.А. Жуковский // ЗВОРАО, т. XII, вып. 1. – 1899. –С. 04-07.

60. Жуковский, В. А. Кое-что о Баба Тахире Голыше [Текст]. / В.А. Жуковский // ЗВОРАО, Т. XIII, вып. 4, – 1901. –С. 104-108.
61. Жуковский, В.А. Мой отец. –125-130 с. Очерки по истории русского востоковедения. Сборник V. Памяти В. А. Жуковского [Текст]. / В.А. Жуковский // – Москва: Восточной литературы. – 1960. –С. 125-130.
62. Занд, М. Шесть веков славы. Очерки персидчко-таджикской литературы. [Текст]. / М. Занд . –М., – 1964. –С. 252.
63. Зелеман, К.Г. Очерк истории древнеперсидской или иранской литературы [Текст] / К.Г. Зелеман . – 187 с.
64. Иран. Сб. статей –Москва, ИВЛ, –С. 1963. –268 с.
65. Иранистика в России и иранисты –Москва. – 2001. –240 с.
66. История отечественного востоковедения до середины XIX века–Москва. – 1990. –435 с.
67. История отечественного востоковедения с середины XIX века до 1917 года.–Москва. – 1997.
68. Избранные четверостишия персидско-таджикских поэтов-классиков. [Текст]. / Р.Хади-заде // –Душанбе: Ирфон. – 1965. –216 с.
69. Историяграфия истории СССР с древнейших времен до Великой Октябрской революции –М.: – 1961. С. 124
70. Кононов, А.Н. Некотрые вопросы изучения истории отечественного востоковедения [Текст] / А.Н. Кононов . —М.: ИВЛ. – 1960. –С. 31.
71. Краткая грамматика новоперсидского языка с приложением метрики и библиографии. [Текст] / К.Г.Залеман и В.А.Жуковский// –СПб. – 1890.
72. Кулагина, Л.М. Из истории российской иранистики. Иранистика в России и иранисты [Текст] / Л.М. Кулагина . –М., – 2001. –С. 18–36.
73. Кулагина, Л.М. Московская школа иранистики: изучение истоических проблем. Иранистика в России и иранисты [Текст] / Л.М. Кулагина . –М., – 2001. –С. 45–52.
74. Кязимов, М.Д. «Асрор ат–таухид» Мухаммада ибн Мунаввара. Мухаммад бин Мунаввар. Асрор ат–таухид фи макамат аш-шейх Абу Саид (Тайны единобожия в деяниях шейха Абу Саида). Перевод с

персидского, предисловие, примечания и указатели [Текст] /М.Д. Кязимова. –Баку. – 2010. –524 с.

75. Краткая грамматика новоперсидского языка с приложением метрики и билиографии. Составили [Текст] / К.Г.Залеман и В.А.Жуковский //–СПб., – 1890. –100 с.
76. Крымский, А. История Персии, ее литературы и дервишской теософии [Текст] / А. Крымский Т. II.–М., – 1912. –261 с.
77. Кушев, В. В. Два мухаммаса из собрания В. А. Жуковского. –КСИНА 69. Исследование рукописей и ксилографов Института народов Азии [Текст] / Кушев. В. В.. –М., – 1965. –С. 29-45.
78. Литература Востока в средние века, Ч. I. М., МГУ. – 1970 – 471 с.
79. Логашова, Б. Исследования российских ученых в области этнографии народов Ирана.В кн.:Иранистика в России и иранисты / Логашова Б. –М., – 2001. –С. 89–95.
80. Лозеев, П.Н. Омар Хайям в источниках и русских стихотворных переводах / П.Н. Лозеев // АКД, Сталинабад. – 1952. –С. 18.
81. Лунин, Б.В. Средняя Азия в дореволюционном и советском востоковедении [Текст] / Лунин, Б.В. // Ташкент. – 1965.–407 с.
82. Ольденбург, С.Ф. Валентин Алексеевич Жуковский [Текст] / С.Ф Ольденбург . – 1858-1918. Известия Российской Академии наук, – 1918, – № 2. –С. 2039 -2068.
83. Османов, М.Н. Омар Хайям: проблемы и поиски. Омар ҳайям. Рубайат [Текст] / М.Н. Османов // –М.: –Наука. – 1972. –С. 156-185.
84. Оранский, И.М. Изучение истории таджикского и персидского языков. Очерки по истории русского востоковедения [Текст] / И.М. Оранский // сб. IV.–М. – 1959. –151 с.
85. Очерки по истории русского востоковедения, СПб., V. –Памяти В. А. жуковского. АН СССР, Институт востоковедения; отв. [Текст]. / Ред. В. И. Авдеев и Н. П. Шастина. –М.: Вост. Лит. – 1960.
86. Рипка Ян. История персидской и таджикской литературы [Текст]. / Рипка Ян. –М.: – 1970.

87. Ромаскевич, А.А. В.А. Жуковский и персидская народная поэзия [Текст]. / А.А. Ромаскевия // ЗВОРАО. Т. XXV. – 1921. –С. 415–419.
88. Ромаскевия, А.А. Предисловие к изданию «Раскрытие скрытого за завесой («Кяшф аль-Махджуб») [Текст]. / А.А. Ромаскевия. –Л., – 1926.
89. Смирнова, О.И. Место труда В. А. Жуковского «древности Закаскийского края. Развалины старого Мерва в истории изучения среднеазиатских городов. Очерки по истории русского востоковедения. Сборник V. Памяти В. А. Жуковского [Текст]. / О.И. Смирнова. – Москва: Восточной литературы. – 1960. –С. 50-58.
90. Советская историческая энциклопедия. –М.: Наука, – 1961-1976. Т. 3. – 216 с.
91. Список трудов В.А.Жуковского [Текст]. ЗВОРАО, Т. XXV.–М., – 1921.–С. 420-422.
92. Тагирджанов, А.Т. «Диван» Баба Кухи в исследованиях В. А. Жуковского. Очерки по истории русского востоковедения. Сборник V. Памяти В. А. Жуковского [Текст]. / А.Т. Тагирджанов // – М., Восточной литературы. – 1960. –С. 59-62.
93. Тимофеев, Л.И. Основы теории литературы [Текст]. / Л.И.Тимофеев. – М., – 1970.
94. Умняков, И.И. Воспоминание о В.А.Жуковском. Очерки по истории русского востоковедения [Текст]. / И.И. Умняков // Сб. IV. М., ИВЛ, – 1969. –С. 134–135.
95. Хаййам Омар. Рубаййат, перевод и предисловие Р.М.Алиева и М.–Н. Османова,–М., – 1959. ч. I–2. –С. 43–89.
96. Хайям Омар. Рубаъийат. Подготовка текста, перевод и предисловие Р.М. Алиева и М.Н. Османова. Под редакцией Е.Э. Бертельса [Текст]. / Хайям Омар. Часть 1 (Факсимиле). – Москва: Изд-во восточной литературы, – 1959м. –С. 46.
97. Хайям Омар, Хафиз, Саади. Поэзия Востока [Текст]. / Хайям Омар, Саади Хафиз. – М., – 2012м. – 224 с.

98. Хайём Умар. Омар Хайям. (форсӣ ва русӣ) [Матн]. / Мураттиб: А. Абдуманнонов. – Душанбе., «Ирфон», – 1985. – 262 с.
99. Хайём Умар. Рубоиёт [Матн] / (Мураттиб: М. Занд, дар зери таҳрири А. Мирзоев). – Сталинобод: Нашр, дав. Тоҷ., – 1955. –С.140.
100. Хайём Умар. Рубоиёт Дар кит. Гулшани адаб. Намунаҳои назми форсу тоҷик / У. Хайём // Асрҳои IX – XIII – Душанбе., Ирфон, – 1976. – С. 382.
101. Хайём Умар. Рубоиёт / У. Хайём. – Сталинобод: – 1955. – С. 80.
102. Хайём Умар. Рубоиёт / У. Хайём. – Душанбе: – 2010. – С. 75.
103. Хайём Умар. Рубоиёти Хайём / У. Хайём. – Душанбе: Эр-граф, – 2018. – 208 с.
104. Шапшал, С.М. Валентин Алексеевич Жуковский. Очерки по истории русского востоковедения. / С.М. Шапшал // Сборник V. Памяти В. А. Жуковского – Москва: Восточной литературы. – 1960. –С. 131-133.
105. Щеглова, О.П. К вопросу об источниковедеческой значимости коллекции иранских литографий в ЛГУ [Матн] / О.П. Щеглова. – М., Наука, – 1985. – С. 89-92.

**Ба забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ**

106. Абдулҳақ Фозил. Саврат-ул-Хайём [Матн] / Абдулҳақ Фозил. – Бейрут: Дор-ул-илм лил малойин, – 1968 м.– 271 с.
107. Абусаиди Абулхайр. Шабнами ишқ [Матн] / Абусаиди Абулхайр. – Хуҷанд: – 1993.
108. Анварӣ. Бо саъй ва эҳтимоми Саид Нафисӣ [Девон] / Анварӣ. – Теҳрон: – 1337. – 650 с.
109. Бертелс, Е. Э. Таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ (аз рӯзгори бостон то поёни аҳди Салҷуқиён). Тарҷумаи Сируси Эзадӣ / Е. Э. Бертелс. – Душанбе., Эр-граф. – 2015. – 584 с.
110. Бобо Тоҳири Урён. Таронаҳо [Матн] / Бобо Тоҳири Урён. – Душанбе: – 1992.
111. Бухороӣ Муҳаммад Авфӣ. Лубоб-ул-албоб [Матн] / Бухороӣ Муҳаммад Авфӣ // Бо саъйи Э. Браун, ҷ.II – Лейден: – 1906.

112. Жуковский, В.А. Инсон ва маърифат аз назари сӯфиёни форсӣ, тарҷумаи Абдушукури Абдусаттор [Матн] / В.А. Жуковский // Садои Шарқ, – 1999. № 10-12. – С. 121–135.
113. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Бо корвони ҳулла [Матн] / Зарринкӯб Абдулҳусайн. – Теҳрон: – 1343.
114. Зоиров, Ҳ. Адабиёти тасаввуф (асрҳои XI–XIII) [Матн] / Ҳ. Зоиров. – Хуҷанд: – 2013. – 235 с.
115. Китобшиносии Умари Хайём. Гирдоварандагон Фотима Ангуронӣ ва Заҳро Ангуронӣ.–Теҳрон: – 1381. – С. 410–220.
116. Маю мино. Сайре дар зиндагӣ ва осори ҳаким Умари Хайёми Нишопурӣ. Ба кӯшиши Алии Деҳбошӣ.–Теҳрон, – 1383. –936 с.
117. Матлубаи Мирзоюнус. Адабиёти миллӣ ва муколамаи фарҳангҳо [Матн] / Матлубаи Мирзоюнус. –Хуҷанд: – 2016. –514 с.
118. Мирзоев, А. Сездаҳ мақола [Матн] / А. Мирзоев.–Душанбе.: Ирфон, – 1977. –287 с.
119. Муллоаҳмад, М. Ховаршиноси шинохтаи рус [Матн] / М. Муллоаҳмад // Равзанаи хирад.–Хуҷанд, – 2016. – С. 510-516.
120. Муллоаҳмад, М. Эроншиносӣ ва марказҳои асосии он [Матн] / М. Муллоаҳмад // Дар китоби «Осори эроншиносӣ» ч. I. –Душанбе: – 2017. – С. 8-15.
121. Муллоаҳмад, М. Эроншиносӣ ва марказҳои асосии он [Матн] / М. Муллоаҳмад // Дар китоби «Осори эроншиносӣ» ч. I. –Душанбе: – 2017. – С. 16-23.
122. Муллоаҳмад, М. Ҳаким Умари Хайём ва рубоиёти асили ӯ [Матн] / М. Муллоаҳмад // –Душанбе: – 2019. – С. 192.
123. Муллоаҳмад, М. Рӯдакӣ ва рӯдакишиносон [Матн] / М. Муллоаҳмад // Адиб. –Душанбе: – 2012. –С. 248.
124. Назир, У. Умари Хайём нобиғаи тамаддуни ҷаҳонӣ [Матн] / У. Назир // Пайванд. –Душанбе: – 2010. –С. 505.
125. Нишапури, Хаким Омар Хайям. Рубайят (Форсӣ, инглисӣ, булғорӣ) [Матн] / Нишапури // Филологический перевод и коментарии Иво

Панова. Интишороти Дабирхонаи Шурои Густариши забон ва адабиёти форсӣ. – Теҳрон., – 1377 ш. –С. 168.
126. Одинаев, Ё. Умари Хайём ва рубоиёти ӯ аз назари Свами Говинда [Матн] / Ё. Одинаев . –Душанбе, – 2013. – 942 с.
127. Разавӣ Амини Маҳдӣ. Саҳбои хирад. Шарҳи аҳвол ва осори ҳаким Умари Хайёми Нишопурӣ [Матн] / А.М. Разавӣ . –Теҳрон., – 1385. – 472 с.
128. Раҳим Ризозодаи Малик. Таронаҳои Хайём (гавҳари андеша–ҷавҳари фалсафа) [Матн] / М.Р. Раҳим . – Теҳрон: – 1378. – 208 с.
129. Самадов, Т.Анварӣ ва ғазалиёти ӯ [Матн] / Т.Самадов. –Душанбе: – 1988. –164 с.
130. Сатторзода, А. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ [Матн] / А. Сатторзода. –Душанбе: – 2001. –140 с.
131. Сатторзода А., Исрофилниё Ш., Диловаров М., Зоҳидӣ Н., Муҳаммадиев Ш., Таърихи адабиёти тоҷикӣ (аз Давраи бостон то ибтидои асри XX). ҷ 1. [Матн] / А. Сатторзода, Ш. Исрофилниё, М. Диловаров, Н. Зоҳидӣ , Ш. Муҳаммадиев.. – Душанбе., – 2019. – 629 с.
132. Сафо Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон, ҷ. II. [Матн] / З.Сафо. – Теҳрон: – 1339. –1128 с.
133. Таботабоӣ Муҳаммад. Хайёмӣ ё Хайём. [Матн] / М. Таботабоӣ.. – Теҳрон: – 1370. –218 с.
134. Умари Хайём. Рубоиёт. Мусаҳҳеҳ Алии Ростгӯ [Матн] / У. Хайём.. – Теҳрон: чопи дувум. – 1358. –120 с.
135. Фурӯзонфар Бадеуззамон. Сухан ва суханварон, ҷ. I. [Матн] / Ф. Бадеуззамон. –Теҳрон., – 1318 с.
136. Мазоҳир Мусаффо, Ҳидоят Ризоқулихон. Маҷмаъ-ул-фусаҳо. Бокӯшиши ҷ.I. [Матн] / М. Мазоҳир –Теҳрон. – 1334 с.
137. Ҳасанов, А., Самеев, А. Ҳаждаҳ мақола (таърихи ташаккули забони тоҷикӣ аз назари олимони Шарқу Ғарб) [Матн] / А. Ҳасанов, А Самеев. –Хуҷанд: нури маърифат, – 2008. – 266 с.

138. Гулрухсор, Сафиева. Шинохти рубоиёти Умари Хайём [Матн]. / Сафиева Гулрухсор. – Душанбе: «Пайванд», – 2000. – 194 с.

**Ба забонҳои дигар**

139. Carl Salemannund. Persische Grammatik mit Literatur. Chrestoma thieund Glossarvon Valentin Shukovski. – Berli: – 1899.

140. Rypka Jan. Dejiny perske a tadzicke Literatury.– Praha, 1956.

141. Storey, C.A. Persian Literature. A bio-bibliographical Survey. / C.A. Storey // Vol. 1–11, 1927. – 1973 c.

# НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

## I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:


[1-М]. Алиев, С.М. Валентин Алексеевич Жуковский – муҳаққиқи адабиёти форсии тоҷикӣ [Матн] / С.М. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/7. – С. 203-205.

[2-М].Алиев, С.М. Умари Хайём дар чашмандози илмии В.А. Жуковский [Матн] / С.М. Алиев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018. – № 5-1 (77). – С. 184-187.

[3-М]. Алиев, С.М. Саҳми В.А. Жуковский дар шинохти Анварӣ [Матн] /С.М. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 5. – С. 179-183.

[4-М]. Алиев, С.М. Зиндагиномаи ховаршиноси мумтоз [Матн] / С.М. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 6. – С.196-201.

[5-М]. Алиев, С.М. Ҳаёт ва фаъолияти В.А. Жуковский [Матн] / С.М. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 1. – С. 187-196.


## II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашриyaҳои дигар:


[6-М]. Алиев, С.М. Рӯдакишиносӣ дар чашмандози илмии шарқшиносони рус [Матн] / М. Муллоаҳмад, С.М. Алиев // Осор. Ҷилди IV (Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот). – Душанбе: Аржанг, 2017. – С. 380-396.

[7-М]. Алиев, С.М. Арзиши адабии осори забоншиносии В.А. Жуковский [Матн] / С.М. Алиев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Ҷанбаҳои забоншиносӣ ва иҷтимоии тарҷума дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот». – Душанбе, 2022. – С. 222-228.

[8-М]. Алиев, С.М. Исследование литературы и культуры Иранского народа в научных трудах В.А. Жуковского [Текст] / С.М. Алиев // Материалы международной конференции «Современные стратегии развития общества, науки и образования». – Москва, 2023. – С. 45-50.

[9-М]. Алиев, С.М. В.А. Жуковский ва таҳқиқи жанри қасида дар ашъори Анварӣ [Матн] / С.М. Алиев // Маводи конференсия ҷумҳуриявии «Рушду таҳаввули жанри қасида дар адабиёти форсу тоҷик». – Бохтар, 2023. – С. 225-231.

[10-М]. Алиев, С. М. Саҳми В.А. Жуковский дар рушди забоншиносии форсӣ [Матн] / С.М. Алиев // Забон – ҳастии миллат (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами луғатшиносии тоҷик: мушкилот ва дурнамо»). – Душанбе, 2023. – С. 265-272.